МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ “ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ФАРҲАНГ ВА САНЪАТИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА”

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ТДУ 069(5753)
ТКБ 79.1 (2 тоҷик)
Ҷ - 27

**ҶАЛОЛОВ БЕҲРӮЗ ФАРҲОДОВИЧ**

# ФАЪОЛИЯТИ ЭКСПОЗИТСИОНӢ – НАМОИШИИ ОСОРХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МУАРРИФИИ ТАЪРИХИ ФАРҲАНГИ ХАЛҚИ ТОҶИК (СОЛҲОИ 1991-2021)

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз рӯи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор
**Умедов Мастон Ҳамдамович**

Душанбе – 2024

## МУНДАРИҶА

**Номгӯи ихтисораҳо**.....................................................................................3

**Муқаддима**................................................................................................4-8

**Тавсифи умумии таҳқиқот**.......................................................................8-13

**БОБИ I. ЭКСПОЗИТСИЯ ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ ОСОРХОНАҲО**

1.1. Экспозитсия шакли асосии илмӣ-намоишӣ ва тарғиботии осорхона......................................................................................................14-29

1.2. Роҳҳои асосии ташкили экспозитсия, ороиши бадеӣ ва истифодаи технологияи муосир дар осорхона......................................................30-45

1.3. Зарурати танзими реҷаи ҳарорат, рутубат ва рушноӣ дар экспозитсияи осорхонавӣ..................................................................46-59

**БОБИ II. МУАРРИФИИ ТАЪРИХИ ФАРҲАНГИ ХАЛҚИ ТОҶИК ТАВАССУТИ ЭКСПОЗИТСИЯ ВА НАМОИШҲОИ ОСОРХОНАВӢ**

2.1. Экспозитсияи Осорхонаи миллии Тоҷикистон инъикосгари таърихи фарҳанги халқи тоҷик...................................................................60-108

2.2. Муҳиммияти ташкили намоишҳои осорхонавӣ, намудҳои он ва таърихи баргузории намоишҳои дохилии Осорхонаи миллии Тоҷикистон............................................................................................109-142

2.3. Аҳаммияти баргузории намоишҳои сайёр, байналмилалӣ ва маҷозии (вертуалӣ) Осорхонаи миллии Тоҷикистон......................................143-153

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқот..........................159

Рӯйхати адабиёт..........................................................................160-177

Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия..........................177-179

# НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

**ВАО** – васоити ахбори омма

**ВМКБ** – Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон

**ИДМ** – Иттиҳоди давлатҳои мустақил

**КОА** – Комиссияи олии атестатсионӣ

**ҶБВ** – Ҷанги бузурги ватанӣ

**МД** – Муассисаи давлатӣ

**НМЭ** – Нақшаи мавзуии экспозитсионӣ

**ОМТ** – Осорхонаи миллии Тоҷикистон

**СММ** – Созмони Миллали Муттаҳид

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар замони муосир нақши осорхонаҳо ҳамчун муассисаҳои илмӣ-таърихӣ ва фарҳангиву маърифатӣ хело муҳим мебошад, зеро осорхонаҳои кишвар дар муаррифӣ намудани таъриху фарҳанги миллати тоҷик ва таҳкими маърифату фарҳанги ҷомеа нақши бориз доранд.

Аҳамият ва зарурати ин падидаи фарҳангиро ба инобат гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2013 дар маросими ифтитоҳи Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва мулоқот бо зиёиёни кишвар чунин ибрози андеша намуда буданд: “Осорхона – оинаи пурҷилоест, ки ҳаёт ва таърихи халқ, пирӯзиҳо ва нокомиҳои он, дастовардҳои илму фарҳанг ва сарнавишти фарзандони номдору ифтихорманди миллатро инъикос мекунад”.[1]

Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти осорхонаҳо ин ба таври дуруст ва касбӣ ташкил намудани экспозитсияи осорхонавӣ мебошад. Бинобар ин мо зарур шуморидем, то мавзуи мазкурро дар доираи як рисолаи илмӣ ба риштаи таҳқиқ кашем.

Муҳимияти мавзуи таҳқиқот боз дар он зоҳир мегардад, ки дар шароити ҷаҳонишавии ҷомеаи фарҳангӣ ва рушди бемайлони воситаҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар радифи осорхонаҳои анъанавӣ пайдо шудану ба фаъолият шуруъ кардани осорхонаҳои маҷозӣ (вертуалӣ) ҳамчун марказҳои нави ҷамъоварӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ ва истифодаву интиқоли манобеи иттилоотӣ ба сифати объекти таҳқиқот мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Дар таҳқиқоти то ба имрӯз ба анҷом расида, масоили экспозитсияи осорхона танҳо аз нигоҳи объекти мавзуъҳои матраҳшуда баррасӣ шуда,

---

[1] Раҳмон, Э. Зиёиён – нерӯи раҳнамо ва ҳидоятгари ҷомеа [Манобеи электронӣ]: Суханронӣ дар маросими таҷлили чорумин ҷашни ҷаҳонии Наврӯз ва ифтитоҳи Осорхонаи миллии Тоҷикистон, 20 марти соли 2013. Низоми дастрасӣ: http://president.tj/node/4130 (санаи мурочиат: 17.09.22)

раванди ташаккулёбӣ ва тағйирпазирии фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии осорхонаҳо ҳамчун инъикосгари таъриху фарҳанги халқи тоҷик дар даврони истиқлол, мавриди арзёбӣ қарор нагирифтааст. Маҳз бо дарназардошти ин масъала, омӯзиши фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар даврони истиқлолияти давлатӣ хело муҳим мебошад.

Муҳимияти пажуҳиши мавзуи таҳқиқро масъалаҳои зерин асоснок менамояд:

- омӯзиши ҳамаҷонибаи фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун муаррифгари таъриху фарҳанги халқи тоҷик;
- омӯзишу ташкили экспозитсияи осорхонавӣ дар давраи нави таърихи инкишофи давлатдории миллӣ;
- таҳқиқи масъалаҳои нави назариявии фаъолияти экспозитсияи осорхонавӣ вобаста ба рушди илми соҳаи осорхонашиносӣ;
- мавриди омӯзиш ва хулосабарорӣ қарор додани таърихи фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон;
- такмили донишҳои илмӣ оид ба фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии осорхонаҳои Тоҷикистон.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Омӯзиши таърихи фаъолияти экспозитсионии осорхонаҳо дар ҷомеаи навин таваҷҷуҳи олимони соҳаҳои мухталифи илмро ба худ ҷалб намудааст. Дар ин раванд аз ҷониби муҳаққиқон осори гуногуни ҷамъбастӣ, рисолаву маҷмуаҳои илмӣ, таҳқиқотҳои диссертатсионӣ ва мақолаҳо дар матбуоти даврӣ ба нашр расидаанд.

Пеш аз ҳама доир ба мавзуи фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии осорхонаҳо олимону донишмандон ва муҳаққиқони рус аз ҷумла А.И. Михайловская,[1] Б. Закс,[1] Н. Кузнецов ва Н. Иличев,[2] Э. Коган,[3] инчунин

[1] Михайловская, А.И. Музейная экспозиция [Текст]: (организация и техника) / А.И. Михайловская. – Москва: Сов. Россия, 1964. – 517 с.

олимон ва муҳаққиқони тоҷик А. Шарипов,[4] З. Ибрагимов,[5] М. Бойматов,[6] Г. Нуров,[7] Р.Д. Ҳисайнов,[8] Ф. Шарифзода[9] таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардаанд.

Маълумоти бештар оид ба фаъолияти экспозитсионии осорхонаҳо дар даврони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар асари муҳаққиқ А.И. Михайловская "Музейная экспозиция" гирдоварӣ шудааст. Доир ба фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии осорхонаҳо аз ҷониби як қатор олимон ва муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла Л.В. Максименко,[10] Н.В. Мазный,[11] Д.В. Скоробогатов[12] Г. Нуров,[13] Ф. Шарифзода,[14] Ҳ. Нурматзода,[15] А. Шарифзода[16] рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ дифоъ шудааст.

---

[1] Закс, А.Б. Методика построения экспозиции по истории СССР [Текст] / А.Б. Закс. – Москва: Госкультпросветиздат, 1957. – 122 с.
[2] Кузнецов, Н. Природа в краеведческом музее [Текст] / Н. Кузнецов, Н. Ильичев. — Москва, 1958. – 83 с.
[3] Коган, Э. Организация историко - бытовых экспедиции [Текст] / Э. Коган. – Москва, 1960. – 64 с.
[4] Шарипов, А. Мафҳумҳо, усулҳои асосӣ ва марому мақсади экспозитсияи осорхонавӣ [Матн] / А. Шарипов // Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод. – №8. – Душанбе: Адиб, 2009. – С. 3-26.
[5] Ибрагимов, З. Мазмун ва ороиши бадеии намоишгоҳҳои доимоамалкунанда дар Осорхона [Матн] / З. Ибрагимов // Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод. –№9. – Душанбе: Адиб, 2011. – С. 62-69.
[6] Бойматов, М. Инъикос ва бозсозии экспозитсионии муосири осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии "Курушкадаи"-и ноҳияи Спитамен [Матн] / М. Бойматов // Ахбори Осорхонаи таърихии вилояти Суғд. – №5. – Хуҷанд: Ношир, 2019. – С. 45-51.
[7] Нуров, Г. Аз ташкили намоишҳои муваққатӣ дар Осорхонаи миллӣ [Матн] / Г. Нуров // Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод. – №6. – Душанбе, 2005. – С. 95-98.
[8] Ҳисайнов, Р.Д. Баргузории намоишҳои экспозитсионӣ дар Осорхонаи миллӣ [Матн] / Р.Д. Ҳисайнов // Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод. – №5. – Душанбе, 2004. – С. 138-143.
[9] Шарифзода, Ф. Экспозиционно-выставочная деятельность музеев Таджикистана в период государственной независимости / Ф. Шарифзода [Текст] // Труды Научно-исследовательского института культуры и информации. – Т.1. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – С. 266-298.
[10] Максименко, Л.В. Культурно-просветительная деятельность музеев Петрограда-Ленинграда [Текст] / Л.В. Максименко. Автореф. дис…конд.ист.наук. – Санкт-Петербург, 1997. – 16 с.
[11] Мазный, Н.В. Выставка как универсальная форма экспозиционной деятельности отечественных музеев [Текст] / Н.В. Мазный. Автореф. дис… конд.ист.наук. – Москва, 1997. – 29 с.
[12] Скоробогатов, Д.В. Музейная экспозиция как средство приобщения школьников к художественной культуре: На материале Республики Дагестан [Текст] / Д.В. Скоробогатов. Автореф. дис… конд.пед.наук. – Махачкала, 2003. – 12 с.
[13] Нуров, Г. Формирование и развитие музейного дела в Таджикистане (30-е годы XX – начало XXI вв.) [Текст] / Г. Нуров. Автореф. дис…канд.ист.наук. – Душанбе, 2011. – 27 с.
[14] Шарифзода, Ф. Социально-культурная деятельность музеев Таджикистана в период независимости (1991-2011 гг.) [Текст] / Ф. Шарифзода. Автореф. дис…канд.ист.наук. – Душанбе, 2014. – 28 с.
[15] Нурматзода, Ҳ. Созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои ҷумҳурии тоҷикистон ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик [Матн] / Ҳ. Нурматзода. Автореф. дис…ном.илм.таъ. – Душанбе, 2019. – 26 с.
[16] Шарифзода, А.Қ. Ганҷинаи дирҳамҳои сомонии Кӯлоб ҳамчун сарчашмаи таърихӣ [Матн] / А.Қ. Шарифзода. Автореф. дис. …ном.илм.таъ. – Душанбе, 2019. – 38 с.

Ҳамзамон баъзе масоили фаъолияти осорхонаҳо, қисман дар рисолаи номзадии А.Шарифзода мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Масоили назариявӣ, тафсири мафҳумҳои асосии соҳаи осорхонашиносӣ дар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ,[1] нашрияҳои маълумотдиҳанда ва адабиёти илмиву таълимӣ Ф. Шарифзода,[2] А. Шарипов,[3] ифодаи расмии расмии худро ёфтаанд.

Бо вуҷуди ин, дар корҳои диссертатсионии дар боло ишорашуда, ки масоили гуногуни фаъолияти осорхонаҳо дар даврони соҳибистиқлолӣ баррасӣ карда бошанд ҳам, вале ба таври мушаххас фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2021 мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Ҳамзамон, дар таҳқиқотҳои анҷомёфта, вазъи воқеии фаъолияти экспозитсионӣ-намоишӣ бо дарназардошти вижагиҳои технологию касбӣ таҳлил нашудааст.

Таҳқиқи илмӣ ва амалии фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар шакли рисолаи номзадӣ бори аввал мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Рисола дар асоси маводи бойгонӣ ва адабиёти илмӣ иншо гардида, роҳи тайнамудаи осорхонаро дар муддати 30 сол баррасӣ менамояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Масъалаҳои таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои таҳқиқоти илмӣ робитаи зич дорад. Натиҷаҳо ва хулосаи таҳқиқоти илмӣ дар таҳия ва такмили барномаҳои таълими накши муҳим бозида метавонад. Мавзуи таҳқиқоти мазкур дар доираи яке аз самтҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи фарҳангшиносӣ ва осорхонашиносии Муассисаи давлатии таълимии

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо” [Матн]. 3 июли соли 2012. – №838.

[2] Шарифзода, Ф. Фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангии осорхонаҳои Тоҷикистон [Матн]. Барномаи намунавии таълимии фанни махсус барои донишҷӯёни макотиби олӣ / Ф. Шарифзода. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – 32 с.

[3] Шарипов, А. Экспозитсия ва экскурсияи осорхона [Матн]. Дастур оид ба тасвири илмии нигораҳои осорхонавӣ / А. Шарипов. – Душанбе: Адиб, 2012. – 136 с.

“Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсад ва ҳадафи асосии таҳқиқ пеш аз ҳама, ба таври дақиқу амиқ фаро гирифтани фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон равона карда шудааст. Зеро созмон додани экспозитсияҳои баландмазмун, роҳҳои ташкили экспозитсия, ороиши илмӣ-бадеӣ, истифодаи дурусти реҷаи ҳарорат, рутубат ва рӯшноӣ дар толорҳои экспозитсионӣ аз муҳимтарин вазифаи экспозитсияи осорхонавӣ маҳсуб меёбад. Ҳамзамон, ташкил ва баргузории намоишҳои гуногуни илмӣ-фарҳангӣ дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон, ки онҳо дар муаррифии таъриху фарҳанги халқи тоҷик нақши муассир доранд аз асостарин мақсади таҳқиқи кори илмии мо мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Вазифаи асосии таҳқиқот пеш аз ҳама омӯзиш ва пажуҳиши ҳаматарафаи фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф зимни таҳқиқи мавзуъ мо ба хулосае омадем, ки вазифаҳои зерин бояд ба таври муфассал мавриди таҳқиқ ва баррасии амиқ қарор гиранд:

- таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаи фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон;
- муайян намудани раванди банақшагирӣ ва ташкили дурусти экспозитсия дар фаъолияти осорхона;
- таҳлили вазъи корбурди технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти экспозитсионии осорхона;
- таҳқиқ ва пажуҳиши минбаъдаи созмон додани намоишҳои осорхонавӣ;
- таҳлилу баррасии фаъолияти экспозитсионии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи К.Беҳзод ва Осорхонаи нави миллии Тоҷикистон;

- омӯзиши таърих ва ташаккулёбии намоишҳо дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон;
- нишон додани афзалиятҳои намоиши маҷозӣ (вертуалӣ) дар қонеъ намудани ниёзҳои иттилоотӣ-маърифатии тамошобинон.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқи кори диссертатсиониро фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон тоҷик ташкил медиҳад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқ.** Мавзуи таҳқиқи диссертатсия фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021).

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Дар таълифоти диссертатсияи мазкур чун роҳнамои асосии назариявӣ оид ба фаъолияти экспозитсионӣ усулҳои таҳқиқотии осорхонашиносон, муаррихон, фарҳангшиносон, санъатшиносон ва донишмандони ватанию хориҷӣ А.И. Михайловская, Б. Закс, Н. Кузнецов, Н. Иличев, Э. Коган, А. Шарипов, З. Ибрагимов, М. Бойматов, Г. Нуров, Р.Д. Ҳисайнов, Ф. Шарифзода, Ҳ. Нурматзода, А. Фирдавсӣ, Р. Амиров, Г. Нуъмонова, Б. Солиев, С. Тағоев, М. Восихов, Р. Ҳисайнов ва дигарон мавриди истифода қарор гирифтааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Равиши таҳқиқи диссертатсияи илмии мазкурро, асосан методи тавсифӣ ва таърихӣ ташкил медиҳанд. Инчунин, дар кор усулҳои умумиилмии мушоҳида, шарҳдиҳӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, омӯзиши сотсиологӣ ва усули оморӣ мавриди истифода қарор гирифтааст.

**Сарчашмаи асосии таҳқиқот.** Сарчашмаҳои асосии таҳқиқ ва омӯзиши фаъолияти экспозитсионӣ-намоиширо осори илмии муҳаққиқони соҳаи осорхонашиносӣ, таърихнигорӣ, фарҳангшиносӣ ва санъатшиносӣ ташкил медиҳанд. Дар баробари ин манобеи муҳими дигари мо асноди фонди осорхона (маводи бойгонӣ, инвентарӣ, санадҳо), бойгонии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, ашёи осорхонавӣ (ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, бозёфтҳои бостоншиносӣ,

ёдгориҳои хаттӣ) мебошад, ки онҳо хусусияти сарчашмавӣ дошта, барои таҳлил ва муайянсозии таърихи баргузории намоишҳо маводи хубе мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгониҳои илмии таҳқиқ, ки дар натиҷаи омӯзишу пажуҳиш мо ба даст овардем аз бандҳои зерин иборатанд:

- дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз оид ба фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таъриху фарҳанги халқи тоҷик диссертатсияи алоҳидаи илмӣ рӯйи кор наомадааст;
- масъалаҳои назариявии экспозитсия ва намоишҳои осорхонавӣ дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ бори нахуст ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст;
- муҳиммияти ороиши илмӣ-бадеии экспозитсияи осорхонавӣ аз нигоҳи тахассусӣ муайян гардидааст;
- роҳҳои асосии истифодаи дурусти технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии муосир дар фаъолияти экспозитсияи осорхонавӣ ба таври муҷаз муқаррар гардидааст;
- зарурати танзими речаи ҳарорат, рутубат ва рушноӣ дар фаъолияти экспозитсионии осорхона бо истифода аз дастурҳои илмии соҳавӣ дақиқ муайян карда шудааст;
- аҳамияти баргузории намоишҳои гуногуни осорхонавӣ дар муаррифии таъриху фарҳанги пурғановати халқи тоҷик дар такя ба намоишҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, ки ин омил дар баланд бардоштани сатҳи маънавияти ҷомеа нақши бориз дорад.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Осорхонашиносӣ ҳамчун илми мустақили академӣ дар омӯзиши таъриху фарҳанг, арзишҳои миллӣ, расму оин, анъанаҳои миллӣ ва

ҳунарҳои мардумӣ нақши басо муҳим ва калидӣ дошта, таҳлил ва таҳқиқи фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии он як амри зарурист.

2. Таҳлил ва баррасии фаъолияти экспозитсионӣ дар самти созмон додани намоишҳои осорхонавӣ аҳамияти баланди илмӣ дошта, дар соҳаи фарҳангшиносии тоҷик бори нахуст дар чунин шакл таҳқиқ гардидааст.

3. Экспозитсияи осорхонавӣ аз рӯйи гурӯҳҳо, мавзуъҳо ва роҳҳои дурусти ташкили он муайян гардида, мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

4. Вазъи корбурди технологияи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти экспозитсионии осорхонаҳо таҳлил гардида, мазмун ва моҳияти онҳо тибқи талаботи замони муосир муқаррар гардидааст.

5. Дар диссертатсия методҳо ва намудҳои ташкили намоишҳои гуногуни осорхонавӣ ба таври муфассал таҳлил ва баррасӣ гардидааст.

6. Фаъолияти экспозитсионии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи К.Беҳзод дар муқоиса ба фаъолияти Осорхонаи нави миллии Тоҷикистон мавриди омӯзиши дақиқ қарор гирифтааст.

7. Баргузории аввалин намоишҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар асоси манобеъи муҳими бойгонии ҷории Осорхонаи миллӣ муайян карда шудааст.

8. Афзалиятҳои намоишҳои маҷозӣ (вертуалӣ) дар қонеъ намудани ниёзҳои иттилоотӣ-маърифатии тамошобинон муайян гардидааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** қабл аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот, метавонад ҳангоми навиштани рисолаҳои ҷамъбастӣ оид ба таърихи фарҳанги халқи тоҷик, таҳия ва навиштани барномаву китобҳо барои донишҷӯёни макотиби олии соҳаи осорхонашиносӣ ва таълими фанҳои тахассусии «Осорхонашиносӣ» ва «Таърих» мусоидат намоянд. Маводи диссертатсия метавонад дар банақшагирии бунёди осорхонаҳои наву замонавӣ, такмили толорҳои экспозитсионии осорхонаҳо, истифодаи дурусти технологияҳои муосир

дар фаъолияти осорхонаҳо инчунин ҷиҳати банамоишгузории нигораҳои осорхонавӣ кумаки илмӣ-амалӣ расонад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии осорхона, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ – ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ дар самти фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии осорхона, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои таҷдиди фаъолияти экспозитсионӣ-намоишӣ асос меёбанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо барномаҳои таълимии кафедраи фарҳангшиносӣ ва осорхонашиносии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, аз рӯи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он аст, ки ӯ дар асоси манбаъҳои муътамад, пажуҳиши шумораи зиёди асарҳои илмӣ ва нашрияҳои даврии солҳои 1991-2021 нашргардида доир ба фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии осорхонаҳои Тоҷикистон ва Осорхонаи миллии Тоҷикистон, бори нахуст ба шакли таҳқиқоти мукаммал мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар заминаи омӯзиши паҳлуҳои гуногун ва вижагиҳои фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии осорхонаҳои мамлакат, роҳҳои минбаъдаи рушди фаъолияти соҳаро муайян кардааст. Ҳамзамон, натиҷаҳои илмии бадастомада, аз ҷумла, хулосаҳои назариявӣ, нуктаҳои

ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тавсияҳои хусусияти амалидошта бевосита аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия, баррасӣ ва исбот шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи васеъи кафедраи фарҳангшиносӣ ва осорхонашиносии Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода" (протоколи №2 аз 07 сентябри соли 2023) муҳокима гардида, барои ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

Ҳамзамон, нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби муаллиф дар шакли маърузаҳои илмӣ дар мавзуи "Банақшагирии экспозитсияи Осорхона" (2019), "Мақсад ва роҳҳои асосии ташкили экспозитсия дар осорхона" (2019), "Экспозитсияи Осорхони миллии Тоҷикистон ва аҳамияти илмӣ-бадеии он дар муаррифии таъриху фарҳанги халқи тоҷик" (2020) ва дар конференсияи илмию амалӣ таҳти унвони "Осорхонаҳо: масъалаҳо ва роҳҳои ҳаллӣ он" дар мавзуи "Ороиши бадеии экспозитсияи осорхона" (2021), "Мисгарӣ - бозгӯйи рамзҳо, эътиқод ва анъанаҳои мардумӣ" (2022) ва тариқи маҷозӣ дар конференсия илмӣ-амалии байналмилалӣ, ки дар Осорхонаи давлатии таърихи Ӯзбекистон баргузор гардидааст, дар мавзуи "Цель и основные способы организации экспозиции в музее" (2023) ироа шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ ба табъ расидааст, ки аз ин шумора 5 адади он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ба чоп расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисола аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 179 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ I. ЭКСПОЗИТСИЯ ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ ОСОРХОНАҲО

## 1.1. Экспозитсия шакли асосии илмӣ-намоишӣ ва тарғиботии осорхона

Осорхонаро китоби бошукуҳи хотиравии инсоният мегӯянд. Аз ин рӯ, мақоми ин ниҳоди фарҳангӣ ҳамчун муассисаи илмӣ-таҳқиқотӣ ва оммавӣ-маърифатӣ дар ҷомеаи имрӯза ҷойгоҳи махсусро касб кардааст. Воқеан, осорхона инъикосгари таъриху фарҳанг, расму оин, ва анъанаҳои миллии ҳар як давлату миллат дар тӯли таърих мебошад.

Аҳамият ва зарурати ин падидаи фарҳангиро ба инобат гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Осорхонаи миллӣ ва мулоқот бо зиёиёни кишвар чунин ишора намуданд: "Осорхона бахши хеле муҳимми ҳофизаи таърихии инсоният мебошад. Махсусан халқҳои мутамаддин барои ҳифзи ёдгориҳои безаволи гузаштагони худ ва осори моддиву ғайримоддии бамеросмонда тадбирҳои зарурӣ андешидаанд".[1]

Муаррифии экспозитсияи осорхона ба тамошобинон тавассути ташкили намоишии осорхонавӣ ба роҳ монда мешавад.

Тибқи адабиёти соҳаи осорхонашиносӣ асли вожаи экспозитсия аз феъли лотинии «expono» буда, маъноаш «ба намоиш гузоштан», «ҷо ба ҷо мондан» мебошад.[2] Ин вожа дар луғатномаи русӣ-тоҷикии соли 1949 ҳамчун 1. муқаддима, даромад, сарахбор ва 2. намоишдиҳӣ, намоиш маънидод шудааст.[3]

Экспонат гуфта ҳамон маводи осорхонавиеро меноманд, ки танҳо дар асоси нақшаи алоҳидаи илман асоснокшудаи мавзуӣ-экспозитсионӣ барои инъикоси мавзуи муайянро дар назар дорад.

---

1. Раҳмон, Э. Зиёиён – нерӯи раҳнамо ва ҳидоятгари ҷомеа [Манобеи электронӣ]: Суханронӣ дар маросими таҷлили чорумин ҷашни ҷаҳонии Наврӯз ва ифтитоҳи Осорхонаи миллии Тоҷикистон, 20 марти соли 2013. Низоми дастрасӣ: http://president.tj/node/4130 (санаи муроҷиат: 10.09.20)

2 Юренева, Т.Ю. Музееведение. Учебник для высшей школы [Текст] / Т.Ю. Юренева. – Москва: Академичсскнй проект, 2004. – С. 427.

3 Деҳотӣ, А.П. Луғати русӣ-тоҷикӣ [Матн] / А.П. Деҳотӣ, Н.Н. Ершов ва Е.С. Берталс. – Москва-Сталинобод, 1949. – 880 с.

Барои омода намудани экспозитсияи осорхонавӣ ашёи осорхонавӣ, матнҳои тавзеҳӣ, зернавиштҳо, нақшаю харитаҳо ва дигари маводи ба ҳам марбут истифода мешавад, ки метавон онҳоро дар якҷоягӣ маводи эспозитсионӣ номид. Бахшҳои гуногуни экспозитсия бо ҳам алоқаманд мебошанд, ки ҳамаи онҳоро дар маҷмуъ сохтори мавзуӣ меноманд. Дар осорхонашиносӣ экспозитсияи муваққатиро намоиш мегӯянд. Аз ин ҷост, ки намоишро ба ду гурух ҷудо менамоянд: Намоиши дохилӣ ва намоиши сайёр.

Осорхонаҳо дар мадди аввал вазифадоранд, ки дар пешбурд ва амалӣ намудани сиёсати фарҳангии давлатӣ саҳмгузор бошанд. Барои иҷрои ин вазифаи мушкил тибқи дастурҳои мавҷуда ва таҷрибаи ҳосилшуда ташкил намудани экспозитсияҳо яке аз беҳтарин воситаҳои фаъолияти осорхонаҳо мебошад. Яке аз муҳимтарин бахшҳои кори экспозитсионӣ ин дуруст ба роҳ мондани ороиши бадей-экспозитсионӣ ва меъмории он мебошад. Ҳанӯз дар асри гузашта осорхонашиноси машҳури шуравӣ П. Галкина дар ин хусус чунин гуфта буд: «Осорхонаҳо на танҳо бо роҳи намоиши ёдгориҳои санъат, балки бо тамоми намуди экспозитсия ва ороиши бадеию меъмории он даъват шудаанд, ки дар тарбияи эстетикии меҳнаткашон саҳмгузор бошанд. Вазифаи асосии ороиши бадеии экспозитсия барои равшантар ифода ёфтани мундариҷаи он ва беҳтар нишон додани нигораҳо ёрӣ додан аст».[1] Аз ҷониби тамошобин чигуна қабул намудани экспозитсия аз тарз ва усули ороиши бадеии экспозитсия вобаста аст. Ороиши бадеии экспозитсия чи қадаре, ки зебо бошад, ҳамон қадар барои ҷалб намудани диққати тамошобин фаҳмотар мегардад ва ӯ барои фаҳмидани мундариҷаи экспозитсия ҳамон қадар вақт камтар сарф менамояд. Аз тарафи дигар, ороиши бадеии экспозитсия ба зеҳни тамошобин таъсири мусбат мерасонад.

[1] Михайловская, А. Основы советского музееведения [Текст] / А. Михайловская. – Москва: Госкультпросветиздат, 1955. – С. 147.

Истифодаи дурусти паҳно ва дарозӣ, дуруст истифода бурдани девораҳо ва майдони фарш, истифодаи бомуваффақияти рушноӣ ва ранг, ҷойгиршавии равшани нигораҳо, мутобиқати ороиши ҳар як нигора бо намуди умумии толор амалҳоеанд, ки барои таассуроти муфид аз тамошои экспозитсия шароит фароҳам меоранд.[1]

Фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии осорхона аз рӯи усулият аз ҷониби олимони соҳа ба се гуруҳ тақсим карда шудааст.

Усули (принсипи) аввали экспозитсияи осорхонаҳо **дар асоси назарияи илмӣ** созмон додани онҳо мебошад. Вале назарияи илмии экспозитсияи осорхонаҳо вобаста ба идеология ва сохти ҷамъиятӣ мумкин аст, гуногун бошад. Ташкили экспозитсияи осорхонавӣ дар ҳар як давру замон шакл, таъриху фарҳанги ҳамон давраро инъикос менамояд.

Усули дигари экспозитсияи осорхонавӣ **усули шайъият (предметность)** мебошад. Усули шайият аз мазмуну мундариҷа ва соҳаи худи осорхона бармеояд. Усули шайият пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки тамошобин бевосита ба ашёи осорхонавие, ки дар шакли экспонатҳои аслии осорхона ба намоиш гузошта шудаанд шинос мешавад. Ҳар як экспонатро мебинад ва зеҳни тамошобин зери таъсири нигораҳо қарор гирифта, оид ба таъриху фарҳанг ва тамаддуни давраҳои гуногуни таърихӣ маълумоти зарурӣ ба худ мегирад.

Аз  сабаби он, ки тамошобин бо ашёи осорхонавӣ дар навбати аввал бо воситаи дидан шинос мешавад.

Яке аз усулҳои дигаре, ки барои ташкили экспозитсияи осорхонавӣ хеле муҳим аст – ин **усули иртиботӣ (коммуникатсионӣ)** оммавӣ - маърифатӣ ба ҳисоб меравад. Ин усул маънои онро дорад, ки ҳангоми сохтани экспозитсия дараҷаи фаҳмишу дарки табақаҳои гуногуни тамошобинро бояд ба инобат гирифта шавад.[2]

---

[1] Михайловская, А.И. Музейная экспозиция [Текст]: (организация и техника) / А.И. Михайловская. – Москва: Сов. Россия, 1964. – С. 153.

[2] Шарипов, А. Экспозитсия ва экскурсияи осорхона [Матн]. Дастур оид ба тасвири илмии нигораҳои осорхонавӣ / А. Шарипов. – Душанбе: Адиб, 2012. – С. 28.

Дар ин радиф низ таърихнигори тоҷик Р. Шарифов низ дар дастури таълимии “Осорхонашиносӣ” низ усулҳои намоиши осорхонавӣ дар се навъ шарҳ медиҳад.

**1. Принсипи илмӣ** – асоси бунёди намоиши осорхонавӣ консепсияи илмӣ мебошад. Он ҳадафҳои таъсиси намоиши осорхонавӣ, аҳамияти илмӣ, шавқовар будани намоиш барои тамошобинон, навиштаҷоти намоиш ва ҳаҷми масоҳатҳои зарурӣ барои ашёи осорхонавӣ, ки дар фонди осорхона ҷой дорад ё аз осорхонаҳои дигар овардашуда, хароҷоти зарурӣ, манбаҳои эҳтимолии маблағгузорӣ ва дастгирӣ, муҳлатҳои тақрибии таъсисии намоишро ташаккул медиҳад.

**2. Принсипи ашёӣ** – ашёи осорхона (нигора) ин асоси беназирии ҳар як намоиш (ягона, беҳамто будани намоиш) мебошад.

**3. Принсипҳои қобили дарк ва ҳамаҷониба** – ҳангоми таъсис додани намоиши осорхонавӣ ҳамчун воситаи алоқаи оммавӣ риояи ин принсипҳо ҳатмӣ мебошад.[1]

Дар робита ба усулҳои экспозитсияи осорхонавӣ, ки аз ҷониби олимони соҳа гуруҳбандӣ карда шудааст, аз ҷониби муҳаққиқ яке аз усулҳои муҳими экспозитсия – усули аёният мавқеи муҳим дорад. Зеро тавассути ин усул шаклу андозаи экспонат, тасвир, намоиши видеоӣ ва ғайраро амақан дидан мумкин аст.

Аз ин рӯ, дар толорҳои экспозитсионӣ ашёҳои аслӣ ва арзиши баланддошта, дар мадди аввал гузошта мешаванд, зеро таъсирнокии чунин мавод ба тамошобин зиёд мебошад. Маводҳои илмӣ-ёрирасон ба монанди амсилаи ёдгориҳо, нусхаҳо, харитаҳо, диорамаҳо ва ғайра дар мадди дуюм гузошта мешаванд, зеро онҳо аз ҷиҳати илмӣ, таърихӣ, бадеӣ ва ҳунарӣ арзиши на онқадар муҳим доранд.

Дар фаъолияти экспозитсионии соҳаи осорхонашиносӣ чунин андеша вуҷуд дорад, ки дар баробари пешниҳоди маводи экспозитсионӣ, барои боз ҳам фаҳмо ва диққати тамошобинро ба худ ҷалб намудан ва

---

[1] Шарифов, Р. Осорхонашиносӣ [Матн]. Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни факултети таърих / Р. Шарифов. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С. 19.

муаррифи намудани таъриху фарҳанги ниёгон толорҳои алоҳида ё гӯшаҳои махсус тавассути диорамаҳо ташкил намудан лозим аст.

**Диорама** дар фаъолияти экспозитсионии осорхонавӣ нақши муҳим дорад, зеро тавассути он як давраи таърихӣ ва ё ҳодисаҳои муҳими таърихӣ ба шакли бадеӣ инъикос меёбад. Ин омил ба тамошобин имконият медиҳад, ки дар баробари гирифтани маълумот оид ба як давраи муҳими таърихӣ, инчунин аз ҳолати кунунии ҳодисаҳои таърихӣ аз наздик шинос шавад.

Масалан, дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар баробари ташкили гушаҳои ҳунарҳои мардумӣ, инчунин толорҳои алоҳидаи кандакории рӯйи чӯб, мисгарӣ, кулолгарӣ, кундал, сару либоси миллӣ ва ғайра созмон дода шудааст. Ҳамзамон тавассути диорамаҳо таъриху фарҳанг, расму оин, мавзеҳои таърихию табиӣ ва дигар ҳаводиси муҳими таърихӣ ба шакли ҷолибу ҷаззоб инъикос ёфтааст.[1] Ба монанди диорамаҳои баландкуҳҳои Тоҷикистон, парваришгоҳу мамнунгоҳҳои Тоҷикистон дар шуъбаи табиат ва диорамаи асри санг дар шуъбаи таърихи бостон ва асрҳои миёнаи Осорхонаи миллӣ сохта шудааст.

Вобаста ба тамошои экспозитсия ҷобаҷогузории деворахо ва витринаҳо, ки онҳо тамошо ва пайдарҳамии мавзуии экспозитсияро осон менамояд, аҳамияти калон дорад.

Истифодаи усулҳои гуногуни мусбат ҷобаҷогузории экспонатҳо, рӯшноӣ, истифодаи технологияи муосир ва ғайра дар сатҳи лозима барои ҳаракати дурусти тамошобинон дар толорҳои экспозитсионӣ шароит фароҳам меорад. Мавриди зикр аст, ки ҳадафи асосии ташкили дурусти ороиши меъморӣ-бадеии экспозитсияи осорхона, пеш аз ҳама, дуруст инъикос намудани воқеияти таърихӣ ва ҳарчӣ бештар мавриди муаррифӣ, таблиғу ташвиқ ва сабақомӯзии насли мавҷудбуда ва ояндагон қарор додани беҳтарин намунаҳои фарҳанги моддию маънавӣ мебошад.

---

[1] Раҳимов, Б. Мушкилоти нагаҳдошти ҳӯсаҳои ҳайвонот дар осорхонаҳо [Матн] / Б. Раҳимов // Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – №3. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С. 45-48

Барои дизайн-ороишгари осорхона пеш аз ҳама зарур аст, ки интихоби дурусти ранг ва рангпардозиро барои толорҳои экспозитсионӣ бо мутахассисони осорхона ҳамкорӣ намояд. Зеро рангпардозӣ аслан аз рӯйи ашёи осорхонавӣ ва мансубияти таърихии он ба инобат гирифта мешавад. Дуруст ранг намудани толорҳои намоишӣ яке аз муҳимтарин қисми ороиши меъморӣ-бадеии экспозитсияи осорхона ва таҷҳизоти он мебошад. Ранги деворҳо ва таҷҳизоти намоишӣ бояд бо ранги экспонатҳои ба намоиш гузошташуда мутобиқ кунад.[1]

Тамошои экспонатҳо бо диққат тамошобинро зудтар хаста менамояд. Чи қадаре, ки ранг зиёд бошад ҳамон қадар хасташавии чашм меафзояд. Барои ҳамин ин нуқтаро ҳангоми ранг кардани толорҳо ба назар гирифтан муҳим мебошад.

Ҳангоми дар экспозитсия гузоштани экспонатҳои ҳаҷман хурд бояд ба интихоби зерранги онҳо бештар аҳамият дода шавад.[2] Мисол, сиккаҳои хурди тилло, нуқра ҳаҷман хеле хурд мебошанд. Дар ин маврид хуб аст, ки зерранги сикка бо ранги сиёҳ руйпуш карда шавад. Дар ин сурат навиштаҷоти сикка хуб ба назар мерасад.

Ҳамин тавр, интихоби ранг дар ороиши дурусти меъморӣ - бадеии экспозитсияи осорхонавӣ мақоми хос дошта, бе риояи талаботи интихоби дурусти ранг экспозитсияи дурусти сермаҳсул сохтан мумкин нест.

Экспозитсияи осорхона бо мақсадҳои муайян вобаста ба соҳаи фаъолияти осорхонаҳо созмон дода мешавад. Экспозитсияи осорхонаҳои таърихӣ ба паҳншавии донишҳои таърихӣ, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ мусоидат карда, дар тарбияи ахлоқӣ, сиёсӣ ва эстетикии наслҳои гуногун, ки ба сифати тамошобин ба тамошои экспозитсияи осорхона меоянд, саҳмгузор мешаванд.

Дар ҳар як кишвар дар сохтани экспозитсияи осорхонавӣ

---

[1] Михайловская, А.И. Музейная экспозиция [Текст]: (организация и техника) / А.И. Михайловская. – Москва: Сов. Россия, 1964. – С. 178.
[2] Левыкина, К.Г. Музееведение. Музеи исторического профиля [Текст] / К.Г. Левыкина, В. Хербста. – Москва: Высшая школа, 1988. – С. 256.

хусусиятҳои хос мебошад. Ин хусусиятҳо дар навбати худ аз ҷабҳаҳои гуногуни раванди таърихӣ, мундариҷаи фонди осорхона ва ҳалли осорхонашиносии экспозитсия вобаста мебошад. Дар таҳқиқи назариявии масъалаҳои экспозитсионӣ пеш аз ҳама, мафҳумҳои илмии осорхонаро муайян намудан лозим аст. Олимони осорхонашинос кори экспозитсиониро ҷараёни асоси фаъолияти коммуникатсионии осорхона номидаанд.[1]

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳама гуна намоиши мақсадноки ашёро экспозитсия номидан мумкин аст. Албатта, экспозитсияи осорхонавӣ хусусиятҳои хос ва вижагиҳои худро дорад. Аввалан, дар он на ҳама намуди ашё, балки ашёи осорхонавие, ки ба тамошобин маълумоти гуногуни таърихӣ медиҳанд, ба намоиш гузошта мешаванд. Экспозитсияи осорхонавӣ дар асоси назарияи илмӣ, ки аз ҷониби мутахассисони осорхона таҳия гаштааст, сохта мешавад. Ин назария мазмуну мундариҷаи асосии экспозитсия, усулҳои интихоби ашёи осорхонавиро аз ганҷинаи осорхона, гуруҳбандии онҳо, композитсия, шарҳ додани онҳоро муайян намуда, талаботро нисбати хулосаи бадеӣ, ки дар осорхона хусусиятҳои хоси худро дорад, асоснок менамояд.

Тамошобинони осорхона новобаста аз гуногунии қабули ашёи ба намоиш гузошта, пеш аз ҳама ба экспозитсияи осорхона шинос шуда, иттилооти гуногуни таърихиро ба худ мегиранд. Албатта, ба тамошои осорхона омадани тамошобин ҳамон вақт фароғат ҳисоб мешавад, ки худи ӯ ба осорхона омаданро истироҳати хуб ва вақтро хуш гузаронидан ҳисобад. Ин хусусиятҳо экспозитсияи осорхонаро бо дигар намудҳои иртиботу равобити оммавӣ наздик мегардонад.

Дар экспозитсияи осорхонавӣ ашёи таърихӣ ва ҳунарие ба маърази дид гузошта мешавад, ки онҳо маҷмуан ашёҳои илман асоснокшуда мебошанд. Ашёи осорхонавӣ таркиби маҷмуаи осорхонаро ифода карда,

---

[1] Михайловская, А.И. Музейная экспозиция [Текст]: (организация и техника) / А.И. Михайловская. – Москва: Сов. Россия, 1964. – С. 30.

барои ошкор кардани мавзуҳои муайян хизмат менамояд. Дар ташкили маводи намоишӣ тарзу усулҳои қабули тамошобини осорхона, характери иттилоотдиҳӣ, ки метавонад аз он ба даст орад, имконияти истифодаи он бо мақсадҳои корҳои ташвиқотӣ, таълимӣ, тарбиявӣ бо таъсири эстетикии он ба назар гирифта мешавад. Барои ҳамин ҳам зарур аст, ки ҷиҳати ташкили экспозитсияи осорхонавӣ ашёи осорхонавие интихоб карда шавад, ки онҳоро чун сарчашмаи иттилоотӣ истифода бурда шавад. Илова бар ин, ашёи осорхонавии интихобшударо ба таври мукаммал ва мақсаднок мавриди омӯзиш қарор дода, ҷойи онҳо ва характери бадеии онҳоро дар экспозитсияи осорхона муайян кардан лозим аст. Ҳамин тавр, ашёи осорхонавӣ ҳамчун сарчашмаи дониш ва элементи фаъоли донишдиҳандаву зеҳнбедоркунанда - ашёи осорхонавӣ хизмат менамояд. Умуман баъзе осорхонашиносон пешниҳод менамоянд, ки танҳо ашёи осорхонавии ба намоиш гузошташударо нигора-экспонат номидан мумкин аст.[1]

Яке аз қисмҳои хело муҳим ва таркибии экспозитсия матнҳои экспозитсионӣ мебошанд, ки вобаста ба маъно ва таъиноташон дар экспозитсияи осорхона ҷой дода мешаванд. Ҳамаи ин элементҳои экспозитсияро дар маҷмуъ метавон маводи экспозитсионӣ номид. Албатта, маводи экспозитсионӣ низ тибқи назарияи илмӣ, вазифаҳо ва мавзуи экспозитсия аз рӯйи талаботи бадеӣ-эстетикӣ гурӯҳбандию ташкил ва дар толорҳои экспозитсионӣ ҷойгир карда мешаванд.[2]

Тамоми қисмҳои ба ҳам тобеъ ва алоқаманди экспозитсия сохтори мавзуии онро ташкил медиҳанд. Тибқи мавзуи экспозитсия маводи экспозитсионӣ ба гуруҳҳо ва маҷмуҳои экспозитсионӣ ҷудо карда шуда, сипас ҳар яки он дар майдони экспозитсионии муайяну маҳдуд ҷо ба ҷо карда мешаванд. Вале онҳо воҳиди ягонаи мавзуӣ ва зеҳниро ифода менамоянд. Бояд қайд кард, ки гуруҳбандӣ ва ороиши бадеии экспонатҳо

[1] Михайловская, А.И. Музейная экспозиция [Текст]: (организация и техника) / А.И. Михайловская. – Москва: Сов. Россия, 1964. – С. 37.
[2] Левыкина, К.Г. Музееведение. Музеи исторического профиля [Текст] / К.Г. Левыкина, В. Хербста. – Москва: Высшая школа, 1988. – С. 209-216.

метавонад таассуроти тамошобинонро нисбати ҳар як ашёи таърихӣ зиёд ва дар вақти зарурӣ кам намуда, арзиши маърифатӣ ва зеҳнии экспозитсияро зиёд намояд.

Дар экспозитсия мавод ба таври гуногун гурӯҳбандӣ карда мешавад. Он метавонад элементҳои ҳақиқати воқеиро хеле ба ҳам монанд такрор намояд (дар мисоли интерер, диорамаи манзаравӣ) ё онро бо ёрии интихоби ашёи осорхонавӣ ба таври муҷаз инъикос намояд. Инчунин метавон ашёи осорхонавиро аз рӯйи низоми муайян фаҳмидани онҳоро ҳамчун маҳсули меҳнат, ашёи санъат, ба объектҳои табиат мутобиқ кунонда дар экспозитсия ҷойгир кард. Тартиби гурӯҳбандӣ ва ташкили маводи экспозитсиониро, ки илман асоснок шуда, аз мундариҷаи экспозитсия бармеояд, методи сохтани экспозитсия меноманд.[1]

Ҷой ва ё биноҳои махсус барои экспозитсия ҷудошударо - толорҳои экспозитсионӣ меноманд. Барои толорҳои намоишӣ - экспозитсионӣ ҷиҳати ба таври шоиста муаррифӣ намудани намунаҳои гуногуни мероси таърихию фарҳангӣ ва ба шакли ҷолиб тамошои экспонатҳо, воситаҳои махсуси намоишӣ лозим аст. Барои иҷрои ин амал маводҳои илмӣ-ёрирасон (витринаҳо, девораҳо, диарамаҳо, зермонҳо, амсилаи мақбара, амсилаи экспонат ва ғ.) шароити махсуси зеҳнӣ ва эстетикӣ ба вуҷуд оварда мешавад, ки дар сохтани он восита ва қоидаҳои муштарак истифода бурда мешаванд. Ҳар як элементи экспозитсия, гурӯҳи ашёҳо ва толорҳои экспозитсионӣ, ки ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ шартан мазмуну мундариҷаеро ифода мекунад, ки онро тибқи муқарароти соҳаи осорхонашиносӣ қарори меъморӣ-бадеии экспозитсия мегӯянд.

Дар илми фарҳангшиносӣ ва махсусан соҳаи осорхонашиносӣ илова ба экспозитсияҳои доимии осорхонаҳо, инчунин экспозитсияҳои муваққатӣ - намоишҳои осорхонавӣ истифода мешаванд, ки онҳо дар

[1] Бибикова, И. Принципы музейной экспозиции [Текст] / И.Бибикова // Декоративное искусство. – №3. – Москва: [б. и.], 1961. – С. 17.

навбати худ ҳамчун намунаи олиии ҳунар, дар муаррифӣ ва таблиғу ташвиқи таъриху фарҳанг нақши муҳим доранд.

Барои бештар муаррифи намудани таъриху фарҳанги халқи тоҷик ба тамошобинон ин фаҳмо ва возеҳ омода намудани матнҳои тавзеҳотӣ дар толорҳои экспозитсионӣ мебошад. Махсуси матнҳо илман асоснокшуда таҳия гашта, маводи илмӣ-ёрирасон омода карда мешавад. Вале аз ҳад зиёд оддӣ ва сода кардани экспозитсия чандон қобили қабул нест. Танҳо барои осон шудани дарки экспонатҳо ба тамошобин шароите фароҳам овардан лозим аст, ки тамошобин тавонад ҳангоми боздид аз осорхона маълумоти аввалияи таърихиро ба худ касб намояд. Дар экспозитсия бояд дастовардҳои муосири илму идеология ба назар гирифта шавад.

Дар экспозитсия тибқи омӯзиши аксари осорхонашиносон, аз он ҷумла, А. Михайловская набояд экспонатҳо ба таври аз ҳад зиёд ва бо ҳам зич гузошта шаванд.[1] Зеро чунин усул ба зеҳни тамошобин таъсири манфӣ мерасонад. Барои ин дар вақти сохтани сохтори мавзуӣ зарур аст, ки мушкилоти аввалин дараҷаи экспозитсия ва ҳар як комплекси он, мавқеъ ва дараҷаи ҳар як қисм ва элементҳои он ба таври дақиқ муайян карда шавад. Бояд дар назар дошт, ки мавзуи асосиро ба воситаи маводи аслие, ки ин мавзуро ба таври мушахас муайян менамояд, дар оянда мумкин аст бо ёрии маводҳои илмӣ-ёрирасон ва дигар маводи лозима дақиқтару фаҳмотар намуд. Аз ин метавон хулосагирӣ кард, ки экспозитсияро ба таври ҷадвалӣ низ сохтан лозим аст. Масъала ё мавзуи асосӣ бояд дар ҳар як қисми экспозитсия бо ёрии экспонатҳои аз нигоҳи илмӣ ба шакли дуруст таҳқиқ ва ҳуҷҷатнигоришуда, комилан мувофиқ ифода ёбад.[2]

Ҳангоми сохтори экспозитсия вазифаҳои асосии онро муайян намуда, номгӯи қисмҳои асосӣ, зерқисмҳо ва комплексҳои мавзуӣ-

---

[1] Михайловская, А.И. Музейная экспозиция [Текст]: (организация и техника) / А.И. Михайловская. – Москва: Сов. Россия, 1964. – С. 46.

[2] Ҷалолов, Б. Мақсад ва роҳҳои асосии ташкили экспозитсия дар осорхона [Матн] / Б.Ф. Ҷалолов // Фарҳанг ва санъат. – № 4. – Душанбе, 2019. – С. 52-57.

намоиширо таҳия намудан лозим аст. Ин номгӯ, ки сохтори ояндаи экспозитсияро муқаррар менамояд, тезисҳо ё рӯйхати мухтасари номгӯи қисмҳоро дар бар мегирад.

Хеле муҳим аст, ки сохтори экспозитсияи ояндаро ба таври ҷадвалӣ сохт ва дар нақшаҳо пайванди мантиқии мавод ва таносуби ҳар як мавзуъро нишон дод. Ин муайяннамоии мақсад ва мундариҷаи экспозитсияро таъмин намуда, ба такрори маводи мазмуни ягонадошта роҳ намедиҳад. Бояд дар назар дошт, ки тақсимкунии экспозитсия аз рӯи нишони ягона амалӣ мешавад. Вобаста ба навъи осорхона ва нақшаи дурнамои он масоили ҳамаи экспозитсия ва таносуби қисмҳои он муайян карда мешаванд. Нақшаи мазкур бо назардошти мундариҷаи ҳамаи қисмҳои экспозитсия таҳия мегардад.

Яке аз нуктаи муҳиме, ки барои созмон додани экспозитсияи осорхона равона карда шудааст, ин нақшаи мавзуи экспозитсионӣ мебошад.

Нақшаи мавзуӣ ва сохтории экспозитсия байни мутахассисони илмии осорхона бояд муҳокима гардад. Барои муҳокимаи расмии чунин нақшаҳо дар осорхонаҳо Шурои илмӣ амал менамояд. Шурои илмӣ нақшаи мухтасари экспозитсияро муҳокима намуда, вазифаи экспозитсия ва чигунаги мундариҷаи он, инчунин равиши корҳои ҷамъовариро муайян менамояд. Бояд тазаккур дод, ки нақшаи мухтасари экспозитсионӣ, ин ҳуҷҷати аввалияи экспозитсия мебошад. Дар вақти таҳияи он адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои хаттӣ ва маводи бойгонӣ низ истифода мешаванд. Қисми дигари таркибии экспозитсияи осорхона ин нақшаи муфассали мавзуӣ мебошад. Фарқи ин нақша аз нақшаи мухтасари мавзуӣ дар он аст, ки дар нақшаи муфассали мавзуӣ мундариҷаи пурраи экспозитсия дарҷ меёбад ва худи он барои ороишгарону ходимони илмӣ ҳуҷҷате мебошад, ки онҳо бояд ба таври

ҳатмӣ экпозитсияро аз рӯи он созанд.[1]

Дар асоси нақшаи мавзуӣ муаллифони экспозитсия ҳама маводи дар натиҷаи корҳои пешакӣ ҷамъоваришударо пурра меомӯзанд ва инро дар варақаҳои алоҳида қайд менамоянд.

Гоҳо чунин мешавад, ки барои ташкили экспозитсия ҷамъоварии маводи даркорӣ аз муасиссаҳои гуногун лозим меояд. Дар ин ҳол ташкили картотека барои ҳар як муасисса зарур мешавад. Дар чунин картотекаҳо нишонии пурраи корхона ва дар лифофаи алоҳида номгӯи маводи марбути корхонаи мазкур дарҷ мегардад. Барои таҳияи нақшаи экпозитсионӣ таҳияи картотекаи мавзуӣ хеле муҳим аст. Дар картотекаи нигораҳо вобаста ба сатҳи омӯзиши онҳо доир ба ҳар як нигора маълумот ҷамъоварӣ мешавад. Дар оянда ҳамин картотекаи нигораҳо барои таҳияи нақшаи экспозитсионӣ ёрӣ мерасонад. Зеро аллакай дар картотека маълумоти аниқ доир ба ҳаҷми нигораҳо мавҷуд аст ва аз ин рӯ, муайян намудани ҷойгиршавии онҳо дар экспозитсия мушкилиеро пеш намеорад. Инчунин варақаҳои тавсифӣ барои таҳияи зернавиштҳо низ ёрӣ мерасонад. Дар баробари таҳқиқи маводи экспозитсионӣ корҳои илмӣ-таҳқиқотии саҳрой гузаронида мешавад. Чунин таҳқиқот метавонад баъди тасдиқи нақшаи мавзуӣ низ идома ёбад.

Одатан интихоби маводи экспозитсионӣ бо таҳияи нақшаи муфассали мавзуӣ анҷом меёбад. Ин мавзуъро дигаргун насохта, метавонад каме шумора ва таркиби нигораҳоро тағйир диҳанд. Нигораҳои мавҷуда бе нишон додани ҳаҷми аниқи онҳо, вале бо нишон додани ҳаҷми тахминии экспонатҳои асосӣ номбар мешаванд.

Дар нақшаи мавзуӣ хеле муҳим аст, ки тавсияи мундариҷа ва сохтори мавзуъ бо нишон додани таркиб ва ҷойгиршавии нигораҳо дар экспозитсия аниқ гардад. Дар нақшаи толори экспозитсионӣ маҷмуаҳои мавзуӣ ва нигораҳои асосӣ нишон дода шуда, хатти сайр ё тамошои онҳо

[1] Грачев, Я. Музейная экспозиция. Основные принципы художественное проектирования музейных экспозиций [Текст] / Я. Грачев, // Музееведение. – Москва: Высшая школа, 1988. – С. 31.

муайян мешавад. Дар баробари ин ба пурра кушода шудани сохтори ба назар гирифташуда, бояд диққат дода шавад. Дар раванди коркарди экспозитсионии мавзуъ, нақшаи мавзуӣ нақши калон мебозад. Нақшаи мавзуӣ ва сохториро Шурои илмии осорхона муҳокима карда, роҳбарияти осорхона онро тасдиқ менамояд.

Дар баъзе ҳолатҳо метавон нақшаи мухтасари мавзуӣ таҳия накарда, нақшаи муфассали мавзуӣ таҳия намуд. Вале ин кор танҳо дар ҳолати ба қадри кофӣ мавҷуд будани экспонатҳо ва таҳқиқ шудани масъалаҳои мавзуии экспозитсия муяссар мешавад. Дар таҷрибаи ҷаҳонии кори осорхонавӣ методҳои сохтани экспозитсияи осорхонавӣ дар қатори пешравии илм пайдо шуда, инкишоф ёфтаанд. Тибқи талаботи илм осорхона бояд ҳамчун мубаллиғи асосии арзишҳои илмию фарҳангӣ баромад намояд. Бо пешрафти илм ва афзудани таҷрибаи осорхонавӣ методҳои муайяни сохтани сохтори экспозитсияи осорхонавӣ ташаккул меёбанд, ки яке аз онҳо методи системавӣ мебошад.[1]

Дар шуъбаи таърихи қадимтарин асоси гурӯҳбандиро ашёи давраи аз асри санг то асри оҳанро маводи аслии таърихии то замони мо боқимонда: олоти сангӣ, табарҳои миссию биринҷӣ, афзори оҳанӣ, зарфҳои кулолӣ ва дигар ашёи осорхонавии марбути ин давра ташкил медиҳанд. Дар баъзе осорхонаҳои таърихӣ гурӯҳбандии экспозитсия аз рӯйи гурӯҳҳои экспонатҳо: матоъ, сафол, маводи чӯб, фулуз, аслиҳа, сиккаҳо ва ғайра яъне ба таври намоиши коллексионии онҳо ба роҳ монда мешавад. Дар осорхонаҳои мардумшиносӣ гурӯҳбандӣ аз рӯйи нишонаҳои ҷуғрофӣ ва зуҳуроти фарҳангӣ (ашёи рӯзгор, олоти меҳнат, либос ва ғ.) амалӣ мегардад. Услуби ба чунин экспозитсия хос қатори типологӣ мебошад, ки дар бораи таҳаввулоти шаклҳо ё нақши ашёи намуди мардумшиносӣ маълумот медиҳад.[2]

Тахминан аз нимаи дуюми асри XIX сар карда ба экспозитсияҳои

---

[1] Закс, А.Б. Методика построения экспозиции по истории СССР [Текст] / А.Б. Закс. – Москва: Госкультпросветиздат, 1957. – С. 9.

[2] Шарипов, А. Экспозитсия ва экскурсияи осорхона [Матн]. Дастур оид ба тасвири илмии нигораҳои осорхонавӣ / А. Шарипов. – Душанбе: Адиб, 2012. – С. 22.

осорхонаҳои соҳаашон таърихӣ, дохил намудани маҷмуаҳои (комплексҳои) алоқаҳои воқеии ҳаётро инъикоскунанда, оғоз меёбад. Аввалини ташаббускорони ин усул осорхонаҳои мардумшиносӣ ба ҳисоб мерафтанд. Хусусияти таҳқиқот онҳоро ба зарурати ба даст овардани маҷмуаи маишии мардумшиносӣ: вазъияти хона, рафти меҳнат, анъанаҳои динию ҷашнӣ водор намуд. Ин маҷмуаҳоро иловаҳои муқаррарӣ ба экспозитсияи системавӣ мегӯянд. Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX осорхонаҳои Аврупои Ғарбӣ кӯшиш менамоянд, ки экспозитсияро танҳо аз маҷмуаҳо созанд. Интерерҳои куҳнаи истиқоматгоҳи тоҷирону ҳунармандон дар аввалин осорхонаҳои таърихӣ-маишӣ ба намоиш гузошта шуданд. Ҳамин тавр экспозитсияҳое арзи вуҷуд карданд, ки дар онҳо методи ансамблӣ истифода шуданд. Ин экспозитсияҳо тамоюли наверо дар илми таърих инъикос намуданд. Ба ин тамоюли нав ташаккули раванди таърихӣ-маишӣ, рағбати ҷабҳаи моддии ҳаёти ҷамъиятӣ, ки дар натиҷаи афзоиши ҷаҳонбинии моддигароёна ба вуҷуд омада буд, дохил мешаванд.

Бояд тазаккур дод, ки методи комплексӣ-мавзуӣ ду методи пешина: методи системавӣ ва ансамблиро инкор накарда, балки онҳоро такмил медиҳад. Ҳамин, тавр барои сохтани экспозитсия дар осорхонаҳои муосир истифодаи методҳои гуногун ба манфиати фаолияти осорхонаҳо мебошад. Ҳар як экспозитсия ҳамчун як асари илмӣ дар худ як системаи қисмҳои бо ҳам алоқаманду тобеъро ифода карда, сохтори муайяни мавзуӣ, томияти экспозитсия алоқамандии қисмҳои онро таъмин ва пайдарҳамии нишондиҳиро муқаррар менамояд.

Коркарди илмии сохтори мавзуӣ қисми муҳимтарини омодагии илмии экспозитсия мебошад. Ҳар як осорхонаи таърихӣ сохтори ба худ хоси экспозитсионӣ дорад, ки он ба хусусиятҳои вазифаҳо, фондҳо ва мақоми ҷамъиятӣ вобаста аст.

Бо сабабе, ки дар Тоҷикистон осорхонаҳои умумитаърихӣ бештаранд, зарурати сохтори муайяни мавзуиро дар мисоли онҳо

мавриди баҳс қарор медиҳем. Маълум аст, ки дар осорхонаҳои умумитаърихӣ раванди таърихиро аз замонҳои қадимтарин то имрӯз инъикос менамоянд. Дар сохтори мавзуии экспозитсия усули таърихият риоя мешавад ва он аз рӯйи сохтори ҷамъиятӣ ба қисмҳо ҷудо намудани экспозитсия ифода меёбад. Баъдтар қисмҳо ба зерқисмҳои илмии дохили сохтори ҷамъиятӣ даврабандӣ мешаванд. Инчунин, ба мавзуъ ва зермавзуҳои бо ҳам алоқаманд ҷудо намудани сохтори экспозитсия, ки пайдарҳамии раванди таърихиро инъикос менамояд, тақсим намудани экспозитсия яке аз талаботи усули таърихият мебошад.[1]

Мавзуъ ё зермавзуъ аз як ё якчанд маҷмуаҳои экспозитсионӣ ташкил мешавад. Ҳангоми таҳияи сохтори мавзуӣ мумкин нест, ки ягон воҳиди экспозитсия, масалан толори намоишӣ ба инобат гирифта нашавад. Дар интихоби мавзуъ ё коркарди он хусусияти хоси шаклҳои инъикоси раванди таърихӣ таъсир мерасонад. Мавзуи экспозитсионӣ бояд ҳамон тавр таҳия гардад, ки тавонад тарафҳои моҳиятноки раванди таърихро ба воситаи ашёи осорхонавӣ таҷассум намояд. Ин дар инъикоси муҳими раванди таърихӣ тамоюли навро ба вуҷуд меорад.

Дар экспозитсия бояд тарафҳои моддии он пурра нишон дода шаванд. Амалӣ намудани усули таърихият дар сохтори экспозитсионӣ аз характери равандҳои таърихии инъикосёбанда вобаста аст. Усули таърихият зарурати инъикоси пайдарҳамии санавии баъзе экспонатҳои алоҳидаро тасдиқ менамояд. Ҳар як мавзуи алоҳидаи экспозитсиониро ба таври мустақим дидан мумкин аст, вале ҳамаи мавзуъҳо аз ин нуқтаи назар, ки тобеи назарияи илмианд, ягона мебошанд. Дар асоси назарияи илмӣ мушкилоти асосии экспозитсия айён мегардад. Проблемаҳои марказӣ дар хулосаи ҳамаи қисму зерқисмҳо мушаххас мешавад. Сохтори мавзуии экспозитсияро таркиббандии экспозитсия меноманд.

Давраи ибтидоии кори экспозитсионӣ ин таҳияи сохти мавзуӣ мебошад, ки он муқаррароти мақсад, вазифа ва мундариҷаи экспозитсия

---

[1] Курлат, Ф. К вопросу об отражении общественно – экономических формации в экспозиции исторических музеев [Текст] / Ф. Курлат. – Москва: [Б. и.], 1981. – С. 23.

ва таносуби байни қисмҳо ва комплексҳои экспозитсияро муайян менамояд. Пеш аз ҳама вазифаҳои ҳамаи экспозитсия аз муқаррароти мақсади он шакл мегирад. Таҳияи сохти мавзуӣ нишон медиҳад, ки чӣ тавр ва бо кадом мақсад экспозитсия сохта мешавад. Аз ин ҷиҳат, аниқ гаштани номи ҳар як комплекси мавзуӣ, интихоб ва таркиби экспонатҳо, инчунин дар оянда чӣ тавр сохтани комплексҳо вобастагӣ дорад. Барои ин зарур меояд, ки мавзуи экспозитсияро бо масъалаҳое маҳдуд кардан лозим аст, ки аз ҳалли ин масъалаҳо муқаррароти мақсадӣ бармеояд.

Дар экспозитсия ҳар як экспонат вобаста ба экспонати дигар ҷо дода мешавад, ки инро вобастагии байни экспонатҳо мегӯянд. Ин вобастагӣ ба муқаррароти мақсадӣ шарти асосии сохтани экспозитсияи мавзуӣ мебошад. Худи ҳамин муқаррарот ба таври комил тобеи интихоби навъҳои нави экспонатҳо мебошад, ки барои ифодаи ягон зуҳурот шароити мусоид фароҳам меорад. Бояд қайд кард, ки ташкилкунандагони экспозигсия мундариҷа ва мазмуни экспозитсияро барои тамошобинон, пеш аз ҳама бо ёрии экспонатҳои аслӣ ва ёрирасон, ки фикри тамошобинро ба хулосаи даркорӣ меорад, кушода медиҳанд. Дар ин кор мавҷудияти экспонати аслӣ аз ҳама муҳимтар мебошад. зеро, муввафақияти экспозитсия аз бисёр ҷиҳат аз таркиби фонди осорхона, дараҷаи таҳқиқи он ва андозаи корҳои ҷамъоварӣ вобаста аст.

Хулоса, ташкили дурусти экспозитсияи осорхонавӣ ба мо имконият медиҳад, ки таъриху тамаддун, расму оин, анъанаҳои миллӣ, мероси бойи фарҳанги моддию маънавии кишварро ба таври касбиву шоиста ба намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеа аз ҷумла, ба наврасону ҷавонон, аҳли илму адаб, зиёиён ва дигар намояндагони касбу кори гуногун муаррифӣ намоем ва дар тарғибу ташвиқи фарҳанги миллӣ ва умумиҷаҳонӣ саҳмгузор бошем.

## 1.2. Роҳҳои асосии ташкили экспозитсия, ороиши бадеӣ ва истифодаи технологияи муосир дар осорхона

Осорхонаро китоби бошукӯҳи хотиравии инсоният мегӯянд. Аз ин рӯ мақоми ин даргоҳи фарҳангӣ ҳамчун муассисаи илмӣ-таҳқиқотӣ ва илмӣ-маърифатӣ дар ҷомеъаи имрӯза ҷойгоҳи хосса касб кардааст. Ин маконест, ки аз таърих, фарҳанг, урфу одат, ҳунармандии як халқ ё миллат ҳикоят мекунад. Ин даргоҳ, ки ҳамарӯза тамошобинони зиёди дохилию хориҷиро қабул менамояд, баёнгари ҳаводиси гузаштаву имрӯза, толорҳои намоишӣ, яъне экспозитсияи доимоамалкунандаи осорхона мебошад.[1]

Вақте, ки экспозитсияи осорхонавӣ гуфта мешавад, пеш аз ҳама зери ин мафҳум ҷойе дар назар дошта мешавад, ки дар он экспонатҳо оид ба як давраи таърихӣ, аз рӯйи мавзуъ ва низоми муайян ҷо ба ҷо ва ба маърази тамошо гузошта шудаанд. Бидуни мавҷудияти экспозитсия, осорхона хазина ё бойгониеро мемонад, ки дар он экспонатҳо ҷамъ оварда шуда, танҳо мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд, вале аз дидан ва манфиати маънавии онҳо бисёре аз қишрҳои ҷомеъа бархурдор намегарданд. Маҳз аз ҳамин лиҳоз экспозитсияро яке аз ҷузъҳои асосии фаъолияти осорхонавӣ меноманд. Фарқи экспозитсияи осорхонавӣ аз дигар муассисаҳо ба монанди китобхона ва бойгонӣ дар он аст, ки дар экспозитсияи осорхонавӣ танҳо экспонатҳои аслие, ки аз лиҳози илмӣ ва таърихӣ исботи худро ёфтаанд, гузошта мешавад. Ба ибораи дигар экспозитсияро ҷой ё маконе, метавон гуфт, ки дар он на танҳо тамошобинон, балки роҳбаладон низ сабақи аввалини худро аз он меомӯзанд.

Аз ин нигоҳ дар таҷрибаи муосир миёни экспозитсия ва хазинаи осорхона то андозае як ҳадди амиқ мавҷуд аст, ки маводи осорхонавиро ба ду гурӯҳ тақсим менамояд:

---

[1] Ибрагимов, З. Мазмун ва ороиши бадеии намоишгоҳҳои доимоамалкунанда дар Осорхона [Матн] / З. Ибрагимов // Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод. – №9. – Душанбе: Адиб, 2011. – С. 62.

а) маҷмуи ашёи осорхонавие, ки он дар фонди осорхона мавҷуд аст ва он танҳо ба мутахассисони осорхона дастрас мебошанд;

б) маҷмуи ашёи осорхонавие, ки дар толорҳо ба маърази тамошо гузошта шудаанду ҳамагон метавонанд аз он дидан намоянд;

Экспозитсияи осорхонавӣ мувофиқи фаҳмиши имрӯза на танҳо ба маънои маҷмуи предметҳои барои тамошо гузошташуда фаҳмида мешавад. Дар фарқият аз экспозитсияҳои ғайриосорхонавӣ, аз қабили витринаҳои мағозаҳо ё намоишгоҳҳои истеҳсолӣ-тиҷоратӣ, экспозитсияи осорхона хусусиятҳои вижаи худро доранд:

1) экспозитсияи осорхонавӣ дар асоси экспонатҳои аслӣ сохта мешавад, ки маводи мазкур бешубҳа хусусияти таърихӣ - фарҳангӣ дорад;
2) экспозитсияи осорхонавӣ мувофиқи мақсаду ғояи ягонаи пешакӣ таҳияшуда бунёд мегардад, ки мувофиқи он ашёи ба тамошо гузошташаванда муайян, ҷудо ва гирдоварӣ мешаванд;
3) экспозитсияи осорхонавӣ асари бадеӣ ба шумор меравад, ки барои кушодани моҳияту мавзуи он дараҷаи олии санъати меъморӣ истифода мегардад.[1]

Дар экспозитсияи осорхона маводи тасодуфӣ ё нолозим гузоштан номумкин аст. Зеро ҳар як экспонати ба намоиш гузошта шуда ба ашёи паҳлӯии худ дар пайвастагӣ қарор дошта, аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ба ҳам тавъаманд. Экспозитсияи осорхона метавонад дар ниҳоди тамошобин шавқи донистани таърих, ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмию сиёсиро ривоҷ дода, дар тарбияи ахлоқии шахс саҳмгузорӣ намояд. Аз ин лиҳоз вижагиҳои экспозитсияи осорхонавиро метавон чунин гуруҳҳо ҷудо намуд:

- дар экспозитсия на ҳама гуна ашё, балки маводе гузошта мешаванд, ки арзиши осорхонавӣ ва таърихӣ-фарҳангӣ дошта, ба тамошобин маълумоти гуногун дода тавонанд ва робитаи фикрии тамошобинро бо

[1] Ибрагимов, З. Мазмун ва ороиши бадеии намоишгоҳҳои доимоамалкунанда дар Осорхона [Матн] / З. Ибрагимов // Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод. – №9. – Душанбе: Адиб, 2011. – С. 63.

воқеаву равандҳои таърихӣ ба вуҷуд оварда, ба ӯ таъсири ҳиссиву зеҳнӣ расонад;

- асоси экспозитсияи осорхонавиро консепсияи илмӣ ташкил медиҳад, ки он аз ҷониби кормандони осорхона таҳия шудааст. Консепсияи таҳияшуда мазмуни ғоявии экспозитсия, меъёри интихоби ашёи осорхонавӣ аз миёни маводи ҷамъоваришуда, гурӯҳбандии экспонатҳо, ороиши меъморӣ ва бадеии толорҳои намоиширо дақиқ менамояд. Аз ин рӯ, меъёри интихоби ашёи осорхонавӣ барои фонди осорхона аз мутахассисони ин даргоҳ масъулияти махсуси касбиро тақозо менамояд. Дар ин ҷода ашёи осорхонавии экспозитсияро ба ду ҷанба тақсим намудан лозим мебошад:

- экспонати ба намоиш гузошташуда исботи факти таърихӣ буда, барои фаҳмидани ҳолати таърихӣ кӯмак менамояд. Инчунин аз дидани ашёи осорхонавӣ тамошобин барои худ маълумоти муайян пайдо намуда, дониши худро такмил медиҳад.

- бо дидани ашёи осорхонавии аслӣ тамошобин бо тамоми ҳиссиёт ба сайри олами таърихӣ фуру меравад. Аз ин лиҳоз ашёи осорхонавии аслӣ қудрати ба зеҳни тамошобин таъсир расониданро дорад.

Ҳамагуна экспозитсия чун рисолаи илмӣ аз қисмҳои ба ҳамдигар пайванд иборат аст, ки хусусан мавҷудияти сохтори мавзугии он имкон медиҳад, ки пайдарҳамии ба намоиш гузоштани экспонатҳо риоя шавад. Таҳияи сохтори мавзуӣ амали муҳим дар ташкили экспозитсия мебошад. дар ин робита гуфтан мумкин аст, ки сохтори мавзуӣ танҳо «қолаб»-и экспозитсия мебошад. Он бояд ба воситаи маводи экспозитсионӣ амалӣ шавад. Чун анъана, осорхонаҳо дар шароити муосири ҷаҳони имрӯза аз чунин навъҳои маводҳои экспозитсионӣ истифода мебаранд:

- ашёи осорхонавӣ (ёдгориҳои таърихӣ - фарҳангӣ, ҳамагуна манбаъҳои таърихӣ, ки ҳамчун экспонат истифода бурда мешаванд, суратҳои ҳуҷҷатӣ низ ба ҳамин гурӯҳ дохил мешаванд);

- маводи экспозитсионӣ - илмии ёридиҳанда (муляжҳо, харитаҳо,

диорамаҳо, диаграммаҳо, нақшаҳо);

- матнҳо (матнҳои тавзеҳотӣ, зернавиштҳо), сабти овоз;
- аломатҳо (нақшаҳои ҷойгиршавии толорҳои намоишӣ, хатти сайри экспозитсия).[1]

Ашёи осорхонавӣ ва дигар маводи экспозитсионӣ мувофиқи сохтори экспозитсия якҷо дар толорҳои намоишӣ ба маърази тамошо гузошта мешаванд, ки онҳо дар якҷоягӣ ифодагари як раванди таърихӣ ё инъикоси як соҳаи ҳунармандӣ мебошанд.

Ташкили экспозитсияи осорхонавӣ раванди мураккаб буда, дурустии он ба фаъолияти минбаъдаи он таъсир мерасонад. банақшагирии илмии экспозитсияи осорхонавӣ диққати махсуси мутахассисони осорхона, маъмурият, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, Шурои илмии осорхона, донишмандони соҳаҳои мухталиф (таърихнигорон, фарҳангшиносон, санъатшиносон, бостоншиносон, дизайнерон ва ғ.)-ро талаб менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки омодагии экспозитсияи осорхона фарогири ду ҷанба аст: тарҳрезӣ ва ташкили экспозитсия. Тарҳрезии экспозитсия ба се давра тақсим мешавад:

1. Дар давраи аввал вазифаи асосии корманди илмии осорхона таҳияи консепсияи илмии экспозитсия, вазифаи рассом - ороишгари осорхона таҳияи консепсияи бадеии экспозитсия мебошад. Аз нуқтаи назари лоиҳакашӣ ин давраи аз ҳама муҳим дар ташкили экспозитсия ба ҳисоб меравад. Барои пешниҳоди мавзуи экспозитсияи ҳам корманди илмӣ ва ҳам рассомонро мебояд, ки таҳқиқи зиёди илмиро ба сомон расонанд.[2]

Корманди илмӣ адабиёти марбут ба мавзуи экспозитсия, ганҷинаи осорхона ва маводи осорхонаҳои дигарро, ки ба мавзуъ алоқамандӣ доранд омӯхта, вазъи фарҳангӣ-иҷтимоии шаҳру минтақа, категорияҳои

---

[1] Левыкина, К.Г. Музееведение. Музеи исторического профиля [Текст] / К.Г. Левыкина, В. Хербста. – Москва: Высшая школа, 1988. – С. 209-210.

[2] Ибрагимов, З. Мазмун ва ороиши бадеии намоишгоҳҳои доимоамалкунанда дар Осорхона [Матн] / З. Ибрагимов // Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод. – №9. – Душанбе: Адиб, 2011. – С. 66.

асосии тамошобинони осорхонаро ба назар мегирад. Экспозитсияи дигар осорхонаҳоро дар ин раванд айнан нусхабардорӣ намудан лозим нест ва фақат аудиторияи осорхонаи худро бояд ба назар гирифт. Натиҷаи таҳқиқотҳо ва пешниҳоди мавзуъҳои назариявӣ-ғоявӣ барои бунёди экспозитсияи осорхона ба он оварда мерасонад, ки консепсияи илмии экспозитсияи оянда дар шакли ҳуҷҷат матраҳ гашта, тибқи он асосноknамоии ҳамаҷонибаи мавзуъ, ғояҳои афзалиятнок, проблемаҳои экспозитсияи оянда, сохтори мавзуӣ, сифати асосии маводи экспозитсионӣ, талаботҳои меъморӣ-бадеӣ ба назар гирифта шаванд.

Дар айни замон рассомро мебояд хазинаи осорхонаро омӯхта, маводҳоеро, ки имкон доранд диққати тамошобинро ба худ ҷалб намоянд, муайян намуда, ангора (эскиз)-и онҳоро тасвир намояд.

Лоиҳаи ангоравӣ – консепсияи бадеиро мушаххас намуда, масоҳати намоиш, ҷойгир намудани тамоми маводи намоишӣ, таҷҳизот ва воситаҳои техникиро қатъиян муайян мекунад.[1]

Баъд аз омӯзиши консепсияи илмӣ, рассом метавонад консепсияи бадеии экспозитсияро таҳия намояд. Агар консепсияи бадеии таҳиянамудаи рассом писанди кормандони илмии осорхона гардад, метавон ба давраи дуюми тарҳрезии экспозитсия шурӯъ намуд.

2. Дар давраи дуюми тарҳрезии экспозитсия усули тафсил (детализация)-и илмӣ ва бадеии экспозитсия амалӣ мегардад. Дар ин давра аз ҷониби кормандони илмӣ таҳия ва комил намудани сохтори мавзуии экспозитсия ба анҷом расонида мешавад, ки дар он номгӯи бахшҳо, мавзуъҳо, зермавзуъҳо дақиқ муайян мегарданд. Дар асоси он рассом ангораи экспозитсияиояндаро тасвир менамояд.[2]

3. Дар давраи сеюм масъалаҳои марбути техникӣ вобаста ба экспозитсия ҳал карда мешавад. Кормандони илмӣ нақшаи

---

[1] Шарифов, Р. Осорхонашиносӣ [Матн]. Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни факултети таърих / Р. Шарифов. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С. 41.

[2] Ибрагимов, З. Мазмун ва ороиши бадеии намоишгоҳҳои доимоамалкунанда дар Осорхона [Матн] / З. Ибрагимов // Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод. – №9. – Душанбе: Адиб, 2011. – С. 66.

экспозитсионӣ-мавзуиро бо нишон додани номгӯи аниқи экспонатҳо, рақами осорхонавӣ, ҷойи нигоҳдорӣ, андоза, матнҳои тавзеҳотӣ мукаммал менамоянд.[1]

Рассом - ороишгар дар ин давра варақаи ҷобаҷонамоӣ (монтажный лист)-ро таҳия намуда, дар он ҷойгиршавии ҳар як экспонатро дар экспозитсия ба таври мукаммал бо андоза ва намуди ҷойгиркунӣ нишон медиҳад.

Ҳангоми ташкили экспозитсия кормандони илмӣ ва рассомон чеҳраҳои асосӣ, дар омода намудани тарҳрезии экспозитсияи осорхона ба шумор меравaнд. Аммо дар ин кор мутахассисони дигар соҳаҳо низ ширкат карда метавонанд. Агар ташкили экспозитсия вобаста ба сохтмони бинои нав, ё таҷдиди осорхона бошад, меъморони касбӣ низ метавонанд дар ин раванд ширкат намоянд. Барои ташкили экспозитсияҳои мавзуӣ, хусусан экспозитсияи осорхонаҳои наврасон метавон ҷомеашиносон ва равоншиносонро ҷалб намуд.[2]

Ҳамин тавр, лозим ба ёддошт мебошад, ки тарҳрезии экспозитсия аз се унсури бо ҳам пайванд: илмӣ, бадеӣ, техникӣ иборат мебошад. Омодагии илмии экспозитсияи осорхонавиро метавон ба бахшҳои зерин ҷудо намуд:

I. Тарҳрезии экспозитсия:

- таҳияи консепсияи илмӣ ва ғояи экспозитсионӣ;
- омӯзиши адабиёти илмӣ - оммавӣ;
- коркарди сохтори мавзуӣ;
- таҳияи сохтори мавзуии кушода ё нақшаи мавзуӣ;
- ҷудонамоии маводи намоишӣ, таҳияи баргаҳо;
- таҳияи нақшаи меъморӣ - бадеии экспозитсия;
- навиштани нақшаи экспозитсионӣ - мавзуӣ;

[1] Ибрагимов, З. Мазмун ва ороиши бадеии намоишгоҳҳои доимоамалкунанда дар Осорхона [Матн] / З. Ибрагимов // Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод. – №9. – Душанбе: Адиб, 2011. – С. 66.
[2] Поляков Т.П. Как делать музей? (О методах проектирования музейной экспозиции) [Текст] / Т.П. Поляков. – Москва: [Б. и.], 1997. – С. 121.

- омода намудани матнҳо ва маводи ёрирасон.[1]

II. Ташкили экспозитсия:

- ҷамъоварии маводи намоишӣ, корҳои фондӣ, таҳкиму тармими ашёи намоишӣ;
- таҳияи варақаи ҷобаҷонамоии мавод;
- омода намудани роҳбаладон;
- таҳияи роҳнамо;
- таҳияи зернавиштҳо, матнҳои тавзеҳотӣ.[2]

Албатта чунин амалҳо дар фаъолияти дастаҷамъии кормандони илмии осорхона, рассомон, дизайнерон, меъморон амалӣ мешаванд.

Дар мақолаи илмии Ибрагимов З. доир ба ташкили экспозитсия ба шакли маҷмуъи шарҳ дода шудааст, аммо як мавзуҳои муҳим аз мадди назар дур мондааст. Дар қисмат **таҳияи нақшаи меъморӣ-бадеии экспозитсия**, кори муҳими ташкили экспозитсия пас аз ин банд, **ороишӣ бадеии экспозитсияи намоиш** ба роҳ монда мешавад. Ин муҳимтарин паҳлӯи кори ташкили экспозитсия мебошад, ки мутахассисони соҳа, дизайнерон ба он вобаста мебошанд. Махсусан дар ин бахш муносибат ба ҳар як экспонат, тарзи ҷойгиршавӣ, интихоби зермону витрина, насб ва дар шакли ҷолиб гузоштани экспонат аз маҳорати баланди ороишгарони экспозитсия вобаста аст.

Аз ин хотир созмон додани экспозитсияи баландмазмун, экспозитсияе, ки ғайр аз мутахассисони соҳаи осорхонашиносӣ онро бояд тамошобини оддӣ низ фаҳмад, вазифаи асосии кормандони илмии осорхонаҳо мебошад. Дар ин раванд иҷрои амалҳои зерин зарур мебошанд:

- аз миёни он маводе, ки дар хазинаи осорхона ҷой доранд, экспонатҳои беҳтарин ҷудо карда шуда, аз коркарди илмӣ гузаранд ва сари вақт тавсифи илмии онҳоро ба охир расонида, барои онҳо барга

[1] Ибрагимов, З. Мазмун ва ороиши бадеии намоишгоҳҳои доимоамалкунанда дар Осорхона [Матн] / З. Ибрагимов // Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод. – №9. – Душанбе: Адиб, 2011. – С. 67.

[2] Ҳамонҷо. – С. 67

тартиб дода шавад;

- ҳангоми таҳияи нақшаи экспозитсионӣ-мавзуӣ кӯшиш намудан лозим аст, ки аз миёни маводи ҷамъоваришуда дар намоишгоҳ ҳар чӣ зиёдтар экспонатҳои аслӣ ҷой дода шаванд. Зеро маҳз таъсири нигораҳои аслӣ ба тамошобин бештар буда, кас худро дар олами таърихӣ ҳис мекунад.

- экспозитсияҳои осорхонавӣ мувофиқи мазмун ба манбаъҳои хуби равшанию техникӣ ва мувофиқи замони ҳозира сохта шаванд. Инчунин ҳар экспонате, ки дар намоиш гузошта мешавад, ба экспонатҳои дигар аз ҷиҳати пайдарҳамии таърихӣ ва дар робита ба мазмун наздикӣ дошта бошад. Барои исботи ин гуфтаҳо, метавон дар шуъбаи таърихи бостон ва асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистонро мисол овард, ки он ҷо диорамаи одамони ибтидоӣ мавҷуд аст. Дар ин диорамаи экспозитсияи осорхона аз одамони аввалин ва давраи зиндагии онҳо ҳикоят карда, сипас дар робита ба ин мавзуъ бошишгоҳҳои онҳоро, яъне ғоре, ки дар он зиндагӣ мекарданд, тасвир карда шудааст. Ҳарчанд дар ин диорама экспонатҳои аслӣ кам аст, лекин аз сабаби он ки экспозитсия дар сатҳи баланди бадеӣ сохта шудааст, тамошобинро бетараф гузошта наметавонад.

- ба таври зебо ва таъсирбахш ба намоиш гузоштани экспонатҳо, яъне ороиши бадеии толорҳои намоишӣ ва гӯшаҳои экспозитсионӣ;

- дар экспозитсияи доимоамалкунанда фақат як намуди экспонатҳоро ҷамъ овардан дуруст нест. Кӯшиш намудан лозим аст, ки дар экспозитсия ҳам ҳуҷҷат, ҳам сурат, ҳам предмет, сару либос, диорама оид ба як мавзуъ нишон дода шавад. Ба маврид аст қайд намоем, ки агар 50 фисади зкспозитсияи баландмазмунро экспонатҳои аслӣ ташкил диҳанд, 50 фисади дигари онро ороиши бадеӣ ташкил медиҳад.

- хатти сайр (машрути экспозитсия) яке аз омилҳои асосҳои экспозитсия аст ва ҳангоми тарҳрезӣ ба он бояд диққати махсус дод;

- дар сохтани экспозитсия пайдарҳамии таърихӣ, хронология бояд

риоя шавад;

- экспозитсияи осорхонаро бе матнҳо ва зернавиштҳо тасаввур кардан мумкин нест. Тайёр кардани матнҳои кӯтоҳу пурмазмун низ ҳусни толорро меафзояд.[1]

- ғайр аз ин ҳар як экспозитсияи доимоамалкунанда ё намоиш роҳнамои худро дошта бошад. Вазифаи асосии ин китоби роҳнамо шинос намудани толорҳо, қисмҳои экспозитсия, экспонатҳои беҳтарин ва хатти сайри экспозитсия бо тамошобин мебошад.

Ҳамин тариқ, созмон додани экспозитсия кори эҷодӣ аст, на ҷудо кардан ва ҷо ба ҷо гузоштани экспонатҳо. Ин кор ба фаъолияти як нафар вобаста набуда, барои сохтани экспозитсияи пурмазмун якчанд нафар (сармуҳофиз, сардори шуъба, корманди илмӣ, рассом-ороишгар, дизайнер, роҳбалад) зарур ҳастанд. Ин мақсад танҳо дар он сурат амалӣ мегардад, ки кормандони осорхона, масъулияти касбиро дар madди аввал гузоранд. Пас аз ба анҷом расонидани корҳои ороишӣ-бадеии экспозитсияи осорхона тамошобин аз дидан намудани осорхона ба худ ғизои таърихию фарҳангӣ ва маънавиёти хешро аз таъриху фарҳанги гузаштаи худ бой мегардонад. Дар ин радиф вобаста ба толорҳои экспозитсионии осорхона, ки таъриху фарҳангӣ ғании миллати тоҷикро муаррифӣ менамояд қобили таваҷҷуҳ аст.

**Ороиши бадеӣ ва истифодаи технологияи муосир дар осорхона.** Ороиши бадеии экспозитсияи осорхонавӣ ё ба ибораи дигар дизайни осорхонавӣ як қисми муҳими фаъолияти осорхона ба шумор рафта, дар муаррифии таъриху фарҳанг ҳар як халқу миллат нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ ороиши бадеии экспозитсияи осорхона бояд ба шакли дуруст ва дар сатҳи баланди касбӣ омода карда шавад.

Тибқи маълумоти фарҳангномаҳо вожаи дизайн – аз калимаи лотинии *desing* гирифта шуда, ба маънои тарҳрезӣ, таҳия, лоиҳа ва нақша

[1] Закс, А. Как составить этикетах [Текст] / А. Закс // Советский музей. – № 1(92). – Москва: [Б. и.], 1987. – С. 42-44.

ифода мегардад.[1] Мафҳуми дизайн як навъи фаъолияти эҷодӣ буда, мақсад ва вазифаи асосии он муайян намудани хусусиятҳои объектҳо, тарз ва усули ба намоиш гузоштан ва оро додани ашё ва дигар лавозомот мебошад. Фаъолияти дизайниро мутахассисони соҳа ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудаанд: дизайни ороишӣ, дизайни саноатӣ, дизайни компютерӣ, дизайни экологӣ, дизайни графикӣ, дизайни тасвирӣ, дизайни осорхонавӣ ва ғайра.

Ороиши бадеии экспозитсияи Осорхона (дизайни осорхонавӣ) – усули ба таври ҷолиб ба намоиш гузоштани экспонатҳо дар толорҳои экспозитсионии осорхона мебошад. Ҳар як экспонат вобаста ба шакл, андоза ва намуд (сафол, шиша, фулуз, матоъ, мусаввара, чӯб) ба таври хос, дар экспозитсия ҷойгир карда мешаванд.

Барои омода намудани экспозитсияи осорхонавӣ, пеш аз ҳама лоиҳаи нақшаи мавзӯӣ-экспозитсионӣ аз тарафи мутахассисони соҳаи таърих ва ё фарҳангшиносӣ таҳия карда мешавад. Дар нақшаи мавзӯӣ ба таври мушаххас доир ба бозёфти ашёи осорхонавӣ, макони ҷойгиршавӣ, давраи таърихии он, мавод, андоза, вазн, минтақа ва рақами осорхонавӣ маълумот нишон дода мешавад. Вазифаҳои асосии консепсияи илмӣ ба таври мукаммал асоснок намудани мақсад ва вазифаҳои сохтан, фаъолият ва инкишофи осорхона, гурӯҳбандии мавзуъ ва мушкилоти экспозитсия, муайян намудани хусусиятҳо, самтҳои асосӣ, проблемаҳои экспозитсия ва нишон додани роҳҳои ҳалли онҳо иборат аст.[2]

Пас аз тасдиқи нақшаи мавзӯӣ-экспозитсионӣ (НМЭ) кори дизайн-ороишгар оғоз мегарадад. Дар якҷоягӣ бо мутахассисони соҳаи таърих, илм, фарҳанг, дизайн-ороишгар толорҳои экспозитсиониро вобаста ба давраи таърихӣ, деворҳои онро рангпардозӣ менамояд. Зеро интихоби ранги толор ба экспонат алоқамандии зич дорад. Мисол, дар толорҳои экспозитсионии Осорхонаи миллии Тоҷикистон вобаста ба давраи

---

[1] Аҳроров, А. Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти санъат [Матн] / А. Аҳроров, А. Раҷабов, М. Рӯзиева, Ҳ. Сабоҳӣ. – Душанбе, 2003. – С. 67.

[2] Шарипов, А. Экспозитсия ва экскурсияи осорхона [Матн]. Дастур оид ба тасвири илмии нигораҳои осорхонавӣ / А. Шарипов. – Душанбе: Адиб, 2012. – С. 14.

таърихӣ ва экспонатҳо рангҳои деворӣ аз ҷониби мутахассисон интихоб карда шудаанд.

Муҳимтарин қисми ороиши меъмориву бадеии экспозитсияи осорхонавӣ, ба шакли дуруст ранг намудани толорҳои экспозитсионӣ ва таҷҳизоти он аст. Ранги деворҳои таҷҳизоти намоишӣ, бояд бо ранги экспонатҳои дар экспозитсия гузошташуда мутобиқат намояд.

Яке аз омилҳои муҳими меъмории бинои осорхона, равшанидиҳии он ба ҳисоб меравад, ки дар пешниҳоди экспозитсия ба тамошобин ва дараҷаи қабули экспозитсия аз тарафи тамошобинон, мавқеи хосса дорад.

Андозагирии ҳаҷми толорҳои намоишӣ, баландӣ, паҳноӣ, масоҳати байни гӯша ба таври дақиқ муайян мегардад. Ҳар як экспонат аз рӯйи нақшаи мавзӯӣ-экспозитсионӣ ҷойгир карда мешавад. Барои гузоштани ҳар як экспонат зермони махсус вобаста ба андоза интихоб ва ба рӯйи варақ тасвир мегардад. Ҷойгиркунии аксҳо вобаста ба андозаи девор ва экспонатҳо интихоб карда мешавад. Вижагии кори дизайн-ороишгар дар он аст, ки ӯ бояд нозукӣ ва моҳияти экспонатро дарк кунад. Зеро барои ҷой додани як экспонат интихоби зермон, тарзи дуруст гузоштани он, ҷой додани матни тавзеҳотӣ, ҷой додани зернавишт, вазни экспонат ва аз нигоҳи тамошобин дида тавонистани онро ҳис карда тавонад.

Дар баробари омода намудани ангораи экспозитсия дар варақ, дизайн-ороишгар кори худро дар якҷоягӣ бо мутахассисони дизайни-ороишӣ, яъне ороишгари компютерӣ идома медиҳад. Вобаста ба пешниҳоди ангораи омодашуда, ороишгари компютерӣ-дизайнер андозаи девор ва толорҳоро дар барномаи комютерӣ ҷой медиҳад. Инчунин рангпардозии деворҳо, шерозаи толорҳо, ҷой додани матни тавзеҳотӣ, аксҳои гуногунҳаҷм, зермон, акси экспонат, зернавишт, одамак (манекен), сару либос ва ба таври нозукона ба чашм расидани зебогии толори экспозитсиониро ба таври электронӣ омода месозад.

Ороиши бадеии экспозитсияи осорхона – ин ба тамошобин нишон додани экспонат дар шакли асл, тарзи истифодабарии давраи таърихии

он, пешниҳоди маълумот оид ба экспонат ва рангу равшании толорро дар муҳити ҳамон экспонат нишон додан аст. Ҳар як экспонат бояд дар алоҳидагӣ бо тамоми ҷузъиёташ, агар хурд бошад бо пешниҳоди акси калонкардашуда ва бо матни тавзеҳотӣ ба тамошобин пешниҳод карда шавад. Тамошобини осорхона бояд пас аз боздид ва шиносоӣ аз як экспонат ва ё гӯшаи экспозитсионӣ бояд фурсати фароғат низ дошта бошад. Барои ин мутахассисони соҳаи дизайни осорхонавӣ ҷой додани аксҳоро байни экспонатҳо ва фазои холигии деворҳо иҷозат медиҳанд.[1]

Дар сурати қабул гардидани лоиҳаи ангораи ороиши бадеии толорҳои экспозитсионии осорхона, гурӯҳи корӣ аз ҷониби мутахассисони соҳаи таърих, фарҳанг, илм, дизайнерон таъсис дода мешавад. Сипас, корҳои ороиши бадеии толорҳои осорхона шурӯъ мегардад. Дар ин раванд ба ҳар як экспонат муносибати ҷиддӣ намудан лозим аст. Зеро қисми зиёди экспонатҳои осорхонавӣ нозук ва суфташуда мебошанд. Вобаста аз рӯйи ангораи интихобшуда, кори ороишгарон идома меёбад.

Барои омода намудани ороиши бадеии экспозитсияи осорхона, ҷой додани витринаҳо ва ширмаҳои гуногунҳаҷм вобаста ба толорҳои намоишӣ ҷоиз мебошад. Барои гузоштани як экспонати осорхона ҷиҳатҳои ҳифз ва нигоҳдории он ба назар бояд гирифта шавад. Дар ин баробар вобаста ба андозаи экспонат аз ҷониби дизайнерон витринаҳо бо андозаҳои гуногун интихоб карда мешавад. Инчунин, барои хуб нишон додани экспонат ба чашми тамошобин зермонҳои гуногунҳаҷм низ интихоб карда мешавад.

Дизайни осорхонавӣ назар ба дизайни мағозаи армуғонӣ комилан фарқкунанда мебошад. Дар экспозитсияи осорхона ҳатман деворҳои холӣ ва байни экспонатҳо фосилаи холигӣ ҷой дода мешавад. Зеро тамошобин бояд дар вақти тамошои экспозитсия хастагии зеҳниро ҳис накунад. Ҳамин тавр метавон гуфт, ки дар баробари дигар самтҳои

[1] Нишкин, Н.А. Музейная экспозитция. На пути к музею XXI века [Текст] / Н.А. Нишкин, Т.П. Поляков. – Москва: [Б. и.], 1997. – С. 23-29.

фаъолияти осорхона, дизайни осорхонавӣ низ ҳамчун намунаи олии санъати ороишӣ-амалӣ нақши муҳим дошта, бе иҷрои дурусти он экспозитсияи осорхона моҳияти аслии хешро инъикос карда наметавонад.

Мавриди зикри хос аст, ки истифодаи технологияи муосир дар фаъолияти экспозитсионии осорхона мавқеъи муҳимро ишғол менамояд.

Зеро маҳз иттилоот, дониш ва истифодаи технологияи муосир яке аз омилҳои муҳими инкишофи ҷомеа ба ҳисоб рафта, боиси зуҳуроти дигаргуниҳои куллӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ гардидаанд.

Дар соҳаи фарҳанг ҳама давлатҳои мутараққии ҷаҳони муосир аз технологияи навини замонавӣ васеъ истифода менамоянд. Зеро истифодаи технологияи навини замонавӣ ба мақсадҳои самаранокии фаъолияти институтҳои ҷудогонаи фарҳангӣ, ки як соҳаи муҳими ҳаёти чамъиятӣ мебошад, таъмин менамояд. Аз ҷумла, дар фаъолияти осорхонаҳо ҳамчун муассисаҳои муҳими фарҳангӣ истифодаи технологияи муосир, хусусан компютерҳои инфиродӣ, васеъ истифода менамоянд, ки аллакай якчанд давраи алоҳидаи инкишофро пушти сар намудааст. Чунин осорхонаҳо дар давраи кӯтоҳи инкишофи худ самаранокии кор ва пешниҳоди хуби экспозитсионӣ ва таҳияи ҳуҷҷатҳои бақайдгирии воридоти нав ва гардиши ашёи осорхонавиро аз худ намуданд. Мутахассисони осорхонаҳои гуногуни давлатҳои мутараққӣ таҳияи феҳристҳои (каталогҳои) электронии тавсифи коллексияи осорхонавиро ба роҳ мондаанд. Бар замми ин барои тавсифи илмӣ ва ба гурӯҳбандии тамоми ашёи осорхонавӣ – фондӣ аз технологияи гуногуни муосир ба монанди принтер, скайнер, аксбардорҳои рақамӣ, аудиогидҳо, экранҳои рақамиву сенворӣ, баландгӯякҳо, микраскопу таҷҳизотҳои лабараторӣ-реставратсионӣ, асбоби флуз кобӣ ва дигар воситаҳои навворию аккосии сифатан баланд истифода менамоянд. Дар навбати

худ мавриди истифода қарор гирифтани чунин воситаҳо дар шабакаи иттилоотии осорхонаҳо дастовардҳои навро ба вуҷуд меорад.[1]

Дар мисоли Осорхонаи миллии Тоҷикистон, ки он яке аз марказҳои муҳими илмӣ-фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Боиси хурсандист, ки пас аз ба истифода додани бинои нави Осорхонаи миллии Тоҷикистон аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арафаи иди Наврӯзи ҷаҳонӣ 20 марти соли 2013 бо таҷҳизотҳои кории замонавӣ, утоқҳои барҳавои корӣ, утоқҳои реставратсионӣ ва лабараторӣ, бунгоҳи тиббӣ, толорҳои зебои экспозитсионӣ фаъолияти минбаъдаи мутахассисонро боз ҳам дучанд намуд.

Яке аз мақсадҳои асосии бо компютер ва дигар технологияи муосир таъмин намудани осорхонаҳо – ин автоматикунонии корҳои илмиву хазинавӣ ва бақайдгириву нигоҳдорӣ мебошад. Бақайдгирии дуруст, тавсифи саҳеҳи ашёи осорхонавӣ ва ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо намудани тамоми ашёи фондӣ яке аз вазифаҳои асосии ҳуҷҷатнигории осорхонаҳо мебошад.

Маҳз истифодаи барномаи электронӣ ва муаррифии мавзеҳои ҷуғрофии Тоҷикистон тавассути харитаҳои барҷастаи релефӣ ва канданиҳои фоиданок, лифту эскалаторҳои муосири замонавӣ, истифодаи оинаи нулгун бо навору аксҳои таърихӣ, лазерҳои рақамӣ, витринаҳои муосири электронӣ бо истифода аз равшанӣ, ҳарорат ва сигнали огоҳидиҳанда ва ғайраҳо дар фаъолияти экспозитсияи Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар сатҳи лозима ба роҳ монда шудааст.

Барои истифодаи дурусти технологияи муосир дар фаъолияти экспозитсионии осорхона мутахассисони хуби техникӣ ва кадриро зарур аст, ки аз технологияҳои замонавӣ ва муосири осорхонавӣ ба хуби истифода бурда тавонанд. Маҳз фаъолият намудани чунин мутахассисон

[1] Восихов, М. Истифодаи технологияи навин дар фаъолияти осорхонаҳо [Матн] / М.Восихов // Ахбори Осорхонаи ҷумҳуриявии таърихию кишваршиносии ба номи А.Рӯдакӣ. – №4. – Панҷакент: Осорхона, 2015. – С. 79-90.

дар осорхонаҳои давлатҳои мутараққӣ, аз бисёр ҷиҳат натиҷаҳои самарабахш додаанд. Дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон қариб тамоми кормандони илмӣ бо камютерҳои корӣ ва ва таҷҳозотҳои иловагии он дар сатҳи истифодабарандагони компютерҳои инфиродӣ қарор доранд. Чунин ҳолат имконият медиҳад, ки компютерҳои мавҷударо дуруст ва самаранок истифода намуд. Таҷрибаи осорхонаҳои давлатҳои мутараққӣ имконият медиҳанд, ки кормандони илмии Осорхонаи миллӣ ба марҳилаи сифатан нав дохил гардида, барои гузаронидани варақаҳои тавсифии экспонатҳо ба шакли электронӣ саъю кӯшиш намоянд. Бояд қайд намуд, ки пас аз ба истифода додани бинои нави Осорхонаи миллии Тоҷикистон якчанд нафар мутахассисони соҳаи осорхона барои таҷрибаомузӣ ва такмил додани савияи дониши технологии худ, инчунин шинос шудан бо технологияҳои нави осорхонавӣ ба хориҷи кишвар сафари хидматӣ кардаанд. Аз ҷумла ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Ҷумҳурии Федеративии Олмон, Фаронса, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии мардумии Чин, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва ғайра, ки барои пешрафти кори мутахассисони осорхона боз ҳам имкониятҳои наверо кушодааст.

Бояд тазаккур дод, ки маҳз васеъ паҳн намудани технологияи муосир ва ба воситаҳои иттилоотӣ рӯй овардани осорхонаҳо дар Тоҷикистон, махсусан Осорхонаи миллии Тоҷикистон – чун маркази асосии кори осорхонавӣ дар ҷумҳурӣ инкишофу самаранокии фаъолияти онҳоро таъмин менамояд. Яке аз омилҳои рӯй овардан ба технологияи муосири осорхонавӣ ин иттилоотикунонии фаъолияти осорхонавӣ мебошад.

Иттилоотикунонии осорхонаҳо асосан бо ду самт инкишоф меёбад. Самти аввал ин иттилоотнокӣ дар фаъолияти дохилии осорхона аст, яъне бояд бо истифода аз технологияи муосир алоқаи байни шуъбаҳоро таъмин намуд. Дар чунин ҳолат ҳар як шуъбаи осорхона бояд дорои

компютери инфиродӣ бошад.

Самти дуюм – ин дохилшавии осорхона ба фазои кушоди иттилоотӣ мебошад, ки ҳамкориҳои осорхонаро бо дигар институтҳои фарҳангӣ ба роҳ монда, самаранокиву инкишофи фаъолиятро таъмин менамояд. Хурсандибахш аст, ки Осорхонаи миллии Тоҷикистон имрӯз ин ду марҳиларо ба пуррагӣ ва самарабахш истифода мебарад.

Аз натиҷаи омӯзиши ин банди рисола бар меояд, ки истифодабарии технологияҳои муосир дар фаъолияти экспозитсияи осорхона раванди кори осорхонавиро боз ҳам фарохтар гардонида, дар зеҳни тамошобин дарки баланди фарҳангӣ ва таърихиро бедор менамояд. Ҳамзамон истифодаи технологияи муосир дар фаъолияти экспозитсионии осорхона имкон медиҳад, ки таъриху фарҳанги пурғановати ниёгон, ки дар толорҳои намоишӣ инъикос гардидаанд ба таври шоиста ба тамошобин муаррифӣ гарданд. Зеро технологияи муосир қобилияти ба таври густурда инъкос намудани осори таърихию фарҳангиро бо тамоми вижагиҳояш доро мебошад. Аз ҷониби дигар ба таври дуруст истифода намудани технологияи муосир дар фаъолияти экспозитсионии осорхонаҳо як амри зарурӣ ва саривақтӣ мебошад. Хушбахтона, Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун осорхонаи марказии кишвар бо технологияҳои гуногуни муосир муҷаҳҳаз буда, онро дар фаъолияти худ ба шакли дуруст ва самаранок истифода менамояд.

## 1.3. Зарурати танзими речаи ҳарорат, рутубат ва рушноӣ дар экспозитсияи осорхонавӣ

Яке аз омилҳои асосии аз офатҳои гуногуни табиӣ эмин нигоҳ доштани ашёи аслии осорхонавӣ ё маводи илмӣ-ёрирасон дар фонди осорхона ва экспозитсияи он, ин пеш аз ҳама дуруст ба танзим даровардани ҳамагуна речаи ҳарорат, рутубат ва рӯшноии он ба ҳисоб меравад. Барои ноил гаштан ба ин шароит аз рӯи имконият тибқи муқаррароти осорхонавӣ гармидиҳиро тирамоҳи барвақт оғоз намуда, вобаста ба тағйирёбии вазъи ҳавои берун ҳароратро тадриҷан баланд кардан зарур аст ва гармидиҳиро то охири баҳор тадриҷан паст ва ниҳоят қатъ намудан лозим аст. Дараҷаи рутубат ва ҳарорат ба рафти харобшавии табиии ашё фаъолона таъсир мерасонад. Характер ва қувваи ин таъсир маводи сохташудаи ашё, сохту ҳолат ва муҳити то ба осорхона омадани предмет вобастагии зич дорад.

Омилҳои муҳими харобшавии ашёи осорхонавӣ (ғайр аз харобшавиҳо дар натиҷаи садамаҳои техникӣ ва офатҳои табиӣ) инҳо мебошанд:

– якбора тағйир ёфтан ё вайрон гаштани меъёрҳои ҳарорат ва рутубат;

– таъсири манфии рӯшноӣ ё норасоии он;

– ифлосшавии ҳаво бо газҳои зарарнок, дуда, чанг;

– зарарасонҳои биологӣ;

– барои сохтани ашё истифода бурдани маводи ноустувор (рангҳои зудвайроншаванда, матоъҳои бедошт ва ғ.);

– нисбати ашё муносибати беэҳтиётона кардан, ки боиси зарари механикӣ мегардад;

– ҳифз ва истифодаи нодурусти ашё то замони ба осорхона ворид гаштанаш ё дар худи осорхона.[1]

[1] Инструксия по учету и хранению музейных ценностей, находяхщихся в государственных музей СССР [Текст]. – Москва, 1984. – С. 12.

Ҳамчунин тармими беэҳтиётона ё саривақт тармим накардани ашёи осорхонавӣ низ сабаби харобшавии онҳо гашта метавонад.

Ашёи аз маводи органики гигроскопӣ (чӯб, матоъ, чарм, қоғаз ва ғ.) сохташуда дар ҳолати аз меъёр баланд ё паст шудани рутубат бештар зарар мебинанд.[1] Ҳангоми паст шудани рутубат ин ашё кашида шуда, кафидаҳо пайдо гашта, мустаҳкамиашон заиф гардида, шакли аслии худро гум менамоянд. Дар ҳолати баланд гаштани рутубат-намнокӣ чунин ашё варам карда, бофтаҳои байни раҳҳо вайрон шуда, тағйирёбии химиявии онҳо фаъол гашта, шакли аслиашон вайрон мешавад. Дар баъзе ҳолатҳо баландшавии рутубат ба нестшавии чунин ашё оварда мерасонад.[2]

Масалан, дар натиҷаи тағирёбии ҳарорати баланд ё пастшавӣ ҳаҷми матоъи пахтагӣ (холст), хока ва қабати рангии асари санъати тасвирии равғанӣ мерезад. Баландшавӣ ва пастшавии рутубат махсусан барои ашёи аз маводи коэффисенти гуногуни васеъшавӣ дошта сохта шуда хатарнок аст. Масалан, ашёи аз навъҳои гуногуни чӯб, оҳан ва эмал сохта шуда. Зарарнокии рутубат метавонад боиси тағирёбии ҷиддии сохти химиявии бисёре аз ашё гардад. Маҳз ҳамин ҳолат ва коррезияи атмосферии фулузот – рафти электрохимикӣ, ки таркиби фулузро тағйир медиҳад, оварда мерасонад.

Дар бинои осорхона ба тарзи ғайримунтазам (бо танаффус) ҷорӣ кардани гармидиҳӣ ва рутубатнокии ҳаво ё босуръат баланд ё паст намудани онҳо қатъиян манъ аст. Ҳарорати ҳаво дар ҳуҷраҳои осорхона ҳангоми дар маҷмуъ нигоҳ доштани маводи гуногун бояд ҳудуди 18± 1°С бошад. Шароити муносиби рутубати нисбӣ ҳангоми дар маҷмуъ нигоҳ

[1] Инструксия по учету и хранению музейных ценностей, находяхщихся в государственных музей СССР [Текст]. – Москва, 1984. – С. 16.
[2] Ҳамонҷо. – С. 17.

доштани маводи гуногун 55% ±5% аст. Ҳадди бехатари рутубати нисбӣ барои осорхонаҳое, ки кондитсионер надоранд аз 50 то 65% мебошад.[1]

Баъзе ашё нисбати шароити ҳароратӣ ҳиссиёти баланд дорад. Масалан, ашёи аз қалъагӣ сохташуда дар ҳарорати аз +18°С паст бо сабаби ба истилоҳ "вабои қалъагӣ" вайрон мешаванд. Аввал дар ашё шукуфаҳои хокистарранг ва баъдан озаххҳои сафед пайдо мешаванд. Баъдан ҷойҳои вайроншуда нарм шуда, мерезанд. Дар ин сурат вабо зуд паҳн гашта, ба қисми зиёди маснуоти қалъагӣ сироят карда метавонад.

Ба қавли олимони соҳа М. Олзен, К. Фрайер ва Н. Финягина ашёи ба вабои қалъагӣ гирифторшударо фавран дар утоқи ҳарораташ на камтар аз +20° С нигоҳ доштан зарур аст.[2]

Нигоҳдории як қатор мавод речаи махсуси ҳарорат ва рутубат тақозо карда мешавад. Масалан:

а) барои ашёи бостоншиносии дорои маводи зангзананда ба намуди пайвастаҳои хлоридӣ, хушкии махсус лозим аст: ашёи аз хӯлаҳои мис сохташуда ба муддати тӯлонӣ дар рутубати нисбии 37% устувор боқӣ мемонанд;

б) маъданҳои гурӯҳи пайвастаҳои сулфур ва намакҳо бояд дар рутубати паст, беҳтараш дар зарфҳои шишагии даҳонвасеъи дорои даҳанпӯшҳои маҳкам нигоҳ дошта шаванд;

в) шароити дурусти ҳифзи ҳуҷҷатҳои аккосӣ: рутубати нисбӣ аз 40 то 50% дар ҳоли ҳарорати барои маводи сиёҳу сафед на баландтар аз +12°С, барои маводи ранга на баландтар аз +5°С мебошад. Дар сурати дар маҳфузгоҳи оддӣ нигоҳ доштан бояд ҳарорат на баландтар аз 20°С ва рутубати нисбӣ то 53% бошад. Чунин реҷа амнияти маводи аккосиро аз мағорзанӣ ва берангшавӣ таъмин намуда, ҷараёнҳои химиявии азҳамрезии асосҳоро ба таъхир меандозад;

---

[1] Шарипова, Т. Зарурати танзими реҷаи ҳароратию намӣ ва рӯшноӣ дар Осорхонаи миллӣ [Матн] / Т. Шарипова // Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод. – №8. – Душанбе, Адиб, 2009. – С. 48-52.

[2] Михайловская, А. Основы советского музееведения [Текст] / А. Михайловская. – Москва: Госкультпросветиздат, 1955. – С. 34.

г) нигоҳдории маснуоти аз қалъагӣ сохташуда, инчунин маводи формалинӣ дар ҳуҷраҳои ҳарораташон паст мумкин нест. Барои ҳифзи чунин мавод ҳарорат бояд аз +18°С паст набошад;

д) ашёи аз қалъагӣ сохташуда дар ҳарорати аз +18°С паст бо сабаби ба истилоҳ "вабои қалъагӣ" вайрон мешаванд. Аввал дар ашё шукуфаҳои хокистаранг ва баъдан озахҳои сафед пайдо мешаванд. Баъдан ҷойҳои вайроншуда нарм шуда, мерезанд. Дар ин сурат вабо зуд паҳн гашта, ба қисми зиёди маснуоти қалъагӣ сироят карда метавонад.

Ашёи ба вабои қалъагӣ гирифторшударо фавран дар утоқи ҳарораташ на камтар аз +20° С нигоҳ доштан зарур аст.

е) ашёи аз муми сафед ва пластилин сохташударо дар шароити қатъии реҷаи доимӣ нигоҳ доштан лозим аст. Махсусан ба ҳарорат назорат намудан муҳим аст: он бояд аз +25°С боло ва аз +16°С поён набошад;

ж) дар ҳуҷраҳои гарм карданашаванда ё ҳарораташон аз 0°С поёнбуда нигоҳ доштани сангҳои қиматноку нимқимат ва маснуоти аз каҳрабо сохташуда манъ аст.[1]

Бенизомии реҷаи ҳарорат ва рутубат, якбора пасту баланд шудани мавсимӣ ва шабонарӯзии онҳо сабаби асосии кӯҳнашавии коллексияҳои осорхонавӣ мебошад. Тамоми намудҳои мавод аз таъсири онҳо эмин буда наметавонанд. Хусусан таъсири пасту баланд шудани онҳо ба маводи органикӣ харобиовар буда, аз маводи ғайриорганикӣ пеш аз ҳама ашёи бостоншиносӣ осеб мебинанд. Пасту баланд шудани рутубат ба онҳо (сафол, ҷинсҳои кӯҳии нарм) раванди ғурӯшабандӣ ва таҷзияи ғурӯшаи намакҳо ба вуҷуд омада, ба тамоман нобуд шудани онҳо мусоидат мекунад.

Нисбати меъёрҳои барои нигоҳдории дастаҷамъии мавод муқарраршуда тағйир додани реҷаи ҳарорат ва рутубат, паст ё баланд

---

[1] Михайловская, А. Основы советского музееведения [Текст] / А. Михайловская. – Москва: Госкультпросветиздат, 1955. – С. 37.

намудани рутубат ба дигаргуншавиҳои зерин оварда мерасонад: ҳангоми баланд гаштани рутубат фулузот занг мезананд (дар оҳан занг, дар биринҷӣ сиёҳии ғайримуқаррарӣ пайдо мешавад), чарм ва гербарияҳо рангпарида шуда, мағор мезананд; ҷараёнҳои ишқории шиша фаъол мегарданд (рангҳои гуногуни беҷило пайдо шуда, ба қабатҳо ҷудо мешавад); дар баъзе намудҳои мармар доғҳои сурх пайдо мешаванд, ки занги оҳан мебошанд; сафолҳои ковок ба қабатҳо ҷудо мешаванд; рангҳои эмулсионӣ варам мекунанд, дар маводи аккосӣ чин ва варам пайдо шуда, дар пушти шиша ҳамвор намеистанд; ширеши мусаввараҳо, коғаз ва ғ. варам карда, мепусанд.

Ҳангоми паст шудани рутубати нисбии ҳаво (аз 50% пасттар) ҳамаи маводи намгиранда (чарм, чӯб, коғаз, матоъ ва ғ.) чандирияти худро гум карда, тағйири шакл мекунанд, мекафанд ва ба қабатҳо ҷудо мешаванд. Чунин тағйирот ба ашёе махсусан дахл дорад, ки ҳангоми сохтани онҳо аз маводи коэффисиенти васеъшавиашон гуногун: мебели фанерӣ ё инкрустатсияшуда, устухонҳои ороишӣ, инчунин ашёи бо қабатҳои хокӣ ё рангӣ андудашуда (мусаввара, пайкара, мебел, кандакорӣ дар чӯб) истифода шуда бошад.[1]

Дар ашёи аз устухонҳои бостоншиносӣ сохташуда ба қабатҳо ҷудошавӣ ва кафидани тана мушоҳида мегардад. Махсусан нӯги устухонҳои дарози найшакл, муҳраҳо ва дандонҳо ба осонӣ хароб мегарданд.

Омилҳои тағирёбандаи ҳарорат ва рутубат дар осорхонаҳое, ки бо таҷҳизоти ҳавоивазкунӣ муҷаҳҳаз нестанд, ду намуди пасту баланд гаштани ҳарорат ва рутубат мушоҳида мешавад:

– мавсимӣ, вобаста ба иваз шудани фаслҳои сол ва давраҳои гармидиҳӣ;

[1] Шарипова, Т. Шарипова, Т. Зарурати танзими реҷаи ҳароратию намӣ ва рӯшноӣ дар Осорхонаи миллӣ [Матн] / Т. Шарипова // Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод. – №8. – Душанбе, Адиб, 2009. – С. 50-52.

– шабонарӯзӣ, вобаста ба якбора тағйир ёфтани вазъи ҳаво дар берун ва миқдори тамошобинон.

Тадриҷан ва оҳиста тағйир додани реҷаи мавсимии ҳарорату рутубат дар осорхона талаботи ҳатмӣ мебошад. Пасту баландшавии ҷоизи рутубати нисбии шабонарӯзӣ бояд аз 5% зиёд нагардад. Барои қайди ҳарорат ва рутубат дар ҳар як маҳфузгоҳ ва толори намоишӣ психрометрҳо, гигрометрҳо, термометрҳо ё термографҳою гигрографҳои худкор насб намудан зарур аст. Нишондиҳандаҳои ҳарорат ва рутубат дар китоби махсус ду маротиба дар як рӯз, дар як вақти муайяни соат сабт карда мешаванд.

Дар робита ба он, ки реҷаи ҳарорат ва рутубати дохили бино ба шумораи тамошобинон вобаста аст, дар ҳар як осорхона бояд ғунҷоиши ҷоиз муқаррар карда шавад. Меъёри воридшавии ҳам солона ва ҳам рӯзона муқаррар карда мешавад. Дар давраи қатъ гаштани гармидиҳӣ, дар шароити нохуби вазъи ҳаво ва аз 85 % бештар афзудани рутубати нисбӣ осорхона бояд воридшавии тамошобинонро кам ё комилан қатъ гардонад.

**Реҷаи рӯшноидиҳӣ** – яке аз сабабҳои асосии куҳнашавии маводе, ки ашёи осорхонавӣ аз онҳо сохта шудаанд, таъсири рӯшноӣ мебошад. Таъсири харобиовари рӯшноии табиӣ аз ҳама бештар мебошад. Ба таври мустақим афтодани нури офтоб ба тамоми намудҳои мавод ва пеш аз ҳама ба маводи органикӣ, инчунин сангҳои қиматбаҳо ва нимқимат, маъданҳо ва шишаҳои ранга ҷоиз нест. Аз манобеи рӯшноиҳои сунъӣ нурҳои фаробунафши чароғҳои люминестсентӣ шуоҳои аз ҳама зарарнок мебошанд. Ба таври васеъ истифода бурдани онҳо дар осорхонаҳо тавсия дода намешавад. Асбобҳои рӯшноидиҳии аз ҳама безарар дар ин маврид фурӯзонакҳои тафсон ба ҳисоб мераванд. Бо вуҷуди ин ҳам онҳо аз худ гармӣ хориҷ мекунанд.

Бояд таъкид намуд, ки ҷойгиршавии витринаҳо аз бисёр ҷиҳат аз шабакаи рӯшноидиҳӣ вобастагӣ дорад. Ҳангоми равшании болоӣ ва

болоӣ-паҳлӯӣ бештар марказ ва майдонҳои назди деворӣ равшан мебошад. Барои ҳамин ҳам беҳтар аст, ки витринаҳо дар маркази толор ва ба дарозии деворҳо гузошта шаванд. Ҳангоми рӯшноии паҳлуӣ зарур аст, ки витринаҳо дар назди девори байни тирезаҳо мавҷудбуда гузошта шаванд. Дар вақти рӯшноидиҳии дутарафа витринаҳоро дар маркази толор пушти ҳам гузоштан мувофиқи мақсад мебошад. Дар ҳолатҳои зикршуда танзими истифодаи рӯшонӣ ба амал меояд. Агар тамошобин дар шишаи витрина акси худро бинад, маълум мешавад, ки рӯшноӣ дар ин толор ба танзим дароварда нашудааст.

Рӯшноидиҳӣ яке аз омилҳои хело муҳим ва зарурии меъмории биноии осорхонавӣ ба ҳисоб рафта, дар пешниҳоди экспозитсия ба тамошобинон ва дараҷаи қабули экспозитсия аз тарафи онҳо мавқеъи асосӣ дорад. Талаботи асосӣ нисбати рӯшноидиҳии осорхона дар он аст, ки экспозитсия қабули дурусти нигораҳоро осон намояд ва ҷавобгӯи эстетикаи ороиши бадеии он бошад. Шабакаи рӯшноӣ бояд дида шудани нигораҳоро ҳатто барои тамошобини биниши чашмонаш заиф таъмин намояд ва дар баробари ин дараҷаи рӯшноӣ аз меъёри муайяншуда набояд зиёд бошад, зеро дар ҳолати аз меъёр зиёд шудани рӯшноӣ шуоъҳои инфраксионӣ ва ултрафиолетӣ ба нигораҳо таъсири манфӣ расонда, онҳоро вайрон менамоянд. Яъне пастшавии ранги мусавварахо, хира шудани ранги зернавишт ва матнҳои тавзеҳотӣ аз ҷумлаи чунин омилҳост.  Дар осорхонаҳо одатан рӯзона рӯшноии табиӣ ва бегоҳӣ рӯшноии сунъиро истифода мебаранд.

Ҳангоми ба нақшагирии ороиши меъморӣ-бадеии экспозитсияи осорхонаҳо мавқеи ҷуғрофии осорхонаҳоро ба назар гирифтан лозим аст. Ранги равшани зардча рӯшноии толорро зиёд менамояд. Вале ранги кабуди деворҳо чашмро тез хаста менамояд. Аз ин рӯ истифодаи ранги кабуд дар деворҳои толорҳои намоишӣ тавсия дода намешавад. Сақфи бино бо ранги сафеди маҳлули зардча дошта ранг карда мешавад. Вале дар ранг кардани сақф ранги тобиши кабуд дошта истифода намешавад.

Фарши толорҳо бошад бояд бо ранги равшани дараҷаи инъикосаш на камтар аз 0,30 лксиметр пасттар ранг карда мешавад. Набояд фаромӯш кард, ки ҳамаи рангҳо ҳангоми рӯшноидиҳии барқӣ иваз мешаванд ва бисёрашон, мисол ранги равшану зардча ва равшану сабзча таҷзия мешаванд. Албатта ин дар ҳолате амалӣ мешавад, ки ин рангҳо аз ҷиҳати равшании худ бо ҳам баробар бошанд.[1]

Вале дар рафти омода намудани деворҳои толори экспозитсионӣ бештар мавридҳо ранги кабуди паст истифода мешавад, ки зебоии толорро дучанд менамояд.

Тағйироте, ки дар зери таъсири равшанӣ ба вуҷуд меояд, хусусияти дутарафа дорад: аён – паридани ранг (тағйири ранг) ва ноаён – вайрон шудани сохтори маводи экспонат, аз байн рафтани мустаҳкамӣ.[2]

Дараҷаи зараррасонии рӯшноӣ аз шидатнокии нурфишонӣ ва давомияти он вобаста аст. Воҳиди ченкунии рӯшноӣ вуҷуд дорад, ки онро люкс меноманд.[3]

Қувваи зараровари рӯшноӣ ҳангоми баланд шудани рутубат ва ҳарорат, инчунин дар ҳолати ифлос шудани ҳаво аз газҳо меафзояд.

Рӯшноӣ ба ашёи гуногун ба таври ҳархела таъсир мерасонад. Албатта ашёи осорхонавиро вобаста ба чигунагии қабули зарари рӯшноӣ метавон ба се гурӯҳ ҷудо намуд:

- ашёи ба рӯшноӣ дар сатҳи баланд тобовар: фулузот, сангҳои ғайри ранга, гаҷӣ, сафолӣ, шишаи беранг;

- ашёи ба рӯшноӣ дар сатҳи миёна тобовар: устухонӣ, чармӣ, пашмӣ, чӯбӣ, мусаввараҳои темперӣ ва равғанӣ;

- ашёи ба рӯшноӣ дар сатҳи паст тобовар: суратҳо, акварел, қоғаз, матоъ.

---

[1] Шарипов, А. Экспозитсия ва экскурсияи осорхона [Матн]. Дастур оид ба тасвири илмии нигораҳои осорхонавӣ / А. Шарипов. – Душанбе: Адиб, 2012. – 33 с.
[2] Кряжин, И. Хранение музейных фондов [Текст] / И.Кряжин. – Москва: Кр. Печатник, 1948. – С. 21.
[3] Михайловская, А. Основы советского музееведения [Текст] / А. Михайловская. – Москва: Госкультпросветиздат, 1955. – С. 76.

Таъсири рӯшноӣ ба ашё на танҳо аз чӣ сохта шудани он, балки аз чигунагии ранги он низ вобаста аст. Мисол: Агар ранги ашё торику сиёҳ бошад, он ҳамон қадар зиёдтар рӯшноиро ба худ қабул менамояд. Шуъои ростои офтоб ба ҳама гуна ашё зараровар аст.[1] Ҳатто ашёи гурӯҳи якумро низ аз расидани шуъоҳои ростои офтоб ҳифз намудан лозим аст. Барои ашёе, ки сатҳи зарари рӯшноӣ ба онҳо миёна аст, реҷаи рӯшноӣ якхела нест. Маҳсулоти чӯбӣ: чормағз, дарахти сурх, дуба, тут, сафедор, тус, арча, бед метавонанд сухта рангпарида шаванд. Аз ин рӯ, болои онҳоро бо болопӯш мепушонанд. Барои нигоҳдошти мусаввараҳои темперию равғанӣ ва ашёи устухонӣ баръакс равшанӣ лозим аст. Бе рӯшноӣ қабати болоӣ ва ранги мусаввараҳои равғанӣ ва қабати ҷилодиҳандаи мусаввараҳои темперӣ хира мешавад. Устухон бошад зард мешавад. Инчунин пашми сафедро низ дуру дароз ба рӯшноӣ нигоҳ доштан мумкин нест.

Ҳама ашёи рӯшноиро ба зудӣ қабулкунанда дар бинои на он қадар равшани шишаҳои аз рӯшноӣ муҳофизаткунанда дошта дар лавозимоти махсуси фондии аз рӯшноӣ муҳофизаткунанда ҳифз карда мешаванд. Равшании биноҳо ҳангоми кор бо чунин ашё бояд аз 50-75 люкс зиёд набошад. Ашёи аллакай то дохилшавиашон ба осорхона аз рӯшноӣ ё аз ҳифзу истифодаи нодуруст зарардида ба ҳифзи махсус ниёз доранд.

Дастурҳои меъёрӣ қоидаҳои аккосӣ ва наворбардории ашёи осорхонавӣ дар мақолаи Шайдоев А. муайян карда шудааст. Риояи чунин дастурҳо барои ҳифзи арзишҳои осорхонавӣ ниҳоят муҳиманд. Зеро аксҳо вобаста ба фаъолияте, ки дар он акс истифода мешавад, якчанд навъ мешаванд: илмӣ, публисиситӣ, ва бадеӣ. Инчунин табқи табиати объекти тасвиршуда аксҳо ба намудҳо (жанрҳо) ҷудо карда мешаванд: а) манзара; б) акси портретӣ; в) репортаж.[2]

---

[1] Гренберг, Ю. К истории изучених росписи [Текст] / Ю. Гренберг // Художественное наследия. – Москва: [Б. и.], 1981. – С. 5-9.

[2] Шайдоев, А. Хусусиятҳои аксбардории ашёи осорхонавӣ [Матн] / А. Шайдоев // Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – №4. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С. 43.

Дар баробари аксбардорӣ, ки равшании муайян дар ашёи осорхонавӣ гузошта мешавад, ҳамзамон дар осорхона ва намоишгоҳҳо меъёрҳо ва қоидаҳои равшанидиҳӣ мавҷуд мебошанд, ки бо дастгоҳи люксиометр чен карда мешавад.

Равшанидиҳӣ дар чунин муассисаҳо бояд барои таъмини на танҳо сатҳи баланди равшанӣ, балки беҳтарин шароит фароҳам овардан барои тамошобинон ва ба таври ҷолиб инъикос намудани равшанӣ ба нигораҳо ва мусаввараҳои осорхонавӣ мебошад. Зеро дар осорхона ва намоишгоҳҳо ҳадафи асосӣ – ҷалб намудани диққати тамошобин ба девораҳои экспозитсионӣ мебошад.

Равшанидиҳӣ ба осорхонаҳо ва намоишгоҳҳо аз рӯйи нақшаи ташкили бинои осорхонавӣ муайян карда мешавад ва онҳо якчанд сабаб ва хусусиятҳои хоси худро доранд.

Вобаста ба бинои осорхонавӣ ва намоишгоҳҳо ҳамзамон намуди экспонатҳо, меъёрҳои равшанидиҳӣ чунин инъикос карда мешаванд:

- 50 люкс – барои намоишҳои матоъ, маҷалла, коғаз ва акварел;
- 30-50 люкс – барои экспонатҳои равшаниашон паст (темпера, аксҳо, дастнависҳои хаттӣ, коғазҳои қимматнок, графика);
- 150 люкс – барои экспонатҳои равшаниашон миёна (маснуот аз чӯб, устухон, акс, мусаввараҳои равғанӣ);
- 200-300 люкс – барои экспонатҳои калон ва равшаниашон баланд (биринҷӣ, пайкараҳои мармарӣ);
- 300-500 люкс – барои экспонатҳои хурд ва равшаниашон баланд (заргарӣ, фарфор, сиккаҳо, яроқу аслиҳа);
- 500 люкс – барои металлҳои қиматбаҳо ва сангҳо.

Дар толорҳои экспозитсионии Осорхонаи миллии Тоҷикистон маводҳои экспозитсионӣ аз ҷумлаи матоъ, маҷалла, коғаз, акварел, аксҳо, китобҳои дастнавис, чӯб, устухон, мусавварахо, биринҷӣ, мармарӣ, заргарӣ, фарфор ва яроқу аслиҳа ба намоиш гузошта шудаанд.

**Ифлосшавии ҳаво –** кухнашавӣ ва харобгардии ашёи осорхонавӣ натанҳо дар зери таъсири ҳарорат, рутубат ва рӯшноӣ, балки бо сабаби

ифлоскунандаҳои ҳаво: чанг, дуда, хлоридҳо, инчунин газҳои ифлоскунанда (сулфид, аммиак, гази сулфур), озона ва ғ. ба амал меояд. Аз ин рӯ ба тозагии қитъаҳои атрофи бинои осорхона ва хусусияти ифлоскунандаҳои ҳавзаҳои корхонаҳои истеҳсолии наздик қатъиян риоя намудан зарур аст.

Чанг ҷараёни кухнашавии ашёро метезонад. Чиркин шудани сатҳи ашё натанҳо намуди зоҳирии онҳоро таҳриф мекунад, балки ба намкашии онҳо мусоидат менамояд. Ифлоскунандаҳои ҳаво ҳангоми пайвастшавӣ бо рутубат ба аксуламали химиявӣ дохил шуда, боиси харобшавии сатҳи ашё гаштанаш мумкин аст.[1]

Ҳуҷраҳои осорхона бояд ҳатман бо чангкашак аз чанг тоза карда шаванд ё фаршҳо бо латтаи намноки фишурдашуда хуб тамиз гарданд. Ҳамаи таҷҳизоти осорхонавӣ, тирезаҳо, зертахтаи тирезаҳо ва ғайра бояд мунтазам аз чанг тоза карда шаванд. Бо мақсади пешгирӣ аз чиркиншавӣ мебел, пайкара, сафолҳои калонҳаҷм ва ғайра, ки сатҳи мураккаб доранд, пас аз баста шудани осорхона барои тамошобинон, бо ҷилдҳои латтагӣ пӯшонда мешаванд. Хусусан пайкараҳои гаҷӣ ба ҷилд ниёз доранд.

**Реҷаи биологӣ** – таъмини амнияти коллексияҳои осорхонавӣ ба ҳифзи онҳо аз осебҳои биологӣ вобастагии ниҳоят калон дорад. Чунин осебҳоро микроорганизмҳо, пупанакҳо, ҳашарот ва хояндаҳо мерасонанд.

Микроорганизмҳо (бактерияҳо ва мағор) навъҳои зиёд ва гуногуни ашёи осорхонавӣ, пеш аз ҳама маснуоти аз маводи органикӣ сохташударо (мусавварахои техникаашон мухталиф, коғаз, матоъ, устухон, чӯб ва ғ.) хароб месозанд. Дар шароити осорхонавӣ ҳолатҳои бо сабаби пупанакҳои мағорзананда хароб гаштани экспонатҳо бештар ба назар мерасанд. Баъзе намудҳои пупанак нахро вайрон карда, ҳамаи

[1] Михайловская, А. Основы советского музееведения [Текст] / А. Михайловская. – Москва: Госкультпросветиздат, 1955. – С. 82.

намудҳои мағор доғи зудуданашаванда боқӣ мегузоранд. Шароити асосии пешгирӣ намудани пайдошавии мағор риоя кардан ба реҷаи ҳарорату рутубати барои осорхонаҳо тавсиягашта мебошад. Сабаби асосии пайдо шудани мағор рутубати зиёд мебошад, ҳарорат танҳо ба суръати афзоиши пупанакҳо таъсир мерасонад. Пупанакҳо махсусан дар ҳарорати +20° – +25°С ва рутубати нисбии ҳавои баландтар аз 70% хеле хуб инкишоф меёбанд. Ба якбора хеле паст шудани ҳарорат роҳ додан лозим нест, зеро дар чунин ҳолат дар танаи ашё бухор ҷамъ гашта, дар навбати худ барои инкишофи пупанакҳо шароити хуб фароҳам месозад.[1]

Таҷҳизоти осорхонавие, ки дар онҳо ашёи аз маводи органикӣ сохташуда нигоҳ дошта мешаванд, ба хотири пешгирӣ аз мағорзанӣ, мунтазам бояд бо латтаи тозаи дар маҳлули спиртии формалдегиди 2% таркардашуда тамиз карда шаванд. Ҳангоми мушоҳида намудани мағор ашёи мағорбастаро ба ҷойи маҳдуди хушк гузарондан лозим аст. Маснуоти аз матоъ сохташуда пас аз хушккунӣ бо мӯйқалами борик тоза карда мешавад. Дигар намуди коркард танҳо ба уҳдаи тармимгари ботаҷриба гузошта мешавад.

Микроорганизмҳо дар ашёи аз мармар, гаҷ, санг ва амсоли инҳо сохташуда аз ҳисоби чиркинии сатҳи ин ашё, ки моддаҳои органикӣ доранд инкишоф меёбанд, барои ҳамин ба тозагии ашёи осорхонавӣ риоя намудан зарур аст.

Бесирояткунии мураккаби маводи дар боло зикргардидаи осорхонавиро танҳо мутахассисони ботаҷриба ва бо дастури мувофиқ фаъолиятнамуда гузаронда метавонанд. Ба коллексияҳои осорхонавӣ аксар вақт ҳашаротҳо зарар мерасонанд, ки паҳнгаштатарини онҳо: намудҳои гуногуни гамбусакҳо (чархчӣ-арза, чубхояндаҳо, каззоб, арзаи нонхӯрак, чармхӯрак), миттаҳо, пулакчадори қандӣ ва инчунин пашшаҳои хонагӣ мебошанд. Ҳашарот метавонанд ба ғайр аз фулузот,

[1] Скотт, А. Очистка т реставрация музейных экспонатов [Текст] /А. Скатт. – Москва-Ленинград: Государственное социально-экономическое издательство, 1935. – С. 7.

шиша ва сафолу чинӣ ба тамоми маснуоти аз дигар мавод сохташуда зарар расонанд.

Ҳамаи заҳрдоруҳое, ки барои нобуд сохтани мавҷудоти биологии зараррасон истифода бурда мешаванд, ба ҳамон дараҷа ё ба дараҷаи дигар барои инсон низ зарарноканд. Ҳангоми кор бо онҳо ба меъёрҳои бехатарии шахсӣ риоя намудан лозим аст, яъне бо либоси махсус ва дастпӯшакҳои резинӣ кор кардан, даҳону биниро барои пешгирӣ аз ворид гаштани чакраҳои маҳлул бо респиратор ё ниқобҳои докагии дар байнаш пахта гузошташуда ҳимоят кардан, ба чашмон айнак гузоштан, сарро бо рӯймол бастан зарур мебошад. Чунин коркардро танҳо мутахассисони таҷрибанок гузаронда метавонанд.

Дар маҷмуъ гуфтан мумкин аст, ки реҷаи ҳарорат, рутубат ва намнокӣ василаи хеле муҳим дар фоъолияти экспозитсионӣ-намоишии осорхона ба ҳисоб рафта, тавассути ҳифзу нигаҳдории ин омилҳо ва низоми муайяни равшанидиҳӣ муҳлати истифодабарӣ ва нигаҳдории ашёи осорхонавӣ дароз мегардад.

Таҳлилҳо нишон дод, ки дар натиҷаи истифодаи нодурусти реҷаи ҳарорат дар фаъолияти осорхонавӣ ба ашёи аслии осорхонавӣ таъсири манфӣ расонида, оҳиста-оҳиста ба нобудшавии ашёи таърихӣ оварда мерасонад. Ҳамзамон дар ҳолати рутубат қарор гирифтани макони ҳифзи ашёи осорхонавӣ (фонд, экспозитсия) имкони азбайн рафтани ашёи аслӣ вуҷуд дорад. Аз ин лиҳоз ба танзим даровардани реҷаи рутубат дар фаъолияти экспозитсионии осорхона аҳамияти муҳимро ба худ касб карадааст.

Мавриди зикр аст, ки реҷаи равшанидиҳӣ низ дар фаъолияти экспозитсионии осорхона аз аҳамият холи нест. Зеро яке аз роҳҳои муҳими муаррифии осори пурарзиши таърихӣ дар толорҳои экспозитсионӣ ба таври дуруст истифода намудани реҷаи равшанидиҳӣ мебошад. Ҳангоми аз меъёри муқарраргардида зиёд ва ё кам истифода намудани реҷаи равшанидиҳӣ ба ашёи аслии таъсири манфӣ мерасонад.

Хулоса, ҳамин тавр метавон гуфт, ки танзими реҷаи ҳарорат, рутубат ва равшанидиҳӣ дар фаъолияти экспозитсионии осорхона мавқеъи меҳварӣ дошта, барои созмон додани толорҳои нави экспозитсионӣ, осорхонаҳои соҳавӣ ҳатман риояи ин усулҳои созмондиҳии экспозитсия ба таври касбӣ ва дақиқ риоя кардан ба фоидаи кор аст. Зеро ҳар як усули ташкили экспозитсия ба ашёи аслии осорхонавӣ таъсири манфӣ ва мусбат расонида метавонад.

# БОБИ II. МУАРРИФИИ ТАЪРИХИ ФАРҲАНГИ ХАЛҚИ ТОҶИК ТАВАССУТИ ЭКСПОЗИТСИЯ ВА НАМОИШҲОИ ОСОРХОНАВӢ

## 2.1. Экспозитсияи Осорхонаи миллии Тоҷикистон инъикосгари таърихи фарҳанги халқи тоҷик

Дар замони ҷаҳонишавии фарҳанг он миллате ҳувияти хешро поянда дошта метавонад, ки агар афроди он дар руҳияи худшиносӣ тарбия ёфта ва дар ҳифзи арзишҳои миллӣ бошанд ва ба осори таърихӣ - фарҳангии ниёгони худ арҷ гузоранд. Нақши осорхонаҳо дар иҷрои ин амал, ҳамчун муассисаҳои илмӣ - фарҳангӣ муҳим мебошанд. Бо дарназардошти ин омил ҳанӯз дар оғози давлатдории навини худ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи фарҳанг ва махсусан нақш ва ҷойгоҳи осорхонаҳо дар ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани ҳаёти маънавии ҷомеа, зарурати ташкили осорхонаҳо ба вуҷуд омада, соли 1931 дар шаҳри Хуҷанд ва соли 1934 дар шаҳри Душанбе аввалин осорхонаҳои муттаҳидаи санъати тасвирӣ ва таърихӣ-кишваршиносӣ дари худро барои тамошобинон боз намуданд.[1]

Воқеан, Осорхона рисолати бузурги таърихӣ-фарҳангӣ ва тарбиявӣ дошта, дар ҷамъоварӣ, ҳифзу нигаҳдорӣ ва инъикоси бозёфтҳои қадимӣ, ки таърихи пурмуҳтавои давлату миллат ва анъанаҳои фарҳангиро бозгӯӣ менамоянд, нақши муассир дорад.

Дар ин замина, метавон аз таърихи фаъолияти Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод[2] ёдовар шуд, ки нақши он дар баланд бардоштани ҳаёти фарҳангии ҷомеа хело муҳим арзёбӣ мегардид.

Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод дар маркази шаҳри Душанбе ҷойгир буда буд, ки масоҳати

---

[1] Шарипов, А. Аввалин осорхонаҳо дар Тоҷикистон [Матн] / А. Шарипов // "Ҷавонони Тоҷикистон". – 8 феврали соли 2000. – С. 6.

[2] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иваз кардани номи Осорхонаи таъриху кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзод" [Матн]. – Душанбе, аз 27 ноябри соли 1999, №473.

умумии толорҳои экспозитсионии он 600 $м^2$-ро талкил медод. Осорхона аз 3 ошёна ва зербино иборат буд, ки дар се ошёнаи бинои осорхона толорҳои экспозитсионӣ-намоишӣ ва дар зербинои он фонди санъати тасвирӣ ва таърихӣ ҷойгир шуда буд. Дар осорхона 4 шуъбаи экспозитсионӣ фаъолият менамуд. Шуъбаи табиат, шуъбаи таърихи қадим ва асрҳои миёна, шуъбаи таърихи нав ва навтарин ва шуъбаи санъати тасвирӣ. Шумораи толорҳои экспозитсионии осорхона 47 ададро ташкил медод, ки аз он 4 толор дар шуъбаи табиат, 7 толор дар шуъбаи таърихи қадим ва асрҳои миёна, 20 толор дар шуъбаи таърихи нав ва навтарин ва 16 толор ба шуъбаи санъати тасвирӣ тааллуқ дошт.[1]

Экспозитсияи Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод ҳамчун як асари илмӣ-бадеӣ инъикосгари таъриху фарҳанг ва тамаддуни пурғановати миллати куҳанбунёди тоҷик маҳсуб меёфт. Экспозитсияи осорхона маҳдудияти замонӣ надошта, таърихи халқи тоҷикро аз замонҳои қадим то замони муосир бо пешниҳоди беҳтарин осори таърихӣ фаро мегирифт. Осори пурарзиши ба намоиш гузошташуда, мансуб ба давраҳои гуногуни таърихии ниёгони тоҷикон, ба монанди асри санг, аҳди биринҷ, аҳди оҳан, фарҳанги зардуштӣ, давлатдории Ҳахоманишиҳо, хазинаи Амударё, фарҳанги элинӣ, давлатдории Кушониён, сулолаи Сосониён, ҳунармандии Панҷакенти қадим, фарҳанги исломӣ, илму фарҳанги замони Сомониён, Ғазнавиён, Темуриён ва дигар давраҳои пурифтихори миллати тоҷикро фарогир буд. Инчунин роҷеъ ба таърихи нав ва навтарин, ки аз замони таъсисёбии Ҳокимияти Шуравӣ (1917) оғоз гардида, то замони соҳибистиқлолии кишварро дарбар мегирифт. Бояд гуфт, ки даврони соҳибистиқлолии кишвар ва дастовардҳои он ба монанди рушди соҳаҳои

[1] Букриева, Э.П. Музей изобразительный искуств [Текст] / Э.П. Букриева Т.И. Овчарова, К.П.Терентьева, Е.Н.Чудович. – Душанбе: Ирфон, 1981. – С. 14-52.

саноат, кишоварзӣ, роҳсозӣ, илму маориф, фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ ба шакли муҷаз ва ҷолиб пешниҳоди тамошобинон гардонида шуда буд.[1]

Ҳамзамон дар баробари муаррифии таъриху фарҳанг инчунин табиати нотакрори кишвар, олами ҳайвоноту наботот ва парваришгоҳу мамнунгоҳҳои нодири кишварро ба таври шоиста муаррифӣ менамуд.[2] Дар баробари ин, намунаҳои гуногуни ҳунарҳои миллии тоҷикон, аз ҷумла санъати тасвирӣ ва амалии ниёгони мо (суратнигорӣ, кандакории рӯйи чӯб, кундал, муҷассамасозӣ, қаламкашӣ ва ғ.), ки он як ҷузъи муҳими фарҳанги миллӣ ва умумибашариро ташкил медиҳад, дар экспозитсияи Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод ба маърази тамошо гузошта шуда буданд.[3]

Дар умум метавон гуфт, ки экспозитсияи Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод бо инъикоси беҳтарин нодираҳои таърихӣ, ки далел аз таъриху фарҳанг ва тамаддуни куҳани ниёгони мо тоҷикон гувоҳи дода, дар баланд бардоштани ҳисси баланди миллӣ, ифтихори миллӣ, арҷгузорӣ ба осори таърихию фарҳангӣ ва махсусан дар замири ҷавонону наврасон эҳё намудани арзишҳои миллӣ нақши муассир гузоштааст.

Доир ба ҳар як толорҳои экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод мо дар ин қисмати кор ба таври пурра маълумот намедиҳем. Зеро дар бораи толорҳои экспозитсионӣ-намоишиии Осорхонаи нави миллии Тоҷикистон, ки дар идомаи кор оварда шудааст, ҳар як толор ба таври муфассал шарҳ дода шудааст, ҳамзамон доир ба инъикоси таъриху фарҳанги халқи тоҷик дар он маълумоти муҳим пешниҳод гардидааст.

Яке аз самтҳои муҳими сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули афкори бунёдкорӣ ва тарбияи ифтихори миллии сокинони

---

[1] Мусоев, О. Историко-краеведческий музей [Текст] / О.Мусоев, Р. Кадыров, С.Курбанов, А.Кудратов, В.Я. Плужникова. – Душанбе: “Ирфон”. 1983. – 157 с.
[2] Ҳамонҷо. – С. 14-36.
[3] Букриева, Э.П. Музей изобразительный искуств [Текст] / Э.П. Букриева Т.И. Овчарова, К.П.Терентьева, Е.Н.Чудович. – Душанбе: Ирфон, 1981. – С 8-52.

кишвар маҳсуб мешавад. Расидан ба ин ҳадафҳоро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавассути фарҳанги миллӣ, аз ҷумла бо роҳи эҳёи мероси таърихию фарҳангии ниёгони халқи тоҷик арзёбӣ намудаанд.[1]

Ибтикороти муҳиме, ки солҳои соҳибистиқлолӣ дар ин самт ба он диққати махсус дода шуд, ин ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ва бунёди осорхонаҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ мебошад. Доир ба аҳамияти муҳим доштани фаъолияти осорхонаҳо дар ҳаёти ҷомеа Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин ибрози ақида намудаанд: "Халқе, ки ба гузаштааш арҷ мегузорад, халқе, ки ҳофизаи қавии таърихӣ дорад, ҳатман осорхона бунёд мекунад".[2]

Бо қабули як чанд санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фарҳанг", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи берун баровардан ва ворид кардани сарватҳои таърихию фарҳангӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо",[3] заминаи воқеии ҳуқуқӣ барои ба зинаи нави рушд ва ба талаботи даврони истиқлол мувофиқ намудани фаъолияти осорхонаҳо, шароит мусоид фароҳам оварда шуд.

Мавриди зикр аст, ки дар замони соҳибистиқлолии кишвар Ҳукумати ҷумҳурӣ ва махсусан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба эҳёи арзишҳои миллӣ ва ташкили муассисаҳои илмию фарҳангӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд. Дар ин замина ҷиҳати ҳифзу муаррифии осори таърихию фарҳангӣ, аҳамият ва зарурати таъсиси бинои наву замонавии осорхонаро дарк намуда, ҷиҳати бунёди Осорхонаи нави миллии Тоҷикистон ба мутахассисони соҳа дастуру

[1] Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат Ҷилди 3 [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе, 2002. – С. 369.
[2] Шарифзода, А. Падидаи бузурги фарҳангӣ [Матн] / А. Шарифзода // Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – №1. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – С.4.
[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо" [Матн]. 3 июли соли 2012. – №838.

супоришҳои мушаххас доданд, то бинои Осорхонаи нави миллӣ мутобиқ ба талаботи замони муосир дар сатҳи баланди меъморию ҳунарӣ сохта ба истифода дода шавад. Ҳамин буд, ки Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун муассисаи илмию фарҳангӣ дар назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2012 дар асоси фонди Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод таъсис дода шудааст.

Бунёди бинои муҳташаму зебои Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва ба фаъолият оғоз намудани он як рӯйдоди муҳими таърихӣ, падидаи барҷастаи фарҳангии сатҳи байналмилалӣ ва натиҷаи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Ин воқеа дар фаъолияти осорхонавии ҷаҳон низ ҳодисаи назаррас ба ҳисоб меравад. Дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон имкониятҳои хуби пешбурди корҳои ҷамъоварию нигаҳдорӣ, илмию таҳқиқотӣ ва оммавию маърифатӣ мавҷуд буда, экспозитсияи он дар асоси Нақшаи мавзӯӣ-экспозитсионӣ, ки дар илми осорхонашиносии муосир камназир мебошад, сохта шудааст.

Ҳатто муҳимияти бинои нави Осорхонаи миллии Тоҷикистонро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми ифтитоҳи бинои осорхона ва шиносоӣ аз он таассуроти хешро дар китоби меҳмонони фахрии Осорхонаи миллии Тоҷикистон чунин зикр намуда буданд: «Ифтитоҳи Осорхонаи миллӣ аз ҷумлаи рӯйдодҳои таърихӣ ва дастовардҳои муҳимӣ фарҳангии даврони истиқлолияти кишвари мост. Осорхона фақат махзани ёдгориҳои бостонию нодир нест, балки оинаи таърихи куҳанбунёди миллати тоҷик аст. Халқе, ки ба гузаштааш арҷ мегузорад, халқе, ки ҳофизаи қавии таърихӣ дорад, ҳатман осорхона бунёд мекунад. Сатҳи фарҳанги маънавиёти ин ё он миллат аз ғановати осорхонааш ҳувайдост. Бовар дорам, ки Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба мисли осорхонаҳои бузурги дунё – Британияи Кабир, Лондон, Луври Париж, Эрмитажи Санк-Петербург ва ғайра дар кори пуршарафи гирдоварӣ, омӯзиш, нигаҳдорӣ, ташвиқу ташвиқи

ёдгориҳои таърихӣ ва осори моддию маънавии халқамон хидмати босазо хоҳад кард. Осорхонаи миллӣ бояд ифтихори миллии ҳар як фарзанди бонангу номуси тоҷик бошад».[1]

Осорхонаи миллии Тоҷикистон яке аз муҳимтарин объекти сайёҳӣ дар кишвар ба шумор меравад, ки самтҳои асосии фаъолияти он ба ҷамъоварӣ, ҳифз, омӯзиш, таблиғу ташвиқи мероси фарҳангӣ, ҷалби бештари меҳмонону саёҳон ва муаррифии шоистаи таъриху фарҳанги куҳанбунёди давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон равона шудааст.

Экспозитсияи Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар асоси нақшаи мавзуӣ-экспозитсионӣ таҳия гардида, он аз 22 толори намоишӣ иборат мебошад. Беҳтарин шоҳкориҳои ниёгон, ки инъикосгари таъриху тамаддуни халқи тоҷик мебошанд, дар ин толорҳо ба маърази тамошо гузошта шудаанд. Ҳамчунин экспозитсияи Осорхонаи миллии Тоҷикистон маҳдудияти замонӣ ва мавзуӣ надошта, дар он ҷиҳати муаррифии шоистаи мероси таърихию фарҳангӣ чор шуъбаи экспозитсионӣ: табиат, таърихи бостон ва асрҳои миёна, таърихи нав ва навтарин ва санъати тасвирӣ-амалӣ фаъолият менамояд, ки онҳо дар чор ошёна ҷойгир шудаанд.

Толорҳои экспозитсионии осорхона аз 14 толори калон ва 8 толори хурд таркиб ёфта, масоҳати умумии толори калони экспозитсионӣ 480 $м^2$ ва толори хурд 275 $м^2$-ро дар бар мегирад. Аз ин масоҳат 151,2 $м^2$-и толори калон ва 55 $м^2$-и толори хурд барои инъикоси осори таърихӣ пешбинӣ шудааст. Баландии деворҳои намоишии толорҳо ба 210 см баробар аст. Дар қисми поёнии деворҳои намоишӣ подиум (зермон) сохта шудааст. Ҳамаи толорҳои экспозитсионии шуъбаҳои осорхона бо витринаҳои деворӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Хатти сайри тамошои Осорхонаи миллии Тоҷикистон аз харитаи релефии Тоҷикистон оғоз мегарадад, ки он дар даромадгоҳи асосии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба андозаи 6х10 метр дар шакли

[1] Китоби меҳмонони фахрии Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2013. – С. 3.

барҷаста сохта шудааст. Ин харита ба тамошобинон оид ба масоҳати умумӣ, сарҳадҳо, кул, қаторкӯҳҳо, дарёҳо маълумоти муфассалро дар шакли муосир бо истифода аз равшанидиҳандиҳои аломатӣ ба тариқи худкор пешниҳоди тамошобинон менамояд.

Идомаи муаррифии экспозитсияи Осорхонаи миллии Тоҷикистон аз шуъбаи табиат оғоз мегардад, ки он дар зербинои осорхона ҷойгир шудааст. Муҳимияти созмон додани толорҳои шуъбаи табиат дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар он зоҳир мегардад, ки ҳар як тамошобини осорхона дар баробари шинос шудан аз таъриху фарҳанги миллати тоҷик, инчунин аз зебоиҳои табиати нотакрори Тоҷикистон аз наздик шинос шавад. Зеро дар толорҳои шуъбаи табиат бо истифода аз 9 диорамаҳо, ки дар онҳо мамнуъгоҳҳо ва парваришгоҳҳои Тоҷикистон хело ба таври зебо ва ҷаззоб инъикос гардидаанд, ҳамзамон 327 хусаҳои ҳайвонҳои гуногун ба таври бадеӣ ороиш ва ҷой дода шудаанд. Тамошобини осорхона дар як маврид ҳангоми боздид аз толорҳои шуъбаи табиат, метавонад бо минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ба воситаи диорамаҳои парваришгоҳҳо ва мамнуъгоҳҳо аз наздик шинос шавад.

Шуъбаи табиат тибқи нақшаи мавзуии экспозитсионии осорхона аз 3 толори калон ва 2 толори хурд иборат мебошад, ки он оид ба мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон, канданиҳои фоиданок, олами набототу ҳайвонот, парваришгоҳҳо ва мамнуъгоҳҳои кишвар маълумоти муҳим ва зарурӣ медиҳад.

**Толори якум.** Толори якуми шуъбаи мазкурро толори геологӣ меноманд, ки дар он беҳтарин намунаҳои минералҳои кӯҳие, ки дар натиҷаи экспедитсияҳои геологӣ аз ҳудуди ҷумҳурӣ кашф гардидаанд, ба маърази дид гузошта шудаанд. Тибқи маълумоти сарчашмаҳо дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон зиёда аз 400[1] адад конҳои канданиҳои

---

[1] Баротов, Р. Конҳои Тоҷикистон. Сарватҳои зеризаминии Тоҷикистон [Матн] / Р. Баротов. – Душанбе: Ирфон, 1968. – С. 13-16.

фоиданок мавҷуд аст, ки дар ин гӯшаи толор баъзе аз ҷинсҳои кӯҳӣ, ба монанди Сулфури холис, Лаъл, Лиманит, Киновар, Асбест, Биотит, Кварс, Рухом, Мусковит, Калсит, Сфалерит, Галенит, Флюорит, Барит, Слюда, Талк[1] ва дигар анвои минералҳо пешкаши тамошобин гардонида шудааст. Ҳамзамон канданиҳои фоиданоки Тоҷикистон тавассути рангҳои гуногун дар харитае, ки аз санги мармари сиёҳ, лоҷувард, кварс ва чашми паланг сохта шудааст, инъикос ёфтаанд.

Гӯшаи дигари толори мазкур ба инкишофи ҳайёт дар рӯйи замин бахшида шудааст, ки он тибқи назарияи илмӣ аз давраи Архей шурӯъ гардида, то давраи чорумин (2,5 миллион)-ро дар бар мегирад. Тамошобини осорхона бо дидани ин гӯша метавонад оид ба инкишофи ҳаёт дар рӯйи замин, ки тавассути аксҳо инъикос гардидаанд, барои худ маълумоти мухтасар ва заруриро касб намояд. Давраи чорум аз 2,5 миллион сол пеш то замони ҳозираро дар бар мегирад ва дар ин гӯша минералҳое, ки мутаалиқи ин давра мебошанд ба маърази тамошо гузошта шудаанд.

Идомаи толор ба гӯшаи дигаре бо номи Палеанталогия – илм дар бораи ҷисмҳои сангшуда бахшида шудааст. Табиист, ки аз ҳудуди ҷумҳурӣ ҷисмҳои сангшуда ба таври густурда бозёфт гардидаанд, ки беҳтарини онҳо ба монанди дарахти сангшуда ва ҳайвоноти обии ба санг мубаддал гашта мебошанд, ки дар гӯшаи мазкур ба намоиш гузошта шудаанд. Ин гӯша низ тамошобинро ба олами дури таърих ва муъҷизаҳои табиат ба андеша водор месозад, ки бо гузашти чандин асрҳо олами набототу ҳайвонот ба сангпораҳо табдил гардидаанд.

Гӯшаи дигари толори геологӣ ба “Дараи пиёз” бахшида шудааст. Дараи пиёз дар ноҳия Рашт ҷойгир шудааст. Ин дара дар қисмати шарқии ҷумҳурӣ ҷойгир буда, дар замони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби геологони машҳури тоҷик менералҳои гуногун кашф гардидаанд. Ҷолибияти ин гӯша дар он аст, ки минералҳои ба намоиш гузошташуда

---

[1] Баротов, Р. Конҳои Тоҷикистон. Сарватҳои зеризаминии Тоҷикистон [Матн] / Р. Баротов. – Душанбе: Ирфон, 1968. – С. 21.

бо номҳои тоҷикӣ, ба монанди Тоҷикит, Баротавит, Суғдиянит ва ғайра номгузорӣ шудаанд. Шояд тамошобини закии осорхона ба ҳайрат афтад, ки чи гуна метавонад ҷинсҳои кӯҳӣ номҳои тоҷикона дошта бошанд. Сабаб он аст, ки ҳар олиме, ки минерали ҷадидеро кашф мекунад, барои номгузории он соҳибихтиёр аст. Аз ин лиҳоз, минерали Тоҷикит ба номи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суғдиянит ба номи вилояти Суғд ва Баротавит бошад ба номи геологи машҳури тоҷик Баротов Рауф бахшида шудаанд.

Қабатҳои буриши кундалангии қишри замин низ аз муҳимтарин осори табиӣ маҳсуб меёбанд. Аз ин рӯ, гӯшаи навбатӣ ба ин мавзуъ бахшида шудааст. Ин гӯша аз давраи Архей то ба давраи чорумин, чордаҳ давраро дар бар мегирад. Тамошобин аз дидани ин гӯша, ки ҳар як қабат бо рангҳои гуногун ишора карда шудааст, ба худ маълумоти заруриро мегирад.

Гӯшаи охирини ин толор ба муъҷизаҳои табиат бахшида шудааст. Яъне табиат чунин осори табиии зеборо офаридааст, ки бе дахолати инсон шаклҳои гуногун ва ҷолибро ба худ гирифтаанд. Аз қабили, намак ба монанди майнаи сари инсон, санг монанд ба хорпушт ва инчунин санге, ки дар натиҷаи бодхӯрдашавии шакли ғайриодии диққатҷалбкунандаро гирифтааст. Инчунин дар ин намунаи кӯҳи садбарг инъикос ёфтааст, ки он дар ҳудуди ноҳияи Сангвори имрӯза ҷойгир мебошад.

Дар маркази толор бошад, дарахти сангин ба намоиш гузошта шудааст, ки диққати ҳар бинандаро бешубҳа ба худ ҷалб менамояд. Дарахти сангин дар корхонаи Рухоми шаҳри Душанбе сохта шудааст, ки вазни он ба 600 киллограм баробар мебошад. Ҳамзамон аз 19536 баргу овезаҳои сангин иборат буда, баландии он 3,5 метр ва паҳноии он ба 1,5 метр мерасад.

Дар умум толори мазкур ба тамошобин оид ба таърихи геологияти тоҷик, намунаҳои гуногуни ҷинсҳои кӯҳӣ, пайдоиши ҳаёт дар рӯйи замин ва осори нодири табии ҷумҳурӣ маълумоти кӯтоҳи илмӣ медиҳад.

**Толори дуюм.** Толори навбатӣ ба иқлими Тоҷикистон бахшида шудааст, ки тавассути харитаҳо ба тамошобинон маълумот оид ба обу ҳавои кишвар пешниҳод менамояд. Яке аз хусусиятҳои иқлими ҷумҳурӣ дар тӯли солҳо дар ҳамаи мавзеҳо нобаробар будани боришот мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи аз ҳама серборишторин қаторкӯҳҳои Ҳисор мебошад, ки аз 1000 то 2000 миллиметр боришот ба қайд гирифта шудааст ва ҷойи аз ҳама камбориш ин қисмати Шарқ аз 100 то 200 миллиметр аст. Камбориштарин мавзеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин Помири шарқӣ, яъне мавзеи Қарокӯл мебошад, ки соле 70 миллиметр боришот ба қайд гирифта шудааст. Ин яке аз мавзеҳои камбориштарин натанҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар ИДМ ба қайд гирифта шудааст. Мавзеҳои зикргардида дар харита тавассути рангҳои сабзи баланду паст ва аломатҳои ишоратӣ нишон дода шудааст.

Харитаи навбатии ин толор ба ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда бахшида шудааст. Ҳудудҳои махсус муҳофизатшаванда дар ҷумҳурӣ масоҳати умумии онҳо 22,1%-и ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои 4 мамнуъгоҳ, 13 парваришгоҳ мебошад. Инчунин дар ин харита як Боғи миллӣ ва ду Боғи табиӣ нишон дода шудааст.

Ҳамзамон дар толори мазкур харитаи иқлими Тоҷикистон ҷой дода шудааст, ки ба тамошобин доир ба минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон, ки ҳарорати гармӣ ва сардии пасту баланд доранд маълумот медиҳад. Вобаста ба маълумоти Кумитаи обу ҳовосанҷии ҷумҳурӣ, муайян гардидааст, ки минтақаи аз ҳама гармтарин ноҳияи Шаҳритузи деҳаи Айваҷ, ки гармии он ба +46$^0$ С дараҷа баробар аст. Дар ин баробар ҷойи аз ҳама хунуктарин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Мурғоби деҳаи Булункӯл -63$^0$ С дараҷа хунукиро муайян намудаанд. Дар харитаи мазкур вобаста ба ҳарорати гармӣ ва сардии минтақаҳо – бо ранги сурх гармӣ ва бо ранги кабуд сардӣ, нишон дода шудааст.

**Толори сеюм.** Бояд гуфт, ки 93%-и ҳудуди ҷумҳуриро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, аз ин рӯ, толори навбатии шуъбаи табиати осорхона ба баланкӯҳҳои Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар ин толор тамошобин тавассути диорамаҳо ба олами набототу ҳайвоноти Тоҷикистон аз наздик шиносоӣ пайдо менамояд. Бештари баландкӯҳҳои Тоҷикистон дар қисмати шарқии ҷумҳурӣ махсусан Помир ҷойгиранд. Дар диорамаи аввал тавассути хӯсаҳо ҳайвоноти нодир ҷойгир карда шудаанд, ки аксарияти онҳо дар китоби Сурхи Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд. Аз ҷумла, Уқоби ришдор, Бургут ва ҳайвони нодиртарин дар ҷаҳон гӯсфанди кӯҳи Архай бо номи Марко Поло машҳур аст, ҷой дода шудааст.[1] Вазни онҳо ба 130 ва 180 киллограм баробар аст, ки 13%-и вазни онҳоро шохҳояшон ташкил медиҳад. Ҳамзамон бузи кӯҳии Сибирӣ дар ин диорама ба мушоҳида мерасад. Ҳайвони нодири Тоҷикистон, ки Бабри барфӣ ном мебаранд, дар ин диорама ба шакли хело ҷолиб нишон дода шудааст. Инчунин дар ин диорама намудҳои гуногуни ҳайвоноти нодир ба монанди суғур, гург, харгӯш, дар шакли хӯса ба таври ҷолиб ба намоиш гузошта шудаанд.

Дар маркази ин толор яке аз намунаҳои баландкӯҳи Тоҷикистон ба таври бадеӣ сохта шудааст, ки он аз шаршара ва бошишгоҳ иборат мебошад. Аксаран дар чунин бошишгоҳҳо хирсҳои маллаи тёншонӣ зиндагонӣ мекунанд, ки намунаи он дар ин диорама нишон дода шудааст.[2]

Диорамаи дигари толори мазкур тамошобинонро бо қаторкӯҳҳои Тоҷикистон ошно месозад. Дар диорамаи мазкур намунаҳои гуногуни қаторкӯҳҳои Тоҷикистон ба шакли ҷаззобу диданӣ инъикос ёфтаанд. Чигунае, ки маълум аст дар чунин қаторкӯҳҳо шумораи зиёди ҳайвоноту паррандагон зиндагонӣ мекунанд ва намунаи чанде аз онҳо дар инҷо

---

[1] Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. Нашри дуюм. Олами набото ва ҳайвонот. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2015. – С. 236.
[2] Ҳамонҷо. – С. 219.

инъикос ёфтааст. Ба монанди паланги холдор, уқоби рищдор, моҳихӯрак, мурғи ҳилол, силовсин ва ғайра.

**Толори чорум.** Дар ин толори тамошобин имкон дорад ба олами набототу хазандаҳо шинос шавад, зеро дар ин толор намунаҳои гуногуни растаниҳои дар ҳудуди ҷумҳурӣ мавҷуд буда, ба намоиш гузошта шудаанд. Тибқи маълумоти сарчашмаҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 4500 намуди растаниҳо ба қайд гирифта шудааст.[1] Аз ин миқдор 150 адади онро растаниҳои шифобахш ташкил медиҳад. Ин навъи растаниҳо ба иқлими Тоҷикистон мутобиқ мебошанд. Аз ин рӯ, беҳтарин намунаҳои онҳо дар толори мазкур тариқи гербарӣ ба намоиш гузошта шудаанд. Дар маркази толор бошад олами хазандаҳо ба шакли зебо ва ҷолиб пешниҳоди тамошобинон гардонида шудааст. Аз ҷумла, мор, калтакалос, қурбоқа, каждум, моҳӣ ва ғайра мебошад. Инчунин дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи нишондиҳандаҳо зиёда аз 11 намуди мор мавҷуд аст, ки аз онҳо 5 намудаш заҳрдор ва 6 намуди дигари он безаҳр мебошад, ки намунаҳои онҳо низ дар ин толор ба маърази тамошо гузошта шудаанд.[2]

Аз навъи моҳиҳо бошад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 61 намуд ба қайд гирифта шудааст. Аз ҳама моҳии нодир ин Белбинии амударёгӣ ба ҳисоб мераввад, ки он дар се дарёи калонтарини ҷаҳон вохӯрдан мумкин аст. Дар дарёи Мисисипии Амрико, Янсузи Хитой ва Амударёи Тоҷикистон. Моҳии аз ҳама калонтарин дар Тоҷикистон ин лақамоҳӣ ба ҳисоб меравад. Дарозии он ба 1,5 то 2 метрро ташкил медиҳад ва вазни он аз 150 то 200 киллограм баробар аст.

**Толори панҷум.** Толори охирини шуъбаи табиати Осорхонаи миллӣ ба мамнуъгоҳҳо ва парваришгоҳҳои ҷумҳурӣ бахшида шудааст.

Дар қисмати аввали толор Парваришгоҳи Чилдухтарон дар шакли диорама инъикос ёфтааст. Бояд гуфт, ки Парваришгоҳи Чилдухтарон яке

---

[1] Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. Нашри дуюм. Олами набото ва ҳайвонот. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2015. – С. 3.
[2] Ҳамонҷо. – С. 139-150.

аз мавзеҳои сайёҳӣ ва диданибоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ин мавзеи хушманзараи Тоҷикистон дар қисмати ҷанубии вилояти Хатлон дар ноҳияи Мӯъминобод ҷойгир аст. Парваришгоҳ дар баландии 1200 то 2600 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир шудааст. Парваришгоҳи Чилдухтарон соли 1959 таъсиси дода шуда, масоҳати он ба 14600 гектар баробар аст. Сабаби ҳифзи ин парваришгоҳ барои ҳимояи осори таърихии геологӣ ба ҳисоб меравад.[1] Дар ин парваришгоҳ намунаи зиёди ҳайвонот ва парандаҳои нодири Тоҷикистон зиндагонӣ мекунанд. Аз ҷумла, хуки ёбой, сагоба, қашқалдоқ ва калмурғ, ки дар Китоби сурхи Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд.[2]

Дар қисмати дигарии ин толор диорамаи мамнуъгоҳи Дашти Ҷум инъикос гардидааст. Мамнуъгоҳи Дашти Ҷум дар қисмати ҷанубии вилояти Хатлон, дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин ҷойгир шудааст. Мамнуъгоҳ соли 1983 таъсис дода шуда, масоҳати он ба 19700 гектар баробар аст. Дар ин мамнуъгоҳ зиёда аз 17 намуди ҳайвонот зиндагонӣ мекунанд. Аз онҳо 6 намудашро парандаҳо ташкил медиҳад, ки ҳамаи онҳо дар Китоби Сурх шомил гаштаанд, ба монанди хирси маллаи тиёншонӣ, бузи пармашоҳ, кабки тиёншонӣ, бум, достнӯл ва ғайра.

Дар қисмати хотимавӣ тамошобини осорхона аз диорамаи Бешаи Палангон шинос мешавад. Мамнуъгоҳи Бешаи Палангон дар қисмати ҷанубии вилояти Хатлон дар ноҳияҳои Дӯстӣ (Ҷиликӯл) ва Ҷайҳун (Қумсангир) ҷойгир шудааст. Мамнуъгоҳ соли 1938 таъсис дода шуда, масоҳаташ ба 52000 гектар мерасад. Бинобар сабаби паланги туронӣ зиндагӣ карданаш дар ин мамнуъгоҳ номи онро Бешаи Палангон номидаанд. Аз сабаби шикори аҳолӣ дар ин мавзеъ паланг боқӣ намондааст. Ҳоло дар Бешаи Палангон гавазни бухорой парвариш карда мешавад. Дар ин мамнуъгоҳ зиёда аз 400 намуд растанӣ, 150 намуд паранда, 20 намуд моҳӣ, 2 намуд обхокӣ, 34 намуд хазанда ва 34 намуд

---

[1] Баротов, Р. Лаъли Бадахшон [Матн] / Р. Баротов. Нашри II. – Душанбе: Маориф, 1980. – С. 70.
[2] Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. Нашри дуюм. Олами набото ва ҳайвонот. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2015. – С. 224.

ширхӯрон ба қайд гирифта шудааст. Парандаи зебои Бешаи Палангон ин фазан ё тазавр ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 намуди он зарафшонӣ, тоҷикӣ ва сирдарёгӣ ба қайд гирифта шудааст. Ҳамзамон морсармоҳӣ, мӯйлабмоҳӣ, белбинии амударёгӣ ва лақамоҳӣ низ дар ин мамнуъгоҳ ба қайд гирифта шудааст.[1]

Ҳамин тариқ, таҳқиқот нишон дод, ки нақши Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии табиати нотакрори кишвар назаррас мебошад. Зеро тамошобин имкон дорад бо тамошои шуъбаи мазкур роҷеъ ба олами набототу ҳайвонот, мавзеҳои табиӣ, ҷинсҳои кухӣ ва дар умум оид ба табиати биҳиштосои Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти муҳим ва заруриро ба худ касб намояд. Тамошобин аз шуъбаи табиати Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳангоми шиносоӣ ва боздид бо 558 намуди минералҳо, 196 хусаи гуногуни ҳайвоноту парандагон, 58 гербарии растаниҳо, 58 намуди хазандаҳо, 20 намуди кундачаҳои гуногуни дарахт ва 7 намуд хокҳо аз наздик шиносоӣ пайдо менамояд. Дар маҷмуъ дар экспозитсияи шуъбаи табиати Осорхонаи миллии Тоҷикистон, 902 адад ашёи гуногуни осорхонавӣ ба маърази тамошо гузошта шудааст.

**Ошёнаи якум:** Дар ошёнаи якуми осорхона экспозитсияи шуъбаи таърихи бастон ва асрҳои миёна инъикос гардидааст. Ин шуъба ба тамошобин оид ба таъриху тамаддуни пурғановати миллати куҳанбунёди тоҷик аз замонҳои қадим (аз асри санг) то замони муосир (ибтидои асри XX) маълумот медиҳад.

**Толори якум:** Ин толор ба асри санг, асри биринҷ ва аҳди оҳан бахшида шудааст. Муҳимияти ташкили ин толор дар он зоҳир мегардад, ки тамошобини осорхона аз аввалин пайдоиши қабилаҳои одамони ибтидоӣ, расму оин, олоти меҳнат, шикор, ҳунармандӣ ва дигар шароити ин давраи таърихӣ аз наздик шинос мешавад. Барои тамошобини ҷавони осорхона ин толор тавассути аксу экспонатҳои нодири таърихиаш барои

[1] Роҳнамои шуъбаи табиати Осорхонаи миллии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – С. 60-65.

баланд бардоштани ҳисси баланди миллӣ, муҳофизати ватан, шинохти миллӣ ва муаррифии таъриху фарҳанги миллати тоҷик нақши арзандае дорад.

Экспозитсияи толори аввали шуъба аз харитаи ёдгориҳои таърихи Тоҷикистон оғоз мегардад. Бинанда аз ин харита, ки тавассути аксҳо ёдгориҳо инъикос гардидааст, шинос шуда, доир ба таърихи пайдоиш ва ҷойгиршавии ёдгориҳои таърихӣ, бостонӣ, меъморӣ ва монументалӣ ошноӣ пайдо мекунад. Тибқи маълумоти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дар ҳудуди кишвар зиёда аз 2020 ёдгориҳои таърихӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аксарияти ин ёдгориҳо дар қисмати шимоли Тоҷикистон, дар вилояти Суғд 724 ёдгорӣ ҷойгир мебошанд. Ҳамзамон 34 ёдгорӣ дар шаҳри Душанбе, 581 дар вилояти Хатлон, 430 дар ноҳияҳои тобеи марказ ва дар ВМКБ 251 ёдгорӣ ба қайд гирифта шудааст.[1]

Аз миёни ёдгориҳои мазкур, Саразм ҳамчун ёдгории қадима, ки таърихӣ 5500 сола дошта, соли 2010 ба феҳристи ёдгориҳои мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО пазируфта шудааст.[2] Ҳамзамон 8 мавзеи таърихии Тоҷикистон барои шомил шудан ба феҳристи ёдгориҳои мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО пешниҳод шудаанд: Панҷакенти қадим, Бунҷикат, Қалъаи Ҳисор, Тахти Сангин, Мадрасаи Хоҷа Машҳад, Дайри Будоии Аҷинатеппа, Қалъаи Ҳулбук, Қалъаи Ямчун.[3]

Дар гӯшаи дигари экспозитсия яке аз давраҳои қадимтарин ва дарозтарини таърихи инсоният асри санг инъикос ёфтааст. Дар асоси сарчашмаҳои таърихи ба мо маълум аст, ки асри сангро муаррихон ба 3 давраи асосӣ ҷудо намудаанд.

Палеолит, Мезолит ва Неолит.

Палеолит дар навбати худ ба 3 давра ҷудо мешавад:

---

[1] Амиршоҳӣ, Н.Қ. Феҳристи ёдгориҳои таърихию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Қ. Амиршоҳӣ. – Душанбе: Бебок, 2017. – 204 с.

[2] Убайдулло, Н. Саразм – нодиртарин ёдгории сатҳи ҷаҳонӣ [Матн] / Н. Убайдулло // Мероси ниёгон. – №22. – Душанбе, 2020. – С. 25.

[3] Давлатзода, З. Истиқлолияти давлатӣ ва эҳёи таъриху фарҳанги миллӣ [Матн] / З. Давлатзода // Мероси ниёгон. – №23. – Душанбе, 2021. – С. 8

Палеолити аввал, Палеолити миёна, Палелити охир.[1]

Марҳилаҳо аз якдигар аз рӯйи намуди олоти сангӣ ва ҷойгиршавӣ дар қабатҳои мутаносиби геологӣ фарқ мекунанд.

Давраи аз ҳама қадими асри сангро палеолити аввал меноманд. Дар Осиёи Миёна ин давра 800-200 ҳазор сол пеш аз замони моро дар бар мегирад. Дар ин давра намудҳои хоси олоти сангӣ, усули коркард ва истеҳсоли онҳо вуҷуд доштанд. Дар Осиёи Миёна қадимтарин бошишгоҳи ин давра Кулдара мебошад. Кулдара дар ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон ҷойгир буда, аз ҷониби бостоншиноси шинохтаи тоҷикистонӣ В.А. Ранов кашф шудааст. Дар гӯшаи экспозитсионӣ Кулдара тавассути акс нишон дода шудааст.[2]

Ҳамчунин бошишгоҳҳои қадимтарини Тоҷикистон, Қаратоғ дар ноҳияи Ёвон таърихи 600 ҳазор сола дорад, бошишгоҳи Лоҳутӣ ва бошишгоҳи Оби Мазор, ки инҳо таърихи 500 ҳазор сола ва 400 ҳазор сола доранд, ки дар ноҳияи Ховалинг воқеъ гардидаанд. Қисме аз бозёфтҳои сангини ин бошишгоҳ дар қисмати поёнии витрина пешниҳоди тамошобин гардонида шудааст, ки бинанда тавассути ин экспонатҳо ба умқи таърих фурӯ рафта, аз тарзи зисту зиндагонии одамони асри санг шинос мешавад. Бозёфтҳои ин давра хеле оддӣ буда, онҳоро дар илм чоппер ва чоппинг мегӯянд ва онҳо асосан барои кӯпидан, буридан, тарошидан ва сӯрох карда истифода бурда мешуданд.[3]

Машғулияти асосии сокинони ин бошишгоҳҳо шикор ва гиёҳғундорӣ буд. Тавассути аксҳо ин усули зиндагии онҳо нишон дода шудааст. Инчунин фарҳанг, расму оини ин давр ба тамошобинон тавассути экспонат ва аксҳо муаррифӣ карда мешавад.

Баъд аз полеолити аввал, полеолити миёна оғоз мегардад, ки дар ин гӯшаи толор тавассути аксҳо, харита ва олотҳои сангин тарзи зисту зиндагии одамони ин давра таҷасум ёфтааст. Махсусан аксҳо доир ба

---

[1] Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик [Матн]. Нашри дуюм. Бо илова, ислоҳ ва тавзеҳот / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – С. 7.
[2] Ҳамонҷо. – С. 8.
[3] Ғафуров, Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав [Матн] / Б. Ғафуров. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – С. 29-30.

муқоисаи олоти меҳнати асри санг ва давраи имрӯза ба намоиш гузошта шудааст. Ин барои тамошобин як маълумоти хуб мебошад, ки истифодаи олоти меҳнати асри санг тавассути маводи истифодаи имрӯза тариқи муқоисавӣ пешниҳод гардидааст.

Давоми экспозитсия ба давраи дигари таърихӣ, яъне полеолити охир бахшида шудааст, ки он тахминан аз 45-35 ҳазор сол пеш ташаккули навъи имрӯзаи башар Homo sapiens (Ҳомо сапиенс) сурат мегирад. Дар ин давра асбобу олоти сангӣ босуръат такмил меёбад. Ба ивази се-чор намуди асосии олотҳои замони мусте асбобу абзорҳои гуногуни сангӣ ба вуҷуд меоянд. Бо такмили асбобу олот ҳаҷми онҳо хурдтар ва василаҳои шикор низ беҳтар мегардад. Дар давраи палеолити боло ташаккули қабилаҳо шуруъ мешавад: қавми модарӣ, ки аз гуруҳи экзогамии одамони бо риштаҳои хешӣ ва умумияти насаби модарӣ ба ҳам пайваста фароҳам омада буданд, дар ҳамин давра ба дараҷаи рушду такомули худ мерасанд.[1]

Дар қисмати дигари ин гӯша ҳамзамон олотҳои сангини давраи незолит ва неолит нишон дода шудааст. Бошишгоҳҳои дигар ба монанди Кангуртур ва Тутқавул, ки тавассути аксҳо нишон дода шудаанд, дар ҳудуди имрӯзаи шаҳри Норак воқеъанд. Бояд гуфт, ки ҳоло дар ин мавзеи бошишгоҳи Тутқавул обанбори Норак сохта шудааст. Дар ин давра тасаввуроти бадеӣ ва эҳсосоти зебопарастии одамони ибтидоӣ низ инкишоф меёбад. Дар ин бора суратҳои дар деворҳои ғорҳо мавҷуд буда, шаҳодат медиҳанд. Қадимтарин аксҳои ранга дар Осиёи Миёна дар Ғори Шахта, ки дар Помири Шарқӣ дар баландии 4200 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир аст, пайдо карда шудаанд. Ин аз он гувоҳи медиҳад, ки таърихи санъати тасвирӣ ва амалии ниёгони мо ба ҳазораи 8-5 пеш аз мелод мерасад.

Дар бисёр ноҳияҳои Осиёи Миёна ҳазорон тасвирҳои дар саҳроҳо кашидашуда мавҷуданд, ки машҳуртарини онҳо тасвирҳои Саймалитош

[1] Ғафуров, Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав [Матн] / Б. Ғафуров. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – С. 32.

дар Фарғона ва Лангаркишт дар Помири Ғарбӣ мебошад. Дар Тоҷикистон ҳам чунин маҳалли ин қабил ёдгориҳоро метавон ном бурд. Чунон, ки дар қади соҳили Зарафшон ва шохаҳои он, дар силсилакуҳи Қурама ва дигар маҳалҳо миқдори зиёди тасвирҳои рӯйи санг пайдо гардидааст. Дар Помир, тақрибан, 50 маҳалли чунин ёдгорӣ қайд шудааст. Аксари ин тасвирҳои рӯйи санг ба даврони таърих ва қисман ба замони скифу сарматҳо тааллуқ дорад. Аз тадқиқи онҳо масъалаҳои хеле ҷолибе ба миён меоянд, ки эҳтимол, чанд насли донишманд – археологҳо ва санъатшиносон ба ҳалли онҳо машғул хоҳанд шуд.[1]

Дар қисмати охири гӯшаи асри санг, харитаи бошишгоҳҳои асри санги Осиёи Миёна ҷой дода шудааст. Дар харитаи мазкур қадимтарин бошишгоҳҳои Осиёи Миёна бо рангҳои гуногун ишора шудаанд. Чи гунае, ки ба мо маълум аст, қадимтарин бошишгоҳ дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон ин бошишгоҳи Кулдара дар ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон мебошад, ки таърихи зиёда аз 1 миллион солро дар бар мегирад.[2]

Дар қисмати дигари ин толор ҷиҳати дар сатҳи шоиста муаррифии ин давраи таърихӣ, диорамаи махсуси асри санг сохта шудааст. Дар диорама тарзи зисту зиндагонӣ ва машғулияти асосии одамони он давр ба шакли бадеӣ ва бо истифода аз ҷуссаҳои одамони аз гаҷ сохташуда, бошишгоҳи зисти одамон, шоха ва баргу дарахтони табиӣ, бешаи ҳайвонот ва дигар ҷузъҳои табиат инъикос ёфтааст.

Масалан дар қисмати чапи диорама гуруҳи мардон ба шикори дастаҷамъонаи ҳайвонот машғул мебошанд. Дар паҳлӯи онҳо марди росто бо саг тасвир ёфтааст, ки ин аз он гувоҳи медиҳад, ки дар дарозои таърих аввалин ҳайвоне, ки инсоният онро ба худ ром карда буд ва ҳангоми шикор ба онҳо кӯмак мекард, ин саг мебошад. Дар қисмати марказӣ, марде ба афрӯхтани оташ машғул аст, яъне истифода ва истеҳсоли оташро низ нахустин маротиба одамон дар аҳди санг ёд

[1] Ғафуров, Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав [Матн] / Б. Ғафуров. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – С. 38.
[2] Мункӣ, С. Ховалинг умри миллионсола [Матн] / С. Мункӣ // Мероси ниёгон. – №22. – Душанбе, 2020. – С. 76.

мегиранд, ки кор, зиндагӣ, ва ҳаёти онҳоро нисбатан осонтар гардонид. Дар қисмати дигари диорама марде тасвири ҳайвонотро рӯйи деворҳо ҳаккокӣ мекунад. Ин гувоҳ аз он аст, ки дар аҳди санг пеш аз шикори ҳайвоноти ваҳшӣ, образи онҳоро дар рӯйи санг тасвир карда, сипас чунин ҳайвонотро шикор мекарданд. Дар қисмати рости диорама ду зани нишаста ба коркарди пӯст машғуланд. Ин далел аз он аст, ки одамон дар аҳди санг аз пӯсти ҳайвонот барои худ сару либос омода мекарданд. Дар давоми диорама марде ба шикори моҳӣ машғул аст. Зеро дар аҳди санг моҳӣ низ яке аз ғизоҳои аввалияи одамони ин давра ба шумор мерафт. Дар қисмати охири диорама тамошобин мардеро мушоҳида менамояд, ки дастонашро ба сӯи осмон баланд бардоштааст. Ин гувоҳи он аст, ки дар ин давра аввалин эътиқодҳои динӣ низ ба вуҷуд омада буданд. Дар умум диорамаи асри санг ба тамошобини осорхона маълумоти саҳеҳу возеҳи як давраи муҳими таъриху фарҳангро ба шакли бадеӣ пешниҳод менамояд, ки ин усул имкон медиҳад то як ҳодисаи таърихӣ дар зеҳни тамошобин нақш бандад.

Дар идомаи толори якум, намунаи шакли илман барқароршудаи фил ба намоиш гузошта шудааст, ки он аз 3 қисмати аслии устухони фил ҷоғ, қабурға ва рони пой иборат мебошад. Устухонҳои фил аз ҳудуди имрӯзаи ноҳияи Гулистон наздикии обанбори Қайроққум пайдо гардидааст, ки онҳо таърихи беш аз 1,5 ва 2 миллион солро дар бар мегирад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар давраи қадим дар ҳудуди Осиёи марказӣ ва Тоҷикистон ҳайвоноти бузургҷусса аз қабили фил, мамонт ва амсоли инҳо зиндагӣ мекарданд ва иқлими Осиёи марказӣ ва махсусан Тоҷикистон барои зиндагии чунин ҳайвонот мусоид буд.[1]

Гӯшаи дигари толори мазкур ба аҳди биринҷ бахшида шудааст. Бояд гуфт, ки асри биринҷӣ муҳимтарин давраи таърихи инсоният мебошад. Зеро дар ин давра инсоният метали биринҷро ихтироъ намуд, ки он аз 25% мис ва 75% қалъагӣ ҳосил мегардад. Чи тавре, ки маълум

[1] Роҳнамои шуъбаи таърихи бостон ва асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2013. – С. 8.

аст наҳӯз дар давраи неолит таҳаввулоти бузурге ба миён омад ва инсоният дар ин давра тавонист, ки дар касбу ҳунарҳои нав ба мисли ҳунармандӣ, кулолгарӣ ва санъати тасвирӣ ба комёбиҳо ноил гардад. Ёдгории асри биринҷи Тоҷикистон, ки давраи қадимтараш ба ҳазораи 4 пеш аз мелод мансуб аст, ин Саразм мебошад.

Шаҳраки Саразм дар қисми шимолии Тоҷикистон, аниқтараш дар наздикии шаҳри Панҷакент воқеъ аст. Оғози гӯшаи аҳди биринҷ аз табари биринҷӣ шурӯъ мегарадад, ки ин амал тасодуфӣ нест. Зеро табари биринҷӣ нахустин бозёфти тасодуфӣ аз шаҳраки Саразм мебошад, ки он соли 1978 аз ҷониби сокини маҳалли шаҳри Панҷакент Ашуралӣ Тайлонов бозёфт гардида ва он сабаби кашфи қадимтарин ёдгории таърихии халқи тоҷик, яъне Саразми бостон гардидааст.[1] Дар радифи ин дигар осори таърихӣ ва ҳунарие, ки дар натиҷаи ҳафриётҳои бостоншиносӣ аз мавзеи шаҳраки Саразм ба даст омадаанд, аз қабилӣ кордҳои якдама ва дудамаи биринҷӣ, чангакҳои моҳигирӣ, сузанҳои биринҷӣ, пайконҳои сангӣ, дирафшҳои устухонӣ, дукҳои бофандагӣ, борсангҳо, қисмҳои шикастаи зарфҳои мунаққаш, зарфи сафолии ангобӣ ва дигар ашёи таърихӣ, ки аз рушди ҳунарҳои маъдангудозӣ, моҳидорӣ, дӯзандагӣ, бофандагӣ, кулолгарӣ, заргарӣ ва чорводорӣ дар шаҳраки қадимаи Саразм гувоҳӣ медиҳад, ба намоиш гузошта шудаанд.[2]

Дар баробари ин дигар ёдгориҳое, ки мансуб ба аҳди биринҷӣ буда, аз ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон кашф гардидаанд, ба монанди гӯристони Зарчахалифа, Кангуртут, Ғелот, Тулхори қадим, Макони мор, Дашти қозӣ, маданияти Қайроққум ва бозёфтҳои онҳо дар гӯшаҳои алоҳидаи ин толор ба шакли ҷолиб ба намоиш гузошта шудааст.

Тамошобини закии осорхона бо тамошои ин толор бори дигар аз маданияти шаҳрсозии тоҷикон дар тӯли таърих ва дигар анвои

[1] Яқубов, Ю. Саразм кашфи асри XX дар таърихи халқи тоҷик аст [Матн] / Ю. Яқубов // Мероси ниёгон. – №22. – Душанбе, 2020. – С. 31-38.
[2] Убайдулло, Н. Саразм – нодиртарин ёдгории сатҳи ҷаҳонӣ [Матн] / Н. Убайдулло // Мероси ниёгон. – №22. – Душанбе, 2020. – С. 23-30.

ҳунармандии онҳо тавассути экспонатҳои нодир аз наздик шинос шуда, ба худ як ҷаҳон ғизои маънавӣ мегирад.

**Толори дуюм:** Толори дуюми шуъбаи таърихи бостон ва асрҳои миёна ба фарҳанги Зардуштӣ бахшида шудааст.

Зарурати таъсиси толори Зардушт дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки оини Зардуштӣ дар асрҳои VII-VI пеш аз мелод ба вуҷуд омада, дар ин давра ниёгони қадимаи тоҷикон дар Осиёи Миёна ва умуман дар Бохтари қадим ва Суғди қадим сукунат мекарданд ва дини зардуштӣ дар минтақаҳои мазкур интишор гардида буд. Аз ин рӯ барои омӯзиш ва муаррифии ин давраи таърихӣ толори "Фарҳанги Зардуштӣ" таъсис дода шудааст.

Дар қисмати аввали ин толор харитаи ҷуғрофии Авасто ба намоиш гузошта шудааст, ки дар он 16 кишвари Ориёӣ тасвир ёфтааст ва тибқи маълумотҳои таърихӣ дини зардуштӣ дар ҳамаи ин кишварҳо интишор гардида, дар китоби муқаддаси зардуштиён Авасто низ зикр гардидаанд. Ҳамзамон тасвири симои Зардушт дар шакли мусаввара тасвир ёфтааст, ки он Асосгузори дини зардуштӣ ва аввалин паёмбари Ориёӣ маҳсуб меёбад.[1] Идомаи толори мазкур ба китоби муқаддаси зардуштиён Авасто бахшида шудааст, ки ин китоб бо фармони Шоҳ Виштосп дар болои 12000 пӯсти гов бо оби тилло навишта шуда буд.[2] Мутаасифона дар натиҷаи ҳуҷуми Аҷнабиён китоби мазкур сӯзонида мешавад ва то ҳол 4 қисмати асосии он, ки ба мо омада расидааст. 1). Ясно – дуоҳои ба худоҳо бахшидашуда ва Готҳо, ки қадимтарин бахши Авасто буда, аз ҷониби худи Зардушт баён шудаанд. 2). Виспарат – иловаҳо ба Ясно. 3). Видевдат – қонуни зидди девҳо. Дар ин бахш қоидаҳои иҷрои маросимҳои динӣ, таҳорату намоз, номгӯи гуноҳҳо, баъзе қонунҳои мулкӣ ва ҷиноятӣ баён шудаанд. Баъзе бандҳои Видевдат хеле баъдтар аз давраи Зардушт ба вуҷуд омадаанд ва бандҳои қадимаи

---

[1] Фирдавси, А. Фарҳанги зардуштӣ ва инъикоси он дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон [Матн] / А. Фирдавси //Ахбори осорхонаи таърихии вилояти Суғд. – №5. – Хуҷанд, 2019. – С. 128.
[2] Ҳамонҷо: – С. 130.

он тағйир дода шудаанд. 4). Яштҳо – дуоҳои суннатӣ.[1] Барои муаррифии бештари ин осори хаттии ниёгон амсилаи китоби Авасто ва 5 қисмати асосии он бо хатти навишт ва дар шакли ҷолибу барҷаста ба намоиш гузошта шудааст.

Авестошиноси номӣ С.Н. Соколова менависад, ки "забони қадимтарини бахши Авасто – "Готҳо" забони модари Зардушт, гӯиши Бохтари шарқӣ аст. Пас аз хондани ин ақида, ман ба фикри он омадам, ки ватани пайғомбарро дар ин бахши Бохтар бояд ҷуст. Аз "Позанд" маълум аст, ки модари Зардушт аз Роғ будааст".[2]

Бояд гуфт, ки зардуштиён тақвим ва солшумории хосси худро доштанд, ки намунаи онҳо ва 12 адад фариштаҳо ва ё ёварони Аҳуромаздо тавассути аксҳо дар ин толор ба намоиш гузошта шудаанд.[3]

Хулоса бо пешниҳоди экспонатҳои нодир, ки инъикосгари таъриху фарҳанг ва оини зардуштӣ мебошанд, тамошобин метавонад бо таърих ва ташаккулёбии ин дин, ҳамзамон бо расму оин ва анъанаҳои фарҳанги зардуштӣ аз наздик шинос шавад.

**Толори сеюм:** Ин толор яке аз бузургтарин толорҳои экспозитсионӣ дар шуъбаи таърихи бостон ва асрҳои миёна ба ҳисоб меравад. Зеро дар он се империяи бузурги мутамаддин ва осори таърихии онҳо ба намоиш гузошта шудааст, ки ин муҳимият ва мубрамияти толорро инъикос менамояд. Дар ин толор бинанда аз таърихи пайдоиш ва раванди таърихии давлатдории Ҳахоманишиҳо шинос мешавад. Дар гӯшаи аввалини ин толор маълумоти мухтасар доир ба империяи Ҳахоманишоҳо, харитаи ҷуғрофӣ, амсилаи дирафши Ҳахоманишиҳо ва ашёи таърихии мансуб ба ин давра ҷой дода шудаанд.

Куруши Кабир – дар таърихи инсоният муаллифи аввалин эъломияи ҳуқуқи башар ба ҳисоб меравад. Дар ин гӯша нусхаи эъломияи

[1] Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик [Матн]. Нашри дуюм. Бо илова, ислоҳ ва тавзеҳот / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – С. 29.
[2] Якубов, Ю. Зардушт аз кӯҳистони Бохтари шарқи буд [Матн] / Ю. Якубов // Мероси ниёгон. – №16 (1). – Душанбе: Ориён, 2014. – С. 25.
[3] Фирдавси, А. Фарҳанги зардуштӣ ва инъикоси он дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон [Матн] / А. Фирдавси //Ахбори осорхонаи таърихии вилояти Суғд. – №5. – Хуҷанд, 2019. – С. 130-133.

он ҷой дода шудааст.[1] Эъломия бо хати мехӣ, бо забони бобулӣ ва матни он дар рӯйи санг кандакорӣ шудааст. Ҳоло асли эъломияи Куруши Кабир дар Осорхонаи Британия маҳфуз аст ва ҳамчун нишонаи арҷгузорӣ ба он дар бинои Созмони Миллали Муттаҳид ба намоиш гузошта шудааст. Куруш дар таърихнигории ҷаҳон симои ормонӣ ва аз императороне шинохта шудааст, ки на ба воситаи ҷанг, балки аз роҳи созишу сулҳ кӯшидааст қаламрави давлаташро густариш диҳад.[2]

Шахсияти Куруши Кабир аз ҷониби Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби Чеҳраҳои мондагор чунин шарҳ дода шудааст: “Сазовори ёдварист, ки ӯ бори нахуст чандин кишварҳо ва халқҳои ориёиро дар ҳайати як давлат муттаҳид намуда, барои ташаккулу инкишофи забону фарҳанги ягонаи онҳо мусоидат намуд. Хусусан дар аҳди Куруши Кабир, ки давраи марказиятёбӣ ва дар қаламрави давлати бузурги Ҳахоманишиён муттаҳид шудани давлатҳои хурд ва қабилаҳои парокандаи ориёинажод ва ориёзабони сарзамини Ориёнои Ғарбӣ ва Ориёнои Шарқӣ ба шумор мерафт, таъқибу саркӯб кардани сакоиҳои марказгурезу озодипараст авҷ гирифта, барои аз тохтутози онҳо эмин доштани сарҳадҳои шарқии империяи Ҳахоманишиён қалъаи истеҳкомии Курушкада бунёд мегардад”.[3]

Бузургтарин бозёфтҳои мансуб ба замони Ҳахоманишӣ, ки аз ҷаҳонбинии васеъ, рушди санъати тасвирӣ ва ҳунарии заргарии Ҳахоманишиҳо шаҳодат медиҳад, ин бозёфтҳои мансуб ба Хазинаи Амударё мебошад. Маълум аст, ки Хазинаи Амударё соли 1878 аз ҳудуди имрӯзаи ноҳияи Қабодиён кашф гардидааст. Аксарияти бозёфтҳои он дар Осорхонаи Британия маҳфуз ҳастанд ва дар Осорхонаи миллӣ бошад, нусхаи ба асл монанди 8 адад бозёфти Хазинаи Амударё ба намоиш гузошта шудааст. Дар онҳо тасвири аспи тиллоӣ, гардуна,

[1] Иброхимзода, З.С. Аввалин муаллифи Эъломияи ҳуқуқи башар [Матн] / З.С. Иброҳимзода // Мероси ниёгон. – №21. – Душанбе, 2019. – С. 39-41.
[2] Камол, Ҳ. Куруш – сомои ормонии таърихнигории ҷаҳон [Матн] / Ҳ. Камол // Мероси ниёгон. – №20. – Душанбе, 2018. – С. 37.
[3] Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 21-22.

коинони зардуштӣ, муҷассамаи мард, зарфи хурд дар шакли моҳӣ, бузи кӯҳӣ, шер ва дигар бозёфтҳои заррини Хазинаи Амударё, ки аз санъати баланди заргарони Бохтари қадим гувоҳи медиҳад, инъикос гардидааст.[1]

Дар умум бозёфтҳои Хазинаи Амударё пеш аз ҳама, аз ҳунари олии заргарони замони Ҳахоманишӣ ва аз ривоҷу равнақи муносибатҳои пуливу тиҷоратии ин империя шаҳодат медиҳад.

Яке аз бозёфтҳои хеле машҳури Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба замони Ҳахоманишиҳо мансуб аст, ин хумдони сафолпазӣ ба ҳисоб меравад. Хумдони мазкур соли 1993 аз ҷониби бостоншиносони шинохтаи тоҷик Музаффар Азизов ва Павел Самойлик дар шафати мақбараи Мир Саиди Ҳамадонӣ кашф шудааст.[2] Муҳимияти хумдони мазкур дар он аст, ки дар асоси бозёфти он 2700 – солагии шаҳри Кӯлоб аз ҷониби муҳаққиқон муайян карда шуда, дар замони соҳибистиқлолии кишвар бо шукуҳу шаҳомати хосса таҷлил карда шуд.[3] Аз ин рӯ, барои муаррифи хумдони мазкур ба тамошобинон амсилаи он, ки айнан ба шакли аслиаш монад сохта шудааст, дар ин толор ба намоиш гузошта шудааст.

Идомаи экспозитсияи толори мазкур ба давлатдории Юнону Бохтар ва ёдгориҳои таърихую фарҳангии он – Тахти Сангин, ва шаҳристони Душанбе бахшида шудааст. Машҳуртарини ёдгории ин давра Тахти Сангин мебошад, ки он дар ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон ҷойгир шудааст. Аз шаҳристони Тахти Сангин ёдгориҳои зиёде кашф гардидааст, ки муҳимтарин онҳо муҷасамаи зан, зарфҳои сангии маросимӣ (пиксидаҳо), най, ҳайкалчаи Селен, ханҷарҳои оҳанӣ, сарнайзаҳои биринҷӣ, сари дев, бутакҳои сафолӣ, донаи шоҳмот, муҳраи фулузӣ бо тасвири мард, муҳри сангӣ, панҷаи уқоб, зерсутунҳо

[1] Монгети, А. Фойтуни тилоии чораспа аз хазинаи Амударё дар Осорхонаи Британия [Матн] / А. Монгети, Н. Микс, Ҷ. Симпсон // Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – №2. – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – С. 123.
[2] Азизов, М. Аз таҷлили ҷашни 680-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар шаҳри Кӯлоб [Матн] / М. Азизов. – Душанбе, 2015. – С. 93
[3] Амиров, Р. Ёдгориҳои тамаддуни ориёӣ [Матн] / Р. Амиров. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С. 26.

мебошанд[1] ва дар толори мазкур ба маърази тамошо гузошта шудаанд. Барои муаррифии таъриху фарҳанги миллӣ ба тамошобини осорхона шароит фароҳам оварда шудааст, ки тавасути аксҳо аз боқимондаи ёдгории Тахти Сангин аз наздик шинос шавад.

Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ баъд аз суқути давлатдории Юнону бохтарӣ, империяи бузурги Кушониён таъсис меёбад. Аз ин рӯ идомаи экспозитсияи толори мазкур ба таъриху фарҳанг ва низоми давлатдории Кушониён бахшида шудааст.

Дар ибтидои гӯшаи намоишӣ саравввал харитаи ҷуғрофии империяи Кушониён (солҳои 141/128 п.м – асри IV/V мелодӣ)[2] ба намоиш гузошта шудааст, ки тамошобин метавонад бо ҳудудҳои ин империя ва бузургтарин марказҳои сиёсӣ ва илмию фарҳангии ин кишвар аз наздик шинос шавад. Беҳтарин шоҳкориҳои таъриху фарҳангӣ аз қабили зерсутунҳои сангӣ, сарсутунҳои сангӣ бо тасвири шери болдор, тарҳи чорток, намунаҳои хати алифбои кушонӣ, шамшери оҳанӣ, пайконҳои оҳанӣ ва тавассути аксҳо яке аз шоҳони кушонӣ Канишкаи Кабир ва катибаи Работак тасвир ёфтаанд.

Дар умум метавон гуфт, ки осори ба намоиш гузошташуда, ки таҷассумгари таъриху фарҳанг, расму оин ва ҳунарҳои гуногуни мардумони ин давра мебошанд, ки дар толори намоишӣ ба таври шоиста муаррифӣ гардидаанд.

**Толори чорум:** Толори мазкур аз ёдгориҳои хеле қадим ва маҳфузмондаи айёми давлатдории Сосониён ва Ҳайтолиён ҳикоят мекунад. Аҳамияти ташкили ин толор дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар он аст, ки Сосониён яке аз аввалин давлатҳои мутамаддини форсу тоҷик буда, он зиёда аз 400 сол (224 - 651)[3] арзи ҳастӣ кардааст.

---

[1] Азизов, М. Ёдгориҳои замони ориёнии Тоҷикистон [Матн] / М. Азизов // Мероси ниёгон. – №23. – Душанбе, 2021. – С. 28-31.
[2] Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик [Матн]. Нашри дуюм. Бо илова, ислоҳ ва тавзеҳот / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – С. 52.
[3] Ҳамонҷо. – С. 62.

Толори мазкурро толори хосса низ ном мебаранд. Бинанда метавонад аз толори хосса, нахуст бо бунёдгузори давлати Сосониён, сулола ва шаҷараи шоҳони Сосонӣ огаҳӣ ёбад. Шаҷараи Шаҳриёрон, Валиаҳд ва маликаҳои сулолаи Сосониён то охирин шоҳи сулолаи Сосонӣ, Яздигурди III пурра тасвир шудааст.

Бунёдгузор ва нахустин шоҳи сулолаи Сосониён Ардашери Бобакон мебошад, ки дар соли 224 бар тахт нишаста, то соли 241 ҳукмрони намудааст. Тасвири рӯй, чеҳра ва сари нахустин шоҳи Сосонӣ Ардашери Бобакон бо тоҷи зарриндор бинандаро ба андеша водор менамояд. Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ Ардашер ҷавонмарди ғайюру ботадбир, диловар ва сипаҳдор буд. Тавассути харита метавон аз паҳноӣ ва иқтидори давлати Сосониён огаҳӣ ёфт. Ҳудуди давлати Сосониён, хату марз ва шаҳрҳои бузургӣ инкишофёфтааш дар харита бо хатҳои махсус нишон дода шудааст. Пойтахти давлати Сосониён шаҳри Тайсафун маҳсуб меёфт. Шаҳрҳои бузурге амсоли Исфаҳону Шероз, Ҳироту Нишопур, Марву Гуркон ва Сиистон ба ҳудуди ин давлат дохил мешаванд. Давлати Сосониён аз самти ғарб бо империяи Рум ва самти шарқ бо давлати Кушониён ҳамсарҳад буд. Ин давлати паҳновару муқтадир муддати 400 сол аз ибтидори асри III сар карда, то асри VII мелоди арзи ҳастӣ кардааст.[1]

Бештари аз экспонатҳо ва бозёфтҳои таърихие, ки толори хоссаро зиннат медиҳанд, намунаи барҷастаи шоҳкорие мебошанд, ки аз Кофирқалъа ва Оқтеппа дастрас гардидаанд. Ин бозёфту экспонатҳо то замони истилои араб, яъне ба асрҳои V-VII мелодӣ мансуб мебошанд. Осори нодир ва бозёфтҳои куҳани таърихӣ, амсоли табақи сафолӣ, рангдон ва оиначаҳое, ки аз мис сохта шудаанд, аз гузаштаи пурғановату рангини сокинони ин сарзамин шаҳодат медиҳанд. Пораи хишт бо тасвири манзараи шикор аз ҳунари ҳавсалаи ҳунармандон, меъморон, бинокорон ва донишварони он айём гувоҳӣ медиҳад. Ҳунарманди

[1] Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик [Матн]. Нашри дуюм. Бо илова, ислоҳ ва тавзеҳот / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – С. 65.

чирадаст бо тасвири чобуксавор ва сайёди гурезпо тахайюлоти рангини худро рӯи санг ҳаккокӣ кардааст.[1]

Нусхаи дирафши шоҳони Сосонӣ дар маркази толор ҷой дода шудааст, ки бинанда бо як завқи баланди бадеӣ ба он чашм меандозад.

Мазмуну мундариҷаи экспонатҳо хеле пурмуҳтавоянд. Ҳаккокӣ, тасвиру тиллокорӣ, нақшкорӣ дар зарфҳо ва ашёи рӯзгор гувоҳи ҳунари олӣ ва нафиси пешоварон аст. Пораҳои зарфҳои биринҷии тасвирдор, ки бо номи дафинаи Шол машҳур аст, далели гуфтаҳо боло мебошанд.

Аз рӯйи бозёфтҳо метавон яқин кард, ки гузаштагони ҳунарманду чирадаст дар айёми хеш аз маҳсулоти гуногун истифода мекарданд. Зарфҳои хурди биринҷӣ, дукҳои сафолӣ, шаддаву муҳраҳои ороишӣ, зарфчаҳои хурди биринҷӣ барои маводи камёфт ба асрҳои IV-V мелодӣ мансубанд.

Айёми салтанати Сосониён бо садои руҳнавози Борбад хунёгари шуҳратёр бо номи Борбади Марвазӣ (585–630)[2] дар таърихи башарият машҳур аст. Борбади Марвазӣ аз ромишгарони нотакрорест, ки дар аҳди Хусрави Парвиз илму санъати мусиқиро ба авҷи баланд бардошт. Дар як қисмати ин толор мусаввараи ин шахсияти таърихӣ, ки дар даст асбоби дустдоштааш тасвир шудааст, ҷой дорад.

Тасвири шоҳи абарқудрат Хушнавоз асосгузори давлати муқтадири ориёии Ҳайтолиён, ки тибқи сарчашмаҳо дар асри V мелодӣ салтанат рондааст. Мусаввараи мазкур амали рассом Мирмуҳаммадов М. мебошад. Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ Шоҳ Хушнавоз барои пойдорӣ ва иқтидорӣ давлати паҳновар диловариҳои зиёде кардааст. Баъди аз миён рафтани давлати Кушониён дар Осиёи Марказӣ як давлати муқтадири ориёиро ташкил додааст. Бештари дастовардҳои иқтисодуву сиёсӣ, фарҳангиву иштимоии мамлакат бо шарофати ин шоҳи одилу абарқудрат ба даст омадааст.

---

[1] Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик [Матн]. Нашри дуюм. Бо илова, ислоҳ ва тавзеҳот / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – С. 66-67.
[2] Ҳамонҷо. – С. 71.

Аз экспонатҳои дар толори мазкур гузошташуда, бинанда дарк менамояд, ки санъати тасвирӣ, амалӣ ва ороишӣ ҳунари дӯстдошта ва писандидаи мардуми мост. Мусаввирон тавассути офаридаҳои хеш тахайюлоти рангин ва афкори хешро ифода мекарданд. Тасвири нусхаи деворнигораи харобиҳои Афросиёб гуфтаҳои болоиро далел мебошад. Дар деворнигора сафирони давлати Ҳайтолиён нақш ёфтааст. Сафирон ду нафаранд, ки онҳо дар тан либоси сурху сафед ва бошаҳомат доранд. Онҳо савори шутур ба давлати ҳамсоя мактуби шоҳро мебаранд.[1]

Хулоса ҳар як тамошобини осорхона аз толори хосса, ки тавассути экспонатҳои нодири таърихии ин замон ба намоиш гузошта шудааст, ба худ дарки баланди худшиносии миллӣ, ҳамзамон аз таъриху фарҳанг, расму оин ва ҳунарҳои гуногуни мардумони ин давра огаҳи пайдо менамояд.

**Толори панҷум:** Толори панҷуми экспозитсионии шуъбаи таърихи бостон ва асрҳои миёна ба Панҷакенти қадим, Қалъаи Муғ, Бунҷикат ва гӯшаи исломӣ бахшида шудааст, ки тамошобин аз беҳтарин бозёфтҳои ин давраи таърихӣ шиносоӣ пайдо мекунад. Муҳиммияти таъсиси толори мазкур дар он аст, ки Панҷакенти қадимро Пампеи Шарқ ном мебаранд ва бозёфтҳои ин мавзеъ ба тамоми ҷаҳон паҳн ва шинохта шудааст.

Панҷакенти қадим бо деворнигораҳояш дар ҷаҳон шуҳратёр шудааст. Пеш аз “Шоҳнома”-и А. Фирдавсӣ дар деворнигораҳои Панҷакент, Рустам ва дигар қаҳрамонони тоҷикон тасвир ёфтаанд.[2]

Аз Тоҷикистон ёдгориҳои зиёде ёфт шудаанд, аз ҷумла чӯбпораҳои кандакоршуда, ки дар Панҷакент бо ду тарзи бадеӣ вомехӯрад: Кандакорӣ ва пайкарасозӣ. Оғози толори экспозитсионӣ-намоишии толори мазкур аз намунаҳои гуногуни боқимондаи чӯби кандакоришуда ба тамошобин маълумот медиҳад. Чӯбкориҳои сӯхташуда аз биноҳое ёфт

---

[1] Ҳомидов, З. Навиштаҷоти суғдӣ аз деворнигораҳои Афросиёб [Матн] / З. Ҳомидов // Мероси ниёгон. – №23. – Душанбе, 2021. – С. 79-81.

[2] Фирӯзи, А. Панҷакенти қадим – намунаи тамаддуни минтақа [Матн] / А. Фирӯзи // Мероси ниёгон. – №23. – Душанбе, 2021. – С. 98-99.

шудаанд, ки аз забонаи оташ ба ангишт табдил ёфтанд. Беҳтарин экспонатҳо, ки ҳангоми ковишҳои бостоншиносӣ ба даст омадаанд дар ин толор ҷой дода шудааст.[1] Аз ҷумла қубури сафолӣ, намунаи гаҷпораҳо, зарфу кӯзаи сафолӣ, кӯзаҳои сафолии мунақаш, пиёлаи сафолӣ бо тасвир, ҷомҳои сафолӣ, зарфи якдаста, дегҳои мисию биринҷӣ, қисми болоии хум, пораи кӯзаи сафолӣ, кӯзаи сафолӣ дар шакли мурғобӣ, зарфи чоргӯша, қисми болои хум, косачаи сафолӣ, муҳраи биринҷӣ, бутакҳои сафолӣ, зарф дар шакли ҳайвон, сари гилии асп, кӯза ва ғайра. Деворнигораҳо, ки бо санъати баланд офарида шудаанду шуҳрати ҷаҳони касб намудаанд, дар толори мазкур ба намоиш гузошта шудааст. Деворнигора бо тасвири иди Наврӯз, саҳнаи шикори савора бо саг, одами бо зону нишаста, деви се сара машҳуртарини онҳо ба ҳисоб мераванд.

Дар идомаи ин толор бинанда аз ёдгориҳои Қалъаи Муғ, ки дар шаҳри Исфара ҷойгир аст, шинос мешавад. Яке аз бозёфтҳои нодири ин ёдгорӣ ҳуҷҷатҳои хаттии “Акди никоҳ” дар рӯйи пӯст ба шумор мераванд, ки дар ин гӯша ҷой дода шудааст.[2]

Дар сарчашмаҳои хаттӣ омадааст, ки ҳуҷҷатҳои хаттии Қалъаи Муғ дар пӯсти гӯсфанд навишта шудааст, агар гап аз чарм равад, онро боз ҳам тасниф карда, пӯсти оҳу, пӯсти гови қисир, пӯсти гӯсфанд, пӯсти ранга ҳам зикр шудааст.[3]

Ҳамзамон дар ин гӯша толор ёдгориҳои Бунҷикат ҷойгир карда шудааст. Бунҷикат дар қисмати шимоли Тоҷикистон дар ноҳияи Шаҳристон ҷойгир мебошад. Экспонатҳои аз ин мавзеъ ба даст омада, аз қабили обгири сафолӣ, деворнигораҳои сӯхта, зарфи зооморфӣ ва ғайраҳо намунаи волои ҳунари мардумии ин давра ба шумор мераванд.

[1] Шарифзода, Ф. Бозёфтҳо беназиранд. Кандакориҳои рӯйи чӯб дар ковишҳои бостоншиносӣ [Матн] / Ф. Шарифзода // Ҷумҳурият. – 2 январ. 2018. – С 3.
[2] Фирдавси, А. Инъикоси муносибатҳои оиладорӣ дар ҳуҷҷатҳои суғдии куҳи Муғ [Матн] / А. Фирдавси // Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – №2. – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – С. 11-14.
[3] Ғафуров, Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав [Матн] / Б. Ғафуров. – Душанбе: Дониш, 2008. – С. 256.

Ҳамзамон дар қисмати охири толори мазкур гӯшаи исломӣ ташкил карда шудааст. Дар ин қисмат китобҳои нодири таърихӣ, ки қадимтарин он ба асри XVIII мансуб мебошад, яъне Қуръони карим ба намоиш гузошта шудааст. Аз ҷумла, китоби калонтарини дастнависии Қуръони карим,[1] китоби "ал-Макоил ва-л-мавозину-ш-шаръия",[2] инчунин китобҳо фарогири мавзуҳои фиқҳ, тавсири Қуръони карим, саҳеҳи муслим ва намунаҳои муқоваи китоб ғайра ба таври ҷолиб пешниҳоди тамошобинон гардидааст. Доир ба муаррифии мероси ниёгон ва арзишҳои фарҳангии гӯшаи исломии Осорхонаи миллии Тоҷикистон аз ҷониби мутахассисони соҳа якчанд мақолаҳои илмӣ ба табъ расидааст.[3] Дар деворҳои намоишии ин гӯша вобаста ба санъати хушнависии мардуми тоҷик намунаҳои гуногуни хат ба маърази тамошо гузошта шудааст.[4]

Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки тавассути чунин дастхатҳои нодири таърихӣ тамошобин аз ҳунари хаттотӣ ва муқовасозии гузаштаи худ шинос шуда, аз ҳунари волои китобу китобнависӣ ва осори хаттӣ маълумоти заруриро ба даст меорад. Зеро хат, зебоии китоб ва муқоваҳои он бинандаро ба дуриҳои таърих ва аз сарчашмаҳои хаттии ниёгони тоҷик аз наздик шинос менамояд.

Хулоса дар толори мазкур тамошобин аз ҳунару ҳунармандии Панҷакенти қадим, Бунҷикат ва осори мероси хаттӣ ба хуби шинос шуда, барои дарки баланди илмиву бадеӣ ва анъанаҳои неки миллати тоҷик шинос мешавад.

---

[1] Мусоев, М.С. Калонтарин дастнависи Қуръони карим дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон [Матн] / М.С. Мусоев // Муаррих. – № 3(23). – Душанбе, 2021. – С. 69-78.

[2] Мусоев, М.С. Истилоҳоти бозаргонии арабии асримёнагӣ дар китоби "ал-Макоил ва-л-мавозину-ш-шаръия"-и Алӣ Ҷумъа Муҳаммад [Матн] / М.С. Мусоев // Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – № 4. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С. 124-140.

[3] Зарипов, А.Н. Муаррифгарони мероси ниёгон [Матн] / А.Н. Зарипов // Ҷавонони Тоҷикистон. – №31, Душанбе, 2020. – С. 15., Зарипов, А.Н. Инъикоси мероси хаттӣ дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон [Матн] / А.Н. Зарипов // Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – №5. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – С. 56-61., Мусоев, М.С. Аҳаммияти илмӣ, таърихӣ ва ҳунарии рисолаи "Мухтору-л-ихтиёр"-и Ҳиравӣ [Матн] / М.С. Мусоев // Муаррих. – №3(23). – Душанбе, 2021. – С. 69-78., Мусоев, М.С. Маноқиби Абӯалӣ Сино дар «Бадоеъу-л-вақоеъ»-и Зайнуддин Маҳмуди Восифӣ [Матн] / М.С. Мусоев, Х. Ҳалимов // Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – №5. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – С. 21-31.

[4] Маҳмадёри, Ш. Пайдоиш ва ривоҷи хати настаълиқ дар Осиёи Марказӣ [Матн] / Ш. Маҳмадёри // Мероси ниёгон. – №23. – Душанбе, 2021. – С. 74-78.

**Толори шашум:** Ин толори мудаввар, дар ошёнаи якуми осорхона ҷойгир шуда ба тамошобин, доир ба бозёфтҳои дини буддоӣ маълумот медиҳад. Аз ҷониби муаллифони нақшаи экспозитсионии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ташкил кардани толори дини буддоӣ дар он аст, ки аз қаламрави Тоҷикистон аниқтараш аз шаҳри Қурғонтеппа (ҳозира шаҳри Бохтар) ҳайкали азими буддоӣ хуфта бо дарозии 13 метр пайдо гардидааст. Ин дар баробари азимтарин будҳои дар шаҳри Бомиёни Ҷумҳурии Афғонистон қарор дошта, дар ҷаҳон калонтарин ба шумор меравад. Пайкари 53 метрии Буддои забонзадаи аҳолӣ бо номи "Сурхбут" ва "Бути калон" шуҳрат дорад.[1]

Дар толори мазкур амсилаи Дайри буддоии Аҷинатеппа дар шакли барҷаста ба андозаи 6х2 метр сохта шудааст. Дайри буддоии Аҷинатеппа 12 километр дар самти шарқии Бохтар бозёфт шуда ва мансуби асрҳои VII-VIII мебошад. Тарҳи дайр росткунҷа буда, масоҳати он 50х100 метр аст. Дар замони худ Дайр хеле моҳирона оро додашуда буд. Деворнигораҳо ба мисли "Саҳнаи насиҳати Буддо" ва "Саҳнаи ҳадябарандагон", низ дар ҳолати хуб бозёфт шудаанд.[2]

Дар маркази толор ҳайкали азими буддои хуфта гузошта шудааст, ки "дар ҳолати нирвана" мебошад. Вазни Буддо 5 тоннаро ташкил дода, дарозии он ба 13 метр баробар аст.[3] Буддо дар ҳолати маъмулии "шерихуфта" қарор дошта, дар тан либоси сурх тасвир шудааст. Дасти ростро қат карда ба зери сараш гузошта ва дасти чапро баробари қадаш рост намуда дар болои рон мондааст.

Ҳамин тариқ гуфтан лозим аст, ки тамошобини осорхона дар баробари таъриху фарҳанг, расму оин ҳамзамон тавассути толори мазкур аз дину оини замони гузаштаи аҷдодони мо ошноӣ пайдо мекунад ва ташкили ин толор, ки дар шакли хеле ҷолиб ва реалӣ сохта

[1] Аҳмадалӣ, К. Раҳнамои Бомиён [Матн] / К. Аҳмадалӣ. – Душанбе, 2021. – С. 39.
[2] Мукимова, С. Новый метод укрепления сырцовых стен на буддийском монастыре "Аджинатеппа" [Матн] / С. Мукимова // Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод. – №7. – Душанбе: Нодир, 2008. – С. 82-96.
[3] Ғафуров, Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав [Матн] / Б. Ғафуров. – Душанбе: Дониш, 2008. – С. 283.

шудааст, тамошобин вобаста ба Дайри Буддоӣ маълумоти заруриро ба худ касб мекунад.

**Ошёнаи дуюм.** Дар ин ошёна ва толорҳои он идомаи толорҳои шуъбаи таърихи бостон ва асрҳои миёна ҷой дода шудааст.

**Толори ҳафтум.** Толори мазкур ба давлати Сомониён бахшида шуда, тавассути экспонатҳои таърихии марбут дар ин давраи таърихӣ ба тамошобин маълумоти заруриро пешниҳод мекунад.

Дар гӯшаи аввали ин толор харитаи давлати Сомониён ва шаҷараи хонадони Сомониён ба намоиш гузошта шудааст. Замони ҳукумронии Сомониён, ки аз соли 819[1] оғоз ёфта, то соли 999[2] мелодӣ идома мекунад. Ин давраи камназиртарин дар таърихи давлатдории тоҷикон мебошад. Ҳудуи давлатдории Сомониён, ҳудудҳои имрӯзаи Осиёи Миёна, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисми зиёди Ҷумҳурии исломии Афғонистон ва ҳудуди имрӯзаи Ҷумҳурии исломии Эронро фаро мегирад. Пойтахташ шаҳри Бухоро буд, вале илова ба Бухоро дигар шаҳрҳо ба мисли Хатлон, Букҷикат, Хуҷанд, Нишонпур, Мавр ва дигар шаҳрҳое, буданд, ки аз шаҳрҳои тариққикардаи замони Сомониён буданд. Асосгузори давлати Сомониён Исмоили Сомонӣ буд, ки то соли 907 ҳукмронӣ мекунад. Охирон хонадони Сомониён, Абуиброҳими Мунтасӣ буд, ки то соли 1005 барои истиқлолияти давлати Сомониён мубориза бурдааст.[3]

Бузургтарин намунаи ҳунари шаҳрдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз замони Сомониён  шаҳри Ҳулбук мебошад, ки дар асри Х Ҳулбук пойтахти вилояти Хатлон ба ҳисоб мерафт. Дар ин толор намунаҳои ҳунари гаҷкорӣ ва гаҷбурии замони Сомониён ба намоиш гузошта шудааст. Ин намунаҳои волои ҳунари гаҷкорӣ аз катибанигорӣ, нақшҳои растанигӣ ва ҳандасӣ иборат буда, аз Ҳулбук кашф шудааст.

Инчунин дар гӯшаи мазкур экспонатҳои ҷолиберо, ки далолат аз ҳунари волои мардуми ин давра мебошад, ба маърази тамошо гузошта

[1] Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик [Матн]. Нашри дуюм. Бо илова, ислоҳ ва тавзеҳот / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – С. 110.
[2] Ҳамонҷо. – С. 130.
[3] Ҳамонҷо. – С. 130.

шудааст. Аз ҷумла шери Хатлон, табақҳои сирдору катибадор, зарфҳои гилии мунаққаш, зарфҳои шишагӣ, донаҳои шоҳмот ва ғайра.[1]

Дар замони Сомониён ҳунари кандакории болои чӯб ҳам ба авҷи аълои худ расида буд. Намунаи олии ҳунари кандакории болои чӯби замони Сомониён ин ёдгории Меҳроби Искодар мебошад. Дар қисмати марказии ин толор Меҳроби Искодар ҷой дода шудааст. Соли 1925 аз ҷониби олими машҳур М. Степанов Меҳроби Искодар аз деҳаи Искодари ноҳияи Айнӣ кашф шуда ва соли 1946 онро ба шаҳри Душанбе овардаанд.[2] Меҳроби Искодар қадимтарин, бузургтарин, зеботарин меҳроби чӯбӣ дар олам мебошад.

Ҳаҷми Меҳроби Искодар 327х180 см буда, атрофаш дар шакли ҳарфи “П” алифбои форсӣ катиба дорад. Меҳроби Искодарро олимони шинохта А.Ю. Якубовский, В.А. Воронова, О.И. Смирнова ва С. Хмелинский мавриди таҳқиқ қарор додаанд.[3]

Тамошобин дар ин толор намунаи олии ҳунари меъмории тоҷиконро, ки амсилаи мақбараи Исмоилӣ Сомонӣ мебошад, мушоҳида менамояд. Шакли аслии он дар маркази шаҳри Бухоро ҷойгир аст.[4]

Албатта, ки дар асрҳои IX-X дар баробари ҳунари гаҷкорию меморӣ ва дигар анвои ҳунарҳо, инчунин ҳунари мисгарӣ ё ин ки маснуоти фулузӣ низ рушду нумуъ карда буданд. Дар қисмати дигари ин толор намунаи ҳунари мисгарии замони Сомониён ба маърази тамошо гузошта шудааст. Дар ин гӯша зарфҳои мисию биринҷиро мушоҳида намудан лозим аст, ки аз лиҳози шаклу сохт хело ҷолиб сохта шудаанд. Инчунин лаълиҳо бо нақшҳои ҳандасиву ислимӣ, ороиш дода шудаанд, ки тамошобин аз он ба хуби дидан менамояд. Дар ин гӯша низ куза,

[1] Иброҳимзода, З. Феҳристи “Тоҷикистон – мамлакати дарёҳои тиллоӣ” [Матн] / З. Иброҳимзода, Д. Довудӣ, М. Дуллоев. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С. 42-45.
[2] Ибрагимов, З. Ёдгории замони устод Рӯдакӣ дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод [Матн] / З. Ибрагимов // Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – №7. – Душанбе: Нодир, 2008. – С. 28.
[3] Шарипова, Т. Шоҳасаре аз даврони Рӯдакӣ [Матн] / Т. Шарипова // Баҳори Аҷам. – №2. – Душанбе, 2008. – С. 4.
[4] Сайфиддини, Б. Низоми давлатдории Сомониён [Матн] / Б. Сайфиддинов // Мероси ниёгон. – №20. – Душанбе, 2018. – С. 79-82.

зермон ва шоҳкосаи биринҷӣ ба маърази тамошобинон гузошта шудаанд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар замони Сомониён илму фарҳанг хеле рушду нумуъ карда буд. Дар гӯшаи навбатии ин толор мусаввараҳои шахсиятҳои хело номдори ин давру замон, аз қабини сардафтари адабиёти классики форму тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, муаллифи китоби безаволи “Шоҳнома” Абулқосим Фирдавсӣ ҳамзамон мунаҷҷим, файласуф, табиб Абӯалӣ ибни Сино ҷой дода шудааст. Ин шахсиятҳо барои баланд бардоштани илму фарҳанги замони Сомониён хизматҳои шоён анҷом додаанд. Тамошобин низ ҳангоми шиносоӣ аз мусаввара ва китобҳои дастнависи ин бузургони таърих, аз ҷумла бо “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ, ки аз 60000 байт иборат мебошад, шинос мешавад.

**Толори ҳаштум.** Ин толор ба ҳунари хаттотӣ ё ин ки хушнависӣ бахшида шудааст. Бояд гуфт, ки хушнависӣ яке аз ҳунарҳои қадимаи халқи тоҷик мебошад. Маводи асосии хушнависӣ ин пеш аз ҳама сиёҳӣ, ранг, қоғази сафед, қаламдон, найқалам ва дигар афзори хушнависӣ мебошад. Аслан барои хушнависӣ аз ҷониби хатнависони соҳа, яъне рангҳо ва ё хатҳои гуногун ба вуҷуд омадааст. Намунаи хатҳо ба монанди хати насх, настаълиқ, райҳон, куфӣ ва сулс мебошанд.[1] Ин толор бинандаро аз таърихи хушнависӣ шинос менамояд. Дар ин толор намунаи табақҳоеро мушоҳида намудан мумкин аст, ки аз сангҳои мармати сафеду сиёҳ сохта шудаанд ва дар гирду атрофи ин табақҳо бо хатҳои арабию форсӣ навиштаҷотҳо дар бораи фазилати хурдани таъом бояк хаттӣ зебо китобат шудаанд. Дар яке аз табақҳои толор бошад бо хатти форсӣ чунин навишта шудааст:

Начандон пур хур, ки аз даҳон бурояд,
Ва начандон кам хур, ки аз завф ҷонат барояд.

---

[1] Маҳмадёри, Ш. Пайдоиш ва ривоҷи хати настаълиқ дар Осиёи Марказӣ [Матн] / Ш. Маҳмадёри // Мероси ниёгон. – №23. – Душанбе, 2021. – С. 74-79.

Дар қисмати деворахои ин толор бошад, намунаҳои хушнависӣ бо хатҳои зебои насх, налтаълиқ китобат шудаанд, ҷой дода шудааст. Хатҳо аслан адабиёт ва ё шеърҳои классикони форси тоҷик мебошанд. Ин осори таърихӣ аз ҷониби мутахассисони Осорхонаи миллӣ ба таври васеъ инъикос гардида, ҳамзамон доир ба намунаҳои хат ва тарҷумаи онҳо дар шакли мақолаи илмӣ рӯи чоп омадааст.[1] Дар дигар қисмати ин толор хушнависиҳои замони муосир ҷой дода шудааст, ки бисёр бо як ҳунари воло хушнависӣ шудааст. Ҳамзамон дар ин толор намунаи офтоба, чойҷӯш, шамъдон, чилимҳои мисии мунаққаш доир ба муаррифии осори мисии осорхона ба намоиш гузошта шудааст. Дар қисмати охири ин толор коллексияи самоворҳои мисии мунаққаш ба намоиш гузошта шудааст, ки хело ҳам бо ҳунари баланд ороиш дода шудааст.

Дар маҷмуъ толори мазкур доир ба хатнависӣ, ҳунари наққошӣ ва зарфҳои гуногуни таърихии мисии Осорхонаи миллии Тоҷикистонро муаррифӣ менамояд. Осорҳои ба намоиш гузошташуда мансуби асрҳои XIX-XX-ро дар бар мегирад. Зебогии толори мазкур низ ба тамошобин ва дарки баланди зебоипарастиро бедор менамояд. Ороишгарон дар осориши ин толор кӯшиш ба харҷ додаанд, ки рангпардозӣ, равшанидиҳӣ ва ҷобаҷогузории ҳар як ашёи осорхонавиро аз рӯйи хусусият ва мансубияти таърихиаш ҷо ба ҷо гузошта, фароғати маънавии тамошобинонро таъмин намудаанд.

**Толори нуҳум.** Толори охирини шуъбаи таърихи бостон ва асрҳои миёнаро коллексияи сиккаҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Ин толорро толори сиккаҳои Осорхонаи миллӣ ном мебаранд.

Пайдо шудани сиккаву сиккасозӣ ва муомилоти пулӣ дар таърихи инсоният яке аз бузургтарин таҳаввулот дар танзими муомилоти тиҷории аҳди бостон ба шумор меравад. Чунки, то ба вуҷудоии муомилоти пулӣ хариду фурӯш ва ё худ тиҷорати мардумон хело сода

[1] Шарифзода, Т. Намунаҳои хушнависӣ дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон [Матн] / Т. Шарифзода // Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – №1. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – С. 52-60.

буда, ба тариқи мол ивазкунӣ сурат мегирифт. Ихтироъи сикка, ки воситаи хело мукаммали доду гирифт буд, барои инкишофи босуръати иқтисодиёт ва тиҷорат такони бузург дод.

Аввалин сиккаҳо дар қарни VII – п.м. милод дар Осиёи Хурд дар шоҳигарии Лидия зарб зада шудаанд, ки оиди ин муаррихи бузурги юнони қадим Ҳеродот хабар дода чунин мегуяд: "Лидиҳо аввалин мардумоне мебошанд, ки аз фулузот сикка сохта онро истифода намудаанд". Дуввумин халқи қадиме, ки сикка баровардаанд ин ниёгони мо  Ҳахоманишиҳо буданд. Ин таҳаввулоти бузург дар давраи ҳукумати шоҳаншоҳ Дорои I дар охири қарни VI п.м. ба вуҷуд омада буд. Намунаи сикаҳолои болозикр дар ин толор ба таври ҷолиб пешниҳоди тамошобинон гардонида шудааст.[1]

Толори мазкур ба пуррагӣ таҷассумгари сиккаҳои даврони гуногуни халқи тоҷикро ба тамошобинони осорхона муаррифӣ намуда, аз қадимтарин сиккаҳо то ба даврони муосир ва сиккаҳои ҷашнии Тоҷикистонро ки ба ҷашнҳои давлатӣ бахшида шудааст, инъикос менамояд.

Дар ошёнаи дуюми Осорхонаи миллии Тоҷикистон толорҳои намоишии шуъбаи таърихи нав ва навтарин низ ҷой дода шудааст. Шуъбаи таърихи нав ва навтарин дар 3 толори барҳавои Осорхонаи миллӣ ҷойгир шуда, аз толори асбобҳои мусиқӣ, толори барқароршавии ҳокимияти Шӯравӣ ва истиқлолият, ҳамзамон толори туҳфаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иборат мебошад.

**Толори якум.** Дар ин толор намунаи гуногуни асбобҳои мусиқии мардуми тоҷик, аз ҷумла ҳунари созҳои мусиқӣ ба намоиш гузошта шудааст. Созҳои мусиқӣ яке аз дастовардҳои тамаддуни инсонӣ ба ҳисоб рафта, сатҳи рушди фарҳанги ҳар як миллатро инъикос менамоянд. Созҳои мусиқии мардуми тоҷик таърихи беш аз 4,5 ҳазор солро дар бар

[1] Довудӣ, Д. Развитие нумизматики в Таджикистане [Матн] / Д. Довудӣ // Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – № 1. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – С. 104-129.

мегиранд. Пеш аз ҳама далели қадима будани таърихи созҳои мусиқии тоҷикро натиҷаи ҳафриётҳои бостоншиносии ёдгориҳои Тоҷикистон шаҳодат медиҳанд.

Созҳои мусиқии мардуми тоҷик ба гуруҳҳои зерин гурӯҳбандӣ карда мешаванд:

- созҳои худсадодиҳанда: чӯбак, қошуқ, қайроқ, тол, занг, зангула, санҷ, лабчанг, қопуз;

- созҳои зарбӣ: чанбара (чиндаул), дӯҳул, таблак, дойра, даф, нағора;

- созҳои торӣ - зарбӣ: қонун, чанг;

- созҳои торӣ - мизробӣ: думбра, дутор, танбур, рубоб, тор, сетор, барбат, соз;

- созҳои торӣ - камонӣ: сато, ғижак;

- созҳои нафасӣ: ҳуштак, най, тӯтак (найи чӯпонӣ), сурнай, дунай, баламон, карнай, шайпур, буқ, говдум.[1]

Ҳамзамон дар ин толор рубоби баландамақом, танбури бадахшонӣ, даф ва найи чӯпонӣ нишон дода шудааст, ки аз ҷониби созтароши деҳаи Хуфаки шаҳри Хоруғ Сафоев Муродалӣ (1898-1980) сохта шудаанд. Доир ба рубоби баландмақоми Суфӣ Мубораки Вахонӣ аз ҷониби мутахассоси соҳа Нурматзода Ҳ. мақолаи илмӣ ба чоп расидааст, ки дар он ҳама паҳлуҳои ин сози баландмақом шарҳу тавзеҳ дода шудааст.[2]

Дар толори мазкур низ созҳои мусиқии намояндагони барҷастаи мусиқии касбии тоҷик – танбӯри устоди “Шашмақом” Содирхон Ҳофиз (1847-1931), танбури устоди “Шашмақом”, Ҳофизи Халқии Тоҷикистон Бобоқул Файзуллоев (1899-1964) ва танбури Ҳофизи Халқии Тоҷикистон

---

[1] Нурматзода, Ҳ. Аз таърихи ҷамъоварӣ, ҳифз ва муаррифии созҳои мусиқии миллӣ дар Осорхонаи муттаҳидаи таъриху кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзод (аз солҳои 1930 то солҳои 1980) [Матн] / Ҳ. Нурматзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – №3/7 – Душанбе, 2017. – С. 23-28.

[2] Нурматзода Ҳ. Баландмақомро кӣ ихтироъ кардааст [Матн] / Ҳ. Нурматзода // Самак. – Душанбе, 6 сентябр 2017.

Қосимов Ҳошимро (1889-1964) ҷой дода шудааст. Инчунин созҳои мусиқии тор, таблак ва думбраҳои Усто Ғуломи Қодир бо санъати баланд дар толор ба намоиш гузошта шудааст.

Дар маҷмуъ толори мазкур инъикосгари фарҳанг, санъат ва ҳунари созтарошии мардуми тоҷикро ба тамошобини дохиливу хориҷии осорхона ошно менамояд.

**Толори дуюм.** Толори навбатии шуъбаи таърихи нав ва навтарин ду давраи таърихи халқи тоҷикро яъне Тоҷикистон дар замони ҳокимияти Шуравӣ ва даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Экспозитсияи толори мазкур аз гушаи барпошавӣ ва мустаҳакам намудани ҳокимияти Шуравӣ дар сарзамини Тоҷикистон оғоз меёбад, ки ин давра солҳои 1917-1924 маълумот медиҳад.

То барпо шудани Ҳокимияти Шуравӣ тоҷикон дар ҳайати Аморати Бухоро ва Генерал губернатории Туркистон зиндагӣ мекарданд. Яъне имрӯза қисмати Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ ба ҳайати Аморати Бухоро ва қисмати шимолӣ ва шарқӣ ба ҳаяти Г.Г. Туркистон шомил буд. Табаддулоти октябрии соли 1917 дар қатори дигар халқиятҳо дар ҳаёти ҷамъиятии мардуми тоҷик низ дигаргуниҳои куллиро ба бор овард. Тоҷикистони Шимолӣ ва Помир, ки дар ҳайати генерал-губернатории Туркистон қарор доштанд, барвақтар ба майдони муборизаҳои сиёсӣ табдил ёфтанд, дар натиҷа дар ин минтақаҳо Ҳокимияти Шӯравӣ барқарор карда шуд.[1]

Дар экспозитсияи толори мазкур низ ҳуҷҷат, ордену мукофотҳои иштирокчиён ва фаъолони барқароркунии Ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, Ҳуҷҷатҳои Бобомуродов Равшан – Мандат № 7 аз 1 марти соли 1921 (нусха); Шаҳодатнома № 242 аз 10 январи соли 1923 (нусха); Атестатсия; Мандат ва ғайра.

[1] Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик [Матн]. Нашри дуюм. Бо илова, ислоҳ ва тавзеҳот / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – С. 318-319.

Экспозитсияи гӯшаи мазкур доир ба тақсимоти миллӣ – марзии Осиёи Миёна ва таъсиси Ҷумҳурии мухтори шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон (1924-1929)[1] маълумот медиҳад.

Дар экспозитсия тариқи аксҳо сохтмони мактаби аввалин дар Душанбе, соли 1925; хонандагони мактаби нахустини типи нав, соли 1925; суханронии Н. Махсум дар ҷамъомади тантанавӣ бо хатмкунандагони аввалини курси омӯзгории Душанбе соли 1927, овардани аввалин трактор ба Душанбе соли 1925, нахустин тайёра ба Душанбе соли 1925 инъикос гардидааст.

Инчунин дар ин толор гушаҳои махсус доир ба таъсиси Ҷумҳурии Шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон (1929-1941), Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ (1941-1950), марҳилаҳои инкишофи хоҷагии халқи Тоҷикистон (1950-1991), инкишофи илму фарҳанг ва маориф бо экспонатҳои асл ва аксҳо ба тамошобин маълумот медиҳад.

Экспозитсияи гӯшаи илму фарҳанг тавассути акс ва экспонатҳои марбут ба ин шахситҳои шинохтаи таърихӣ, ки дар ташаккулу инкишофи илму фарҳанги тоҷик ба монанди С. Айнӣ, Б. Ғафуров, М. Осимӣ, М. Турсунзода, А. Лоҳути, Ҷ. Икроми, А. Деҳотӣ, М. Миршакар, П. Толис, Маҳмудов Ҳомид – асосгузори театри касбии тоҷик, Ғаффор Валаматзода – ҳунарпеша, Собирова Малика – ситораи балети тоҷик, Барис Кимёгаров – таҳиягар, Тоҳир Собиров – таҳиягар, Муҳаммадҷон Қосимов – дар нақши Отелло, Ака Шариф Ҷураев – ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон ва дигарон ҳиссаи босазо гузоштанд, инъикос гардидааст.[2]

Умуман чунин дастовардҳо дар ин давра ба ҳамаи соҳаҳои илму фарҳанги ҷумҳурӣ хос аст.

Баъди пош хурдани давлати абардқудрати ИҶШС ҷумҳуриҳое, ки ба ҳайати он дохил буданд, мустақилияти давлатии худро эълон

[1] Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик [Матн]. Нашри дуюм. Бо илова, ислоҳ ва тавзеҳот / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – С. 388.
[2] Ҳамонҷо. – С. 480-482.

намуданд. 9 – сентябри соли 1991 дар шаҳри Душанбе иҷлосияи ғайринавбатии Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати дувоздаҳум ҷамъ омад. Ин иҷлосия дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд ҳуҷҷатҳои муҳими таърихӣ, аз ҷумла: «Изҳорот дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон шудани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар қарору ҳуҷҷатҳои махсусро қабул карда, дар асоси қонуни қабул кардааш ба Конститутсияи (Қонуни асосии) амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе тағйироту иловаҳо ворид намуд.

Инчунин дар идомаи ин толор тамошобин доир ба Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва дастовардҳои он маълумот ба даст меорад. Дар толори экспозитсионӣ тавассути аксҳои таърихӣ 30-соли соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба пуррагӣ инъикос гардидааст.

Дар ин толор гушаҳои алоҳида доир ба Артиши миллӣ, Ваҳдати миллӣ, Маҷлиси Олӣ, Сиёвати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Энергетика, роҳ, наклиёт, саноат, маориф, фарҳанг, варзиш ва тандурустӣ ба таври муфассал ба тамошобин маълумот медиҳад.

Артиши миллӣ давра ба давра бо техникаи навини ҷангӣ мусаллаҳ гардида, маҳорати ҷангии худро боз ҳам беҳтар сайқал медод. Аксҳо аз рафти паради ҳарбӣ ва шиносоии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сарбозон ва афсарони Ҷузъҳои низомии навтаъсиси дар ин гуша инъикос гардидааст. Ҳамасола санаи 23-феврал Рӯзи таъсиси Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як шукуҳу шаҳомати хосса, таҷлил карда мешавад.

Аз ҳамон рӯзе, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибистиқлол гардид, зарурияти қабули Конститутсияи нави ҷумҳурӣ ва қонуни гардонидани дастовардҳои истиқлолият ба миён омада, 6-уми ноябри соли 1994 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоботи Президенти мамлакат барпо

гардидааст. Дар интихобот тавассути райпурсии умумихалқӣ Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардидааст.

Гӯшаи Ваҳдати миллӣ тавассути экспонатҳои нодири таърихиаш дар ин толор ҷой дода шудааст. 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Маскав Созишномаи сулҳ байни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари мухолифини тоҷик С.А. Нурӣ дар ҳузури намояндагони давлатҳои миёнарав ба имзо мерасад, ки ба ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон хотима дода мешавад.[1]

Идомаи гӯшаи навбатии ин толор ба Мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси Олӣ бахшида шудааст. Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду палата: Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат мебошад. Дар ин гӯша мазкур тавассути аксҳо ин ниҳоди давлатӣ ба пуррагӣ инъикос гардидааст.

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар толори мазкур бо аксҳо нишон дода шудааст. Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ – Тоҷикистон ҳамчун як давлати мустақил дар харитаи сиёсии ҷаҳон пайдо шуда, бо созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва давлатҳои хориҷӣ робитаҳои судмандро дар ҳама самтҳои ҷомеъа оғоз намудааст. Дар ин гӯшаи зиёда аз 40 адад аксҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамкории дигар сарони давлатҳо нишон дода шудааст. Дар маркази ин гӯша бошад тахаритаи сафарҳои хориҷии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон насб карда шудааст.

Дар идомаи толори мазкур ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таъмин намудани истиқлолияти энергетикӣ, баромадан бунбасти коммуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакат тавассути аксҳо инъикос гардидааст.

---

[1] Фирдавси, А. Ин кӯза зар аст [Матн] / А. Фирдавси // Ҷумҳурият. – 21-июни соли 2018. – С. 3.

Дар идомаи толор гӯшаи илму маорифи кишвар бо аксҳо инъикос гардидааст. Манбаи асосии рушди босуръати иҷтимоию иқтисодии ҳар як кишвар ин таҳсилоти миллат аст. Дар давраи истиқлолияти давлати ҷиҳати тарбияи насли бомаърифату соҳибҳунар, инчунин ба меъёрҳои ҷаҳонӣ наздик гардонидани низоми таълим, дар мамлакат ислоҳоти соҳаи маориф вусъат дорад. Махсусан дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар соҳаи маориф, бахусус комёбиҳо дар самтҳои зерин ба чашм мерасанд.

Ҷиҳати сӣ соли истиқлолияти давлатӣ 3240 муассисаҳои нави таълимӣ барои 1 миллиону 400 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шуд. Ҳоло шумораи умумии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ба 2 миллиону 200 ҳазор нафар расидааст.[1]

Дар давоми ин бахш аксҳо аз фаъолиту дастоварҳои соҳаи фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ пешниҳод шудаанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолияти давлатӣ пайваста ба рушду нумӯи фарҳанги миллӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамояд. Аз рӯзҳои аввали истиқлолият такя ба расму русум ва анъанаҳои бойи ниёгон ва расидан ба доираи тафаккури муосир ва ҳамқадами тараққиёт будан, чорабиниҳои муҳим дар бахшҳои гуногуни фарҳанг гузаронида шуданд. Миллати тоҷик таъриху фарҳанги ҳазорсоларо соҳиб аст. Дар ин давра барои шинохти ин таърих санаҳои таърихию фарҳангии 2500 – солагии Истаравшан, 2700 – солагии Кӯлоб, 3000 – солагии Ҳисор дар сатҳи байналмиллалӣ бо иштироки ҳазорҳо нафар меҳмонони хориҷӣ ҷашн гирифта шудаанд.[2]

Хулоса дар даврони истиқлолит дар ҳама самтҳо таҷлили чорабиниҳои фарҳангӣ, симпозиуму конференсияҳои байналмилалӣ бахшида ба солгарди фарзандони барӯманди миллат, таҷлили санаҳои бузурги фарҳангӣ, бунёди иншоотҳои замонавӣ, барқарорсозии ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, эҳёи сунатҳо ва анъанаҳои ҳазорсолаи

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” [Матн]. – Душанбе, 21 декабри соли 2021. – С. 10.
[2] Азизов, М. Андешаҳо андар ҳизфи решаҳо [Матн] / М. Азизов // Мероси ниёгон. – №17. – Душанбе, 2015. – С. 3.

миллӣ, бароҳ мондани сафарҳои ҳунарӣ ва амсоли инҳо муваффақиятҳо ба назар мерасанд. Ҳамаи ин тадбирҳои фарҳангӣ боиси боло бурдани тафаккури созанда, эҳсоси ватандорӣ ва ҳамдигарфаҳмии тамоми табақаҳоии иҷтимоии аҳолӣ кишвар гардида, дар маҷмуъ, боиси рушди фарҳанги Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ гардидааст.

Гӯшаи соҳаи тандурустии кишвар дар ин толор низ бо нишон додани дастовардҳои муҳим дар давоми солҳои истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Дар пойтахти кишвар таъсиси 2 беморхонаи бузург - «Маркази тиббии ибни Сино» (6 сентябри соли 2009) ва Маҷмааи тандурустии Истиқлол (4 марти соли 2016) натиҷаи ғамхории Ҳукумати ҷумҳурӣ нисбат ба соҳаи тиб буда, барои саривақт бартараф намудани ниёзи беморон фаъолияти чунин беморҳонаҳои замонавӣ нақши хосса дорад. Дар ин давра 2723 иншооти соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла 1546 иншоот ба маблағӣ 3,5 миллиард сомонӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ, бунёд ва мавриди истифода қарор дода шуд.[1]

Варзиш дар ҳар давру замон яке аз соҳаҳои муҳими ҳаёти иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Зеро, он махсусан барои беҳдошти саломатии аҳли ҷомеа ва парвариши насли солиму нерӯманд аҳмияти бузург дорад. Дар замони имрӯз варзиш тавассути баргузор намудани мусобиқаҳои байналмилалӣ ва ишғоли ҷойҳои намоён, боиси муаррифии давлату миллат дар миқёси ҷаҳон гардидааст. Дастовардҳои варзишгарони ҷумҳурӣ дар як гӯшаи ин толор бо аксҳо инъикос гардидааст. Бо шарофати истиқлолияти давлатӣ имрӯзҳо дар сартосари ҷумҳурӣ 10220 иншооти варзишӣ ба қайд гирифта шудааст. Аз ҷумла варзишгоҳ, майдончаи варзишӣ, толори варзишӣ, ҳавзи шиноварӣ, маҷмаи варзишӣ, иншооти махсуси варзишӣ, аз қабили тамрингоҳи тир, боулинг, фитнес ва клубҳои ихтиёрӣ фаъолият мекунад, ки дар оммавигардонии варзиш,

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” [Матн]. – Душанбе, 21 декабри соли 2021. – С. 11.

ки яке аз ҳадафҳои асосии роҳбарияти олии мамлакат дар самти варзиш мебошад, саҳм мегузоранд.[1]

**Толори сеюм.** Толори мазкур ба туҳфаҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида шудааст. Дар экспозитсияи ин толор туҳфаҳое, ки аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ, роҳбарону намояндагони кишварҳои дунё ва сокинони Тоҷикистон ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳадя шудаанд, аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон эҳдо гардидаанд.

Махсусан туҳфаҳое, ки аз ҷониби кишварҳои гуногун ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон туҳфа шудаанд, онҳо рамзи дӯстии Тоҷикистонро бо кишварҳои ҷаҳон ифода мекунанд. Туҳфаҳо аз Созмони Милали Муттаҳид аз қабили: «Ҷоизаи махсуси СММ», ҷоизаи ширкати мустақили иттилоотии «Таус-Таус-Нюс», туҳфаҳои СММ вобаста ба Даҳсолаи байналмиллалии «Об барои ҳаёт» яке аз марказтарин туҳфаҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ин толор аз ҷониби шахсиятҳои барӯманди сиёсиву фарҳангӣ туҳфаҳо эҳдо шудаанд. Аз ҷумла аз тарафи Раиси Шурои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Русия С.М. Миронов, директори Хадамоти берунаи Федератсияи Русия С. Лебед, собиқ Президенти Украина Леонид Кучма, вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии исломии Афғонистон Зароҳаҳмад Муқбил, сафорати Ҷумҳурии исломии Эрон дар Тоҷикистон, Президенти Федератсияи Русия В.В. Путин, директори Хадамоти амнияти Федералии Русия Н.К. Патрушев, собиқ Президенти Федератсияи Русия Дмитрий Медведев, собиқ вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Қирғизситон Чингиз Айтматов, собиқ Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳамедов, пешвои Исмоилиёни ҷаҳон Шоҳзода Шоҳкарим Оғохони IV, собиқ Президенти Ҷумҳурии

[1] Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ доир ба омӯзиши таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн] // Маҷмуи паёмҳо. – Душанбе, 2021. – С. 411-412.

Қазоқистон Нурсултон Назарбоев, туҳфа аз Арабистони Саъудӣ, аз қабили порае аз Кисва (парда)-и Хонаи Худо (Каъба) ва калиди рамзии Каъба, собиқ Президенти Ҷумҳурии исломии Эрон Маҳмуди Аҳмадинажод ва як қатор роҳбарони давлатҳо аз ҷумла Ӯзбекистон, Латвия, Литвия, Эстония, Корея, Чин, Шри Ланка, Ҳиндустон, Покистон, Партугалия ба Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эҳдо намудаанд дар толори мазкур ба таври ҷолиб пешниҳоди тамошобинон гардонида шудааст.

Бояд ёдовар шуд, ки 29 марти соли 2005 маросими ботантанаи мукофотонидани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Ҷоизаи олии ҷамъиятии Бунёди байналмилалии хайрияи «Сарпарастони аср» – Ордени нахустини алмосдори «Ситораи сарпараст» баргузор гардидаст, ҷоизаи мазкур дар толор ҷой дода шудааст.

Дар қисмати марказии толор воқеан туҳфаҳои нодири таърихӣ пешниҳоди тамошобинон гардонида шудааст, ки онҳо аз ҷониби Пешвои миллат, муҳтрам Эмомалӣ Раҳмон ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳадя гардидааст. Туҳфаҳо аз қабили тоҷи тиллоӣ, нимкосаи тиллоӣ, 27 адад сиккаҳои тиллоии гуногуни таърихӣ ва дигар ҷузъиётҳои гуногуни тиллоӣ, ки мансуб ба асрҳои I то мелод ва асри I мелодӣ мебошанд, барои омӯзиш ва равшан намудани таърихӣ бойи мардуми тоҷик аҳмияти бузург доранд.[1]

Дар маҷмуъ толорҳои шуъбаи таърихи нав ва навтарини Осорхонаи миллии Тоҷикистон фарогири давраҳои навини таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз ибтидои асри XIX то ба ибтидои асри XXI, ҳамзамон дастовардҳои 30-соли истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро тавассути аксу экспонатҳои ҷолиби таъриро инъикос намудааст. Тавассути толорҳои мазкур аз таърих, фарҳанг, санъат,

[1] Дафинаи ашёҳои тиллоӣ – эҳдо аз Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон // Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – №1. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – С. 33-38.

ҳунар, илм, маориф, тандурустӣ ва дастовардҳои варзишгарони тоҷик бинанда ошноӣ пайдо менамояд.

Ошёнаи сеюми экспозитсияи осорхона аз 5 толори намоишӣ иборат буда, дар толорҳо санъати баланди ҳунари рассомӣ, кандакорӣ, кундал ба намоиш гузошта шудааст. Экспозитсяи толорҳои мазкур мунтазам тағирёбанда буда, доир ба мавзуъи муайян аз фонди осорхона асарҳои рассомон ба намоиш гузошта мешавад.

**Толори якум.** Санъати тасвирии аҷдодони миллати тоҷик ба давраҳои дурӣ гузаштаи таърихӣ рафта мерасад. Ибтидои санъати тасвирӣ дар ҳаёти одамон аз маводҳои тадқиқотҳои бостоншиносӣ маълум мегардад, ки аз замони асри санг давраи палеолит реша мегирад. Аз ин нишонаҳои тасвирҳои рӯйисангии камари шахтаи Помири шарқӣ гувоҳӣ дода метавонанд. Дар асрҳои V-VIII милодӣ санъати тасвирии монументалӣ дар ҳаёти аҷдодони мо ба нуқтаи баланди инкишофи худ расида буд, ки то ба имрӯз намунаи онҳо дар намоишгоҳи осорхонаҳои бонуфузи ҷахони ба маърази тамошо гузошта шуда, аз онҳо тамошобинон як ҷаҳон маънӣ ва ғизои фарҳангӣ гирифта метавонанд.[1]

Экспозитсияи шуъбаи санъати тасвирӣ ва амалии Осорхонаи миллии Тоҷикистон аз асарҳои асосгузорони мактаби рассомӣ дар Тоҷикистон Абдулло Ашӯров оғоз мегардад.

Асарҳои таърихии офаридаи расом Ашӯров А.Д. (1904-1976) дар фонди захиравии Осорхонаи миллӣ то ба имрӯз ҳифзу ҳимоя карда мешаванд.

Яке аз асарҳои классики санъати рассомии ӯ «Тақсимоти ҳосил» ном дошта, дар асари мазкур муаллиф тавонистааст ҳаёти пеш аз инқилобии мардуми тоҷикро инъикос намояд. Асари дигари Ашуров А. «Сохтумони нерӯгоҳи барқии обии Варзоб» ном дошта, муаллиф дар асари мазкур, лаҳзаҳои ҳаёти сохтумони нерӯгоҳи авалини обии барқиро, ки дар ҷумҳурӣ соли 1937 ба кор андохта шуд, инъикос

[1] Шарифзода, А. Истифодаи осорхонавии осори санъати тасвирӣ дар Тоҷикистон [Матн] / А. Шарифзода // Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – №1. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – С. 20-32.

намудааст. Асари дигари Ашуров А. «Гӯсфандони ҳисорӣ» ном дошта соли 1947 офарида шудааст.

Дар қатори асарҳои номбаршуда дар экспозитсияи шуъбаи санъати тасвирии осорхона асарҳои рассом, ходими хизматнишондодаи санъати Тоҷикистон Игор Алексвандрович Ершов (1907-1974) ҷой дода шудааст, ки таваҷҷӯҳи бинандаро ба худ ҷалб менамояд. Асарҳои гаронмояи офаридаи Ершов И.А. дар экспозитсияи доимоамалкунандаи шуъба ба таври хоса ҷой дода шуда, пешниҳоди тамошобини ин санъати баланди тасвирӣ гардида, қисми дигари асарҳои рассом дар фонди захиравӣ ҳифзу ҳимоя карда мешаванд.[1]

Инчунин асарҳои рассомони машҳури тоҷику рус дар ин толор ба намоиш гузошта шудааст.

**Толори дуюм.** Ин толор ба санъати ороишӣ, яъне кандакорӣ дар рӯйи чӯб бахшида шудааст. Дар ин толор беҳтарин намунаи ҳунари кандакорӣ пешниҳоди тамошобинон гардонида шудааст. Офаридаи кандакор Ҳамдамов Р. «Товус» ном дошта, соли 1988 эҷод шудааст. Асари дигари ин толор аз ҳунари кандакор Ҳайдаров Толиб шаҳодат медиҳад. Дар асари худ бо номи «Орзу», ки соли 1990 офарида шудааст, дар маркази лавҳаи мазкур дастагул бо манзараи кандакории геометри гули шукуфта бо ҷазобияти хоса инъикос ёфтааст. Яке аз асари гаронмояи Сироҷиддин Нуруддинов бо номи «Симои шоири намоёни тоҷик Абдураҳмони Ҷомӣ» зебдиҳандаи ин толор мебошад. Асари дигари Сироҷиддин Нуруддинов кандакории рӯйи чӯб бо номи «Духтар» соли 1969 офарида шудааст. Ҳунарманд симои духтари тоҷикро инъикос намудаст, ки он бо як тахаюлоти бадеӣ шоҳсутуни бо усули кандакории миллӣ эҷодшударо ба оғӯш гирифта аст.[2]

Дар толори намоишии мазкур асарҳои рассомони номии тоҷик, ки дар даврaҳои гуногун асарҳои гаронмоя ва пурмазмунро офаридаанд, ба

---

[1] Шарифзода, А. Истифодаи осорхонавии осори санъати тасвирӣ дар Тоҷикистон [Матн] / А. Шарифзода // Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – №1. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – С. 30.

[2] Роҳнамои шуъбаи санъати тасвирӣ ва амалии Осорхонаи миллии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2013. – С. 3-5.

маърази тамошо гузошта шудаанд. Ин ҳунар барои муаррифӣ аз таърих, фарҳанг ва санъати баланди зебоипарастии миллати тоҷик шаҳодат медиҳад.

**Толори сеюм.** Экспозитсияи ин толор аз асари Хушвахтов Х.Д. (1926-2013) бо номи «Фотеҳони Вахш», ки соли 1987 офарида шудааст оғоз меёбад. Дар асари мазкур рассом симои коргарони сохтумони НОБ-и "Норак" ва мавзеъи сохтумонро, ки дар солҳои 70-уми қарни гузашта, яке аз сохтумонҳои умумииттифоқӣ ба ҳисоб мерафт тасвир намудааст.

Дар ин толор низ шоҳкориҳои санъати тасвирӣ низ ба чашм мерасанд, ки ба қалами рассоми хизматнишондодаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон Бенков П.П. (1879-1949) бо номи «Дуторнавоз», ки соли 1947 эҷод гардидааст. Асар бо як маҳорати касби офарида шуда, зебдиҳандаи толори шуъбаи санъати тавирӣ ва амалии осорхона мебошад. Дар асар симои зебои духтари дуторнавоз бо либосҳои зебои миллӣ тасвир ёфта, расом маҳорати касбии навозандагии ӯро бо як ҷаззобияти дилкаш пешкаши бинанда ва дӯстдорони асари рассомӣ намудаст. Инчунин дар экспозитсияи толорҳои мазкур асарҳои бебаҳо офаридаи рассомон Умаров А., Боборикин В., Олимов М., Ҳабибуллоев З., Назаров В., Шарипов С., Наҷмиддинов К. ва дигарон ба маърази тамошо гузошта шудааст.[1]

**Толори чорум ва панҷум.** Ин толоҳо доир ба баргузории намоишҳои муваққатии осорхона бахшида шудааст.

Дар натиҷаи таҳқиқот ва омӯзиши паҳлуҳои гуногуни фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон, дар даврони истиқлолияти давлатӣ, ба мо муяссар гардид, ки 20-соли фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод ва 10-соли фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи нави миллии Тоҷикистонро ба таври пурра ва мукаммал

[1] Роҳнамои шуъбаи санъати тасвирӣ ва амалии Осорхонаи миллии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2013. – С. 10-13.

таҳлил намуда, паҳлуҳои гуногуни ин самти муҳими фаъолияти осорхонавиро муайян ва барои пешбурди корҳои минбаъдаи он тавсияҳои худро пешниҳод намоем.

Дар натиҷа вобаста ба пешбурди фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод ва Осорхонаи нави миллии Тоҷикистон чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст.

Хулоса пас аз таҳқиқи зербоби «**Экспозитсияи Осорхонаи миллии Тоҷикистон инъикосгари таърихи фарҳанги халқи тоҷик»** маълум гардид, дар толорҳои экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод бинобар маҳдудиятҳои фаъолияти экспозитсионӣ, хурд будани толорҳои намоишӣ ва инъикоси экспонатҳои зиёд ва калонҳаҷм аз рӯйи мавзуъ ва андоза преблемаҳои худро дошт.

Ин аст, ки пас аз ифтитоҳи бинои нави Осорхонаи миллии Тоҷикистон ин ҳама мушкилот бартараф шуда, экспозитсияи нави муосир бо истифода аз беҳтарин шоҳкориҳои ниёгон дар толорҳои экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллӣ ҷой дода шудаанд. Ҳамарӯза аз толорҳои барҳавои Осорхонаи миллӣ теъдоди зиёди тамошобинон дидан менамоянд, ки ба ин васила муаррифии таъриху фарҳанг, урфу одат, анъанаҳои миллӣ ва дар маҷмуъ тарихи пурғановати миллати тоҷик ба таври шоиста муаррифӣ карда мешаванд.

## 2.2. Муҳиммияти ташкили намоишҳои осорхонавӣ, намудҳои он ва таърихи баргузории намоишҳои дохилии Осорхонаи миллии Тоҷикистон

Намоиш гуфта экспозитсияи ашёи осорхонавӣ, бадеӣ, инчунин молҳои тиҷоратӣ, саноатӣ, ва амсоли инҳоро мегӯянд, ки муваққатан ба намоиш гузошта мешаванд ё муҳтавояшон мунтазам тағйир меёбад. Намоиши осорхонавӣ метавонад қароргоҳи ягона дошта бошад ё ба намуди сайёр ташкил карда шавад. Ба ибораи дигар намоиши осорхонавӣ экспозитсияи муваққатӣ буда, ба ягон мавзуи махсус дар асоси ашёи фонди осорхона баргузор карда мешавад.

Ташкили намоишҳои осорхонавӣ ва намудҳои он (доимоамалкунанда, муваққатӣ, сайёр) дар осорхона тибқи муқаррароти осорхонавӣ ба роҳ монда шуда, аз тартиб додани нақшаи алоҳида оғоз мегардад. Доир ба ташкили намоишҳои осорхонавӣ пеш аз ҳама нақша-чорабинӣ таҳия карда мешавад, ки муҳтавои он тақрибан 15-20 бандро дар мегирад ва дар ҳар банди он вазифаҳои мушахасси кормандони осорхона оид ба ташкил ва гузаронидани намоиш муайян карда мешавад.[1]

Банди аввали он тартиб додани нақшаи мавзуӣ-экспозитсионӣ (НМЭ)-ро дарбар мегирад. Тартиб додани НМЭ яке аз корҳои асосии баргузории намоишҳо дар осорхона ба ҳисоб меравад. Албатта, барои таҳияи НМЭ-и намоиш таҳиягарро лозим аст, ки паҳлуҳои гуногуни мавзуро омӯхта, дар асоси пажуҳиши амиқи мавзуъ НМЭ-и онро таҳия намояд. НМЭ ин роҳнамоест, ки барои ҳамаи намоишҳои экспозитсионӣ истифода мешавад. Дар НМЭ-и намоиш мавзуъҳои он гуруҳбандӣ мешаванд. Ҳар як мавзуро дар навбати худ ба зермавзуҳо ҷудо кардан лозим аст. Вобаста ба ҳар як мавзуъ ва зермавзуъ экспонатҳо муайян мегарданд. Вобаста ба ин мутахассисони осорхонаро лозим аст, ки ҳар як ашёи осорхонавиро омӯзанд, зеро бе таҳқиқу омӯзиши ашё таҳияи НМЭ ғайриимкон аст. Дар НМЭ матн ва шарҳи муфассали намоиши

---

[1] Ҷалолов, Б. Ташкили намоишҳои муваққатӣ дар Осорхонаи миллӣ [Матн] / Б. Ҷалолов // Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – № 4. – Душанбе, 2021. – С. 14-23.

экспозитсионӣ пурра навишта мешавад. Дар паҳлӯи ҳар як матни тафсирӣ, экспонати ба он тааллуқдошта нишон дода шуда, инчунин ҷойи бозёфти ашё, ном ва зернавишт, андоза, вазн ва ҳолати ашё муайян гашта, дар охир барои шарҳу эзоҳ ва дигар иловаҳо низ ҷой монда мешавад.

Умуман НМЭ ҳама паҳлӯҳои кори экспозитсиониро барои омода ва баргузории намоиши осорхонавӣ муайян месозад. Таҳияи НМЭ барои омода намудани шакли ангоравии экспозитсияи осорхона заминаи боэътимод маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, пас аз таҳияи намунавии НМЭ аз ҷониби мутахассисони соҳа, он дар ҷаласаи Шурои илмӣ ва ҳамоҳангсозии осорхона мавриди муҳокима қарор гирифта, тариқи овоздиҳии аъзои Шурои илмӣ ва ҳамоҳангсозӣ тасдиқ мегардад. Сипас, мутобиқи нақшаи тасдиқшуда, дар толорҳои пешакӣ интихобшуда, намоиши экспозитсионӣ ташкил карда мешавад. Ороиши толорҳои намоишӣ бояд аз ҷониби ороишгарон, дизайнерон анҷом ёбад, зеро иҷрои ин кор вазифаи касбии мутахассисони соҳа мебошад.

Намоишҳои экспозитсионии муваққатӣ вобаста ба ашёҳои илман асоснокшуда, дар толорҳо ба маърази тамошо гузошта мешаванд. Дар осорхонаҳо агар шумораи ашёҳо аз 400 адад зиёд бошад, дар 3-4 толор аз рӯйи даврабандии таърихӣ ва гуруҳбандӣ ҷо ба ҷо карда мешаванд, ки ин ба намоиши калон мансуб аст. Дар ҳолати кам будани экспонат, то 50 адад бошад, гӯшаи намоишӣ ташкил карда мешавад. Намоиши экспозитсионӣ ба таври тақвимӣ (хронологӣ) ё соҳавӣ ба роҳ монда мешавад ва ҳама мақсаду мароми намоиш дар толор мушаххас нишон дода мешавад. Муҳлати аксарияти намоишҳои экспозитсионие, ки бахшида ба ин ё он ҷашнҳои миллӣ баргузор мегардад давоми 1-2 моҳ идома меёбад.

Пас аз ба итмом расидани ҳар як намоиши осорхонавӣ қисми зиёди экспонатҳои ба намоиш гузошташуда, тибқи муқаррароти осорхонавӣ ба фонди осорхона супорида мешавад.

Дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон толори махсус оид ба ташкил ва баргузории намоишҳои муваққатӣ амал мекунад, ки тамоми намоишҳои муваққатӣ дар толори мазкур баргузор мегарданд. Дар ҳолати ташкили намоиши муваққатӣ дар толорҳои доимоалкунанда, намоиш моҳияти илмӣ ва бадеии худро гум мекунад, зеро толорҳои мазкур тибқи даврабандии таърихӣ барои намоишҳои доимӣ сохта шудаанд.

Барои дар сатҳи зарурӣ омода ва баргузор намудани ҳар як намоиши осорхонавӣ бояд чунин корҳо сари вақт ва бо сифати баланд иҷро карда шавад:

- дарёфти сарпарастон оид ба маблағгузории намоиш;
- ҷамъоварии маводи намоишӣ;
- таҳияи барномаи баргузории намоиш;
- омода намудани лавҳаи намоиш;
- тармиму таҳким намудани ашёи осорхонавӣ;
- ороиши бадеии толорҳои намоишӣ;
- муҳайё намудани маводи хоҷагидорӣ ва ёрирасон.

Албатта ташкили намоишҳои осорхонавӣ дар тарғиби сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши чашмрас дорад. Дар сатҳи баланди касбӣ ташкил кардани чунин намоишҳои экспозитсионии доимоамалкунанда ва муваққатӣ аз малакаи кормандони осорхона ва мутахассисони соҳаи илм, фарҳанг, таърихнигорон, рассомон, дизайнерон вобаста аст.[1]

Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллиро танҳо такя ба таҷлили ҷашнвораҳо маҳдуд кардан лозим нест, зеро Осорхонаи миллӣ пеш аз ҳама муассисаи илмӣ-таҳқиқотӣ мебошад ва иҷрои вазифаҳои илмӣ-маърифатии он бе пажуҳишҳои илмӣ номумкин аст. Ҳол он ки оид ба як ашёи асилии осорхонавӣ якчанд мақолаи илмӣ-тарғиботӣ

---

[1] Ҳисайнов, Р.Д. Баргузории намоишҳои экспозитсионӣ дар Осорхонаи миллӣ [Матн] / Р.Д. Ҳисайнов // Ахбори Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод. – №5. – Душанбе: Деваштич, 2004. – С. 138-143.

навиштан мумкин аст. Ва кори илмии осорхона низ аз шарҳи илмии ашё оғоз меёбад.

Фаъолияти экспозитсионӣ-намоишӣ ин шакли оммавӣ-маърифатии осорхона дар замони муосир ба ҳисоб рафта, он ҳам аз ҳисоби ашёи фонди осорхона ва ҳам аз фонди осорхонаҳои дигар ташкил карда мешавад. Ташкили намоиш имкониятҳои зарурӣ оид ба экспозитсияи осорхонаҳоро васеъ гардонида, категорияи нави тамошобинонро ба осорхона ҷалб менамояд.

Намоиши осорхонавӣ яке аз намуди асосии дастрасии маълумот оид ба таъриху фарҳанги як миллат ба ҳисоб меравад. Дар маҷмуъ мутахассисони соҳа намоишҳои асосии осорхонавиро ба ду намуд - доимӣ ва муваққатӣ ҷудо менамоянд.

**1. Намоиши доимӣ** –намоише, ки экспонатҳо дар толорҳои экспозитсионӣ аз рӯйи даврабандии таърихӣ ба таври доимӣ ба намоиш гузошта мешаванд.

**2. Намоиши муваққатӣ** – намоише, ки бо усулҳои осорхонавӣ ва ашёи осорхона дар худи осорхона ва дар ташкилоту муассисаҳои дигари фарҳангӣ: кохи фарҳанг, китобхона, долони толори консертӣ ва ғ. дар як мавзуи муайян ва вақти муайян экспонатҳо ба намоиш гузошта мешаванд.

Бояд зикр намуд, ки дар баробари намоишҳои асосӣ, инчунин дигар намуди намоишҳои осорхонавӣ низ вуҷуд дорад, ки мо дар ин бахши кор намунаи онҳоро дар мисоли намоишҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистон шарҳ ва тавзеҳ диҳем:

- **намоиши илмӣ** – намоише, ки дар натиҷаи ҷамъоварии ашёи таърихӣ аз ҳафриётҳои бостоншиносӣ ё аз ҳисоби ашёҳои таърихии фонди осорхона, ки илман асоснок шудаанд, ташкил карда мешавад. Масалан, натиҷаи ковишҳои таҳқиқотӣ, бақайдгирӣ ва феҳристнигории фонди осорхона, бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади муаррифию арҷгузорӣ ба мероси

хаттии тоҷикон таҳти унвони «Мероси хаттӣ – бозгӯйи осори ниёгон» намоиш ифтитоҳ гардид, ки дар он теъдоди зиёди китобҳои дастнавис ба меҳмонон пешниҳод ва муаррифӣ гардонида шуд.[1]

• **намоиши фарҳангӣ** – намоише, ки бахшида ба рӯзҳои ид ва ҷашну маросимҳои миллӣ аз ҳисоби маҳсулоти ҳунармандон дар осорхонаҳо баргузор мегардад, ки маҳсулоти онҳо ба намоиш ва фурӯш пешниҳод мешаванд. Масалан, намоиши бахшида ба рӯзи байналмилалии осорхонаҳо таҳти унвони "Устод ва шогирд" баргузор гардид, ки дар он ҳунармандон аз ҳама минтақаҳои ҷумҳурӣ иштирок намуда, маҳсулотҳои оваридаи худро ба намоиш ва фурӯш пешниҳод намуданд.[2]

• **намоиши маҷозӣ (вертуалӣ)** – намоише, ки ашёи осорхонавӣ тавассути пахми мустақим, инчунин тариқи маҷозӣ баргузор карда мешавад. Масалан, Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар намоиши «Мероси муштараки буддоии кишварҳои узви СҲШ», ки дар шакли маҷозӣ (онлайн/виртуалӣ) баргузор гардид, иштирок намуд. Намоиш бо истифода аз мундариҷаҳои рақамӣ, аз қабили аксҳо ва наворҳо ба шакли 3D ба тамошобинон пешниҳод карда шуд.[3]

• **намоиши байналмилалӣ** – намоише, ки дар он ашёҳои осорхонавии мансуб ба як давраи таърихӣ бо иштироки намояндагони осорхонаҳои дигари ҷаҳонӣ дар муддати муайян берун аз ҳудуди як кишвар ташкил карда мешавад. Масалан, намоиши нигораҳои Тоҷикистон таҳти унвони «Тоҷикистон - кишвари дарёҳои тиллоӣ» дар Осорхонаи Гимейи Ҷумҳурии Фаронса баргузор гардид, ки дар ифтитоҳи расмии он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти

---

[1] Дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон намунаҳои гуногуни китобҳои нодири дастнавис ва чопи сангӣ намоиш дода мешаванд [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj/2021/08/ (санаи муроҷиат: 18.11.21)
[2] Шабе дар осорхона [Манбаи электронӣ] – Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj/2021/05/shabe-dar-osorhona-ta-ti-in-unvon-i-domi-bajnalmilal-ro-andoz-gardida-dar-doirai-on-barguzorii-30-barnomai-far-ang-faro-at-dar-nazar-ast/ (санаи муроҷиат: 18.11.21)
[3] Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар намоиши «Мероси муштараки буддоии кишварҳои узви СҲШ» [Манбаи электронӣ]: – Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj/2020/12/osorhonai-millii-to-ikiston-dar-namoishi-merosi-mushtaraki-buddoii-kishvar-oi-uzvi-s-sh-ba-tavri-ma-oz-ishtirok-menamoyad/ (санаи муроҷиат: 18.11.21)

Ҷумҳурии Фаронса муҳтарам Эммануэл Макрон иштирок намуданд. Бояд гуфт, ки дар намоиш барои муаррифии таъриху тамаддуни бою қадима ва санъати нотакрори миллати тоҷик дар Осорхонаи Гимей 211 адад нигора аз Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва Осорхонаи миллии бостоншиносии Тоҷикистон ба намоиш гузошта шуд.[1]

• **намоиши миллӣ** – намоише, ки бахшида ба ягон навъи ҳунарҳои миллӣ, ҷашнҳои миллӣ, рӯзҳои фарҳангӣ ва дигар унсурҳои миллии як миллат ташкил карда мешавад. Масалан, бахшида ба яке аз навъҳои ҳунари миллии тоҷикон, яъне Чакан дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон намоиш таҳти унвони "Сад ранги чакан" баргузор гардид, ки дар намоиш намунаҳои гуногуни ҳунари гулдӯзиии тоҷикон ба маърази тамошо гузошта шуданд.[2]

• **намоиши минтақавӣ** – намоише, ки дар ҳудуди кишварҳои ҳавзаи як минтақа аз ҳисоби экспонатҳои нодири кишварҳои мазкур баргузор мегардад. Масалан, дар шаҳри Туркменбошии Ҷумҳурии Туркманистон фестивали байналмилалии таомҳои миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ баргузор гардид, ки дар он гӯшаи намоишии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар баробари таомҳои миллӣ, маҳсулоти қаннодӣ, шириниҳо, маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин намунаҳои гуногуни ҳунарҳои миллӣ аз қабили лайлӣ, дастшӯ, офтоба ва дегу кафлеси мисӣ, табақ ва қошукҳои чӯбӣ, гулдӯзиҳои миллӣ ва намунаҳои сару либоси тоҷикӣ аз фонди Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба маърази тамошо гузошта шуд.[3]

• **намоиши вилоятӣ** – намоише, ки дар ҳудуди яке аз вилоятҳои ҷумҳурӣ аз ҳисоби экспонатҳои осорхонаҳои кишвар баргузор мегардад. Масалан, аз фонди Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар Осорхонаи таъриху кишваршиносии 2700-солагии шаҳри Кӯлоб бахшида ба

---

[1] Иштирок дар Намоиши нигораҳои Тоҷикистон таҳти унвони "Тоҷикистон - кишвари дарёҳои тиллоӣ" дар Осорхонаи Гимей Ҷумҳурии Фаронса [Манбаи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/26971 (санаи муроҷиат: 18.11.21)

[2] Дар Душанбе Фестивали ҷумҳуриявии «Сад ранги чакан» баргузор шуд [Манбаи электронӣ]: – Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj/2021/05/ (санаи муроҷиат: 18.11.21)

[3] Боздид аз фестивали байналмилалии таомҳои миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шаҳри Туркманбошӣ [Манбаи электронӣ]: – Низоми дастрасӣ: http://president.tj/node/26316 (санаи муроҷиат: 18.11.21)

Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028 намоиш таҳти унвони «Тасвири об дар асарҳои рассомони Тоҷикистон» баргузор гардид, ки дар намоиш аз хазинаи тиллоии Осорхонаи миллии Тоҷикистон асарҳо аз эҷодиёти рассомони машҳури Ҷумҳурии Тоҷикистон: З.Ҳабибуллоев, Х.Хушвахтов, В.Боборикин, Г.Кузмин, З.Довудов, И.Волинский, Ю.Талдигин, Я.Мамадкулов, М.Сафарова ба намоиш гузошта шудаанд. Ҳамзамон дар намоиш офаридаҳои рассомони ҷавони Тоҷикистон, ба монанди С. Ҷурахонов, Қ. Шарипов, С. Шарипов, К. Файзов пешниҳоди тамошобинон гардид.[1]

Ҳамин тариқ метавон гуфт, ки ташкил ва баргузор намудани намоишҳои гуногуни осорхонавӣ дар баланд бардоштани ҳисси баланди миллӣ ба тамошобинони ватанӣ, инчунин ҷалби бештари сайёҳони хориҷӣ ва огоҳ намудани онҳо ба таъриху фарҳанги миллати тоҷик имконияти васеъро фароҳам меоварад.

Мавриди зикри хос аст, ки дар баробари дар сатҳи баланди касбӣ баргузор намудани намоишҳои осорхонавӣ, инчунин дар раванди кор баъзе камбудиҳо ва норасоиҳои соҳавӣ ба миён меояд, ки зикри онҳо низ аз манфиат холи нест:

1. Барои дар сатҳи баланди касбӣ баргузор намудани як намоиши осорхонавӣ, мутасаддиён давоми 2-3 сол омодагии ҷиддӣ мебинанд, аммо бо сабабҳои гуногун (мушкилоти молиявӣ, бархӯрди андешаҳо миёни тарафайн, ба вуҷуд омадани бемориҳои сироятӣ, ба вуҷуд омадани низоъҳои сарҳадӣ) намоиш баргузор намегардад.
2. Пас аз ифтитоҳи расмии намоиш (баъд аз як шабонарӯз) бо сабабҳои гуногун (офатҳои табиӣ, мушкилоти техникӣ, норасоии таҷҳизоти экспозитсионӣ) намоиш баста мегардад.
3. Бинобар рух додани низоъҳои сиёсӣ.
4. Бинобар барпо гардидани ҳамоиши баланди сатҳи ҳукуматӣ.

---

[1] Тасвири об дар асарҳои рассомони Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] – Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj/2021/04/tasviri-ob-dar-asar-oi-rassomoni-to-ikiston-ta-ti-chunin-unvon-dar-osorhonai-tarihu-kishvarshinosii-sha-ri-k-lob-namoish-doir-shud/ (санаи муроҷиат: 18.11.21)

**Намоишҳои дохилии Осорхонаи миллии Тоҷикистон.** Вазифаи асосии осорхона ин ҷамъоварӣ, ҳифзу нигаҳдорӣ, омӯзиш ва дар ин баробар муаррифии ашёи осорхонавӣ ба тамошобинон ба ҳисоб меравад. Муҳимтарин фаъолияти илмии осорхона ин ба тариқи ташкили намоишҳо махсусан намоиши дохилии осорхонавӣ, муаррифии таъриху фарҳанги миллии тоҷик ба ҷаҳониён арзёбӣ мегардад.

Осорхонаи миллии Тоҷикистон ин рисолати касбии худро дар сатҳи баланди касбӣ ба роҳ монда, ҳамасола аз фонди таърихи ва санъати тасвирӣ намоишҳои гуногуни осорхонавиро пешниҳоди тамошобинон мегардонад.

**Намоиши дохилии осорхонавӣ** (Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод) – дар толорҳои намоишии муваққатии осорхона, бо истифодаи ашёи таърихии фонди осорхона ба намоиш баровардани коллексияҳои гуногуни таърихӣ дар назар дошта шудааст. Инчунин аз фонди дигар осорхонаҳо дар якҷоягӣ ташкили намоиши дохилии осорхонавиро дар бар мегирад.

Дар ин бахши кор мо намоишҳои дохилии Осорхонаи миллии Тоҷикистонро дар давоми сӣ соли соҳибистиқлолии кишвар мавриди таҳқиқ қарор додаем.

Дар натиҷаи таҳқиқу омӯзиши ин зербоб муайян карда шуд, ки доир Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар сӣ соли фаъолияти экспозитсионӣ-намоишӣ ва хосатан дар ташкили намоишҳои дохилии осорхонавӣ ба дастовардҳои зиёд ноил гардидааст. Дар ин давра аз соли 1991 то соли 2021 дар маҷмуъ 263 адад намоишҳои дохилии осорхонавӣ баргузор гардидааст. Намоишҳое, ки дар ин самт омода ва баргузор гардидаанд, шумораи зиёди онҳо аз коллексияи бойю таърихии фонди тиллоии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

Вобаста ба маълумотҳои оморӣ ва бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод, ки аз соли 1991 то соли 2012 ба дасти овардем, доир ба ташкили намоишҳои дохилии осорхонавӣ сол ба сол омӯзиш ва таҳқиқ карда шудааст.

Фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Музейи ҷумҳуриявии муттаҳидаи таъриху кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзод (Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод) дар соли 1991 танҳо ба фаъолияти намоишии худро ба экспозитсияи доимоамалкунанда равона карда, дар ин сол намоишҳои дохилии осорхонавӣ баргузор нагардидааст. [1]

Соли 1992 Музейи ҷумҳуриявии муттаҳидаи таъриху кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзод тавонистааст, ки 3 намоиши дохилии осорхонавиро баргузор намояд. Мафҳум ва муҳтавои намоишҳои баргузоргардида, хосатан ба асарҳои рассомон ва қадамҳои нахустини Тоҷикистони соҳибистиқлол бахшида шудааст. Аз ҷумла, намоиш таҳти унвони "Рассомони ҷавони Тоҷикистон" 6-уми марти соли 1992, намоиши асарҳои рассомон аз Академияи мусаввирии СССР 7-уми апрели соли 1992, "Тоҷикистони мустақил, қадамҳои нахустин" 10-уми июни соли 1992.[2] Дар ин намоишҳо теъдоди зиёди тамошобинон иштирок ва аз асарҳои рассомон ва экспонатҳои таърихии осорхона боздид намуда, доир ба таъриху фарҳанги пурғановати тоҷик дубора ошноӣ пайдо намудаанд.

Соли 1993 Музейи ҷумҳуриявии муттаҳидаи таъриху кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзод 8 намоиши дохилии осорхонавиро ташкил ва пешниҳоди тамошобинон гардонидааст, ки ба ҳамин давраи соли гузашта 5 маротиба зиёд мебошад. Намоишҳои баргузор гардида, фарогири мавзуҳои санъати ороишӣ-бадеӣ, асарҳои рассомон, солгарди шахсиятҳои таърихӣ ва шахсиятҳои шинохтаи ҷумҳурӣ мебошанд. Аз ҷумла, намоиш бахшида ба иди Наврӯз аз асарҳои рассон Зиёратшо Довудов 18-уми марти соли 1993, намоиш доир ба "Форуми якуми байналхалқии тоҷикон" 25-уми майи соли 1993, "Саҳифаи таърихи тоҷикон" 1-уми июни соли 1993, "Санъати ороиши тоҷикон" 10-уми июни соли 1993, "Ҳаёти ҷумҳурӣ" 1-

---

[1] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 1991. – 8 с.
[2] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 1992. – 7 с.

уми июли соли 1993, “80 – солагии Ҷаббор Расулов” 9-уми июли соли 1993, “Диёри мо” 8-уми сентябри соли 1993, “Санъати Ҳиндустон, Чин ва Ҷопон” 5-уми октябри соли 1993.[1] Музей (осорхона) тавонистааст, ки рисолати таърихии худро тавассути ташкилу ба роҳ мондани намоишҳои дохилӣ ва ба тамошобинони дохилӣ ва хориҷӣ муаррифии ашёи осорхонавиро пешниҳод намояд.

Соли 1994 дар толорҳои намоишии музей 3 намоиши дохилии осорхонавӣ баргузор гардидааст, ки ба ҳамин давраи соли гузашта, 5 маротиба кам ба назар мерасад. Намоишҳои бахшида ба иди Наврӯз 21-уми марти соли 1994, намоиш бахшида ба рӯзи Ғалаба дар ҶБВ 8-уми майи соли 1994 ва намоиш бахшида ба рӯзи маъюбон 30-уми ноябри соли 1994 баргузор гардидаанд.[2] Тавассути ташкили чунин намоишҳо мутахассисони осорхона, кӯшиш ба харҷ додаанд, ки арзишҳои баланди таърихию фарҳангӣ, ҷоннисорию қаҳрамониҳои фарзандони фарзонаи миллати тоҷикро нишон дода ба ин васила ҷалби қишрҳои гуногуни ҷомеаро ба таъриху фарҳанг, расму оини халқи тоҷик ба музей ҷалб намоянд.

Соли 1995 дар Музейи ҷумҳуриявии муттаҳидаи таъриху кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзод 2 намоиши дохилии осорхонавӣ рӯйи кор омадааст, ки ба ҳамин давраи соли гузашта 1 маротиба ва ба ду соли қаблӣ 6 маротиба кам мебошад. Зеро аз нишондиҳандаҳои омории соли 1995 тамошобинони осорхона хеле зиёд гардида, дар ин давра намоишҳои баргузоргардида бахшида ба иди Наврӯз аз асарҳои офаридаи рассомони тоҷик 20-уми марти соли 1995 ва бахшида ба рӯзи Ғалаба дар ҶБВ тавассути асарҳои рассомон ва экспонатҳои марбут ба ин солҳо рост меояд.[3] Новобаста ба вазъи сиёсии он замон музей намоишҳои дохилии худро ташкил ва баргузор намуда, ба ин васила муаррифгари дирузу имрӯз ва фардои миллати тоҷик ба шумор меравад.

[1] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 1993. – 4 с.
[2] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 1994. – 6 с.
[3] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 1995. – 8 с.

Музей дар соли 1996 фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии худро тавассути толорҳои экспозитсионии доимоамалкунанда ба роҳ монда, дар ин давра намоишҳои дохилии осорхонавӣ баргузор нагардидааст.[1]

Дар соли 1997 фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии музей дар сатҳи баланди касбӣ ба роҳ монда, дар ин давра 4 намоиши дохили осорхонавиро ташкил ва баргузор намудааст. Мазмун ва муҳтавои намоишҳо ба табиати нотакрори зебои Тоҷикистон бахшида шудааст. Аз ҷумла, намоиш таҳти унвони "Муҳофизати табиат" 20-уми марти соли 1997, намоиш таҳти унвони "Гулистон" 17-уми апрели соли 1997, "Дилором" 9-уми майи соли 1997 ва намоиш аз асарҳои аксбардор Г.Г. Ротушенко таҳти унвони "Тоҷикистон дар аксҳои Г.Г. Ротушенко" ба ҳисоб меравад.[2]

Тавассути намоишҳои баргузоргардида, музей вазифаи асосии худ, муаррифии таъриху фарҳанг, табиати нотакрори Тоҷикистон ва арзишҳои фарҳангии худро ба тамошобинони худ пешниҳод намудааст.

Соли 1998 намоишҳои дохилии осорхонавии Музейи ҷумҳуриявии муттаҳидаи таъриху кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзод 7 маротиба ташкил ва баргузор гардидааст, ки ба ҳамин давраи соли гузашта 3 маротиба зиёд мебошад. Намоишҳои баргузоргардида ба ҳаёти сиёсии ҷумҳурӣ, таҷлили ҷашнҳои миллӣ, солгарди шахсиятҳои барӯманди ҷумҳурӣ бахшида шудааст. Аз ҷумла, намоиш таҳти унвони "Ҷараёни барқарор гардидан ва мустаҳкам шудани сулҳу салоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" 5-уми марти соли 1998, намоиш бахшида ба иди Наврӯз 20-уми марти соли 1998, намоиш таҳти унвони "Сулҳ баҳори зиндагист" 22-уми апрели соли 1998, намоиш бахшида ба 100 – солагии собиқ Раиси Президиуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мунаввар Шогадоев 5-уми майи соли 1998, намоиш таҳти унвони "Давлати Сомониён давлати аввалини тоҷикон", бахшида ба 1100 - солагии давлати Сомониён 7-уми сентябри соли 1998,

[1] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 1996. – 6 с.
[2] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 1997. – 7 с.

намоиш бахшида ба рӯзи “Милитсияи тоҷик” 9-уми октябри соли 1998 ва намоиш бахшида ба 90 – солагии академик Бобоҷон Ғафуров 15-уми декабри соли 1998 ба шумор мераванд.[1] Тавассути ташкили чунин намоишҳои осорхонавӣ тамошобини музей зиёд гардида, тамошобинон аз таърихи фарҳанг ва расму оини халқи тоҷик дубора ошноӣ пайдо намудаанд.

Соли 1999 мутахассисони Музейи ҷумҳуриявии муттаҳидаи таърихи кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзод дар баробари муаррифи намудани таърихи фарҳанги миллати тоҷик тавассути экспозитсияи доимоамалкунанда, инчунин 5 намоиши дохилии осорхонавиро ташкил ва баргузор намудаанд. Дар ин намоишҳо тамошобин аз таърихи фарҳанги ниёгони худ ва экспонатҳои фонди тиллоии музей маълумоти заруриро ба даст овардаанд. Намоишҳои баргузоргардида дар ин давра ба мавзуҳои зерин бахшида шудааст. Аз ҷумла намоиш таҳти унвони “Тоҷикон дар Оинаи таърих” 10-уми марти соли 1999, намоиш бахшида ба ҷашни Наврӯз 20-уми марти соли 1999, намоиш таҳти унвони “Кишвари ман”, бахшида ба таҷлили 1100 – солагии давлати Сомониён 21-уми апрели соли 1999, намоиш бахшида ба рӯзи байналмилалии осорхонаҳо 18-уми майи соли 1999, ки ин аввалин иқдоми Музейи ҷумҳуриявии муттаҳидаи таърихи кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзод дар таърихи фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии осорхона ба ҳисоб меравад. Инчунин намоиш бахшида ба “8-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон” 7-уми сентябри соли 1999 аз экспонатҳои фонди осорхона ташкил ва баргузор гардидааст.[2]

Аз 27 ноябри соли 1999 ба Музейи ҷумҳуриявии муттаҳидаи таърихи кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи Камолиддин Беҳзод мақоми миллӣ дода шуда, номи он ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод табдил дода шуд.

---

[1] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 1998. – 12 с.
[2] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 1999. – 16 с.

Соли 2000 Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод барои тамошобинони қишрҳои гуногуни ҷомеа 11 намоишҳои дохилии осорхонавиро баргузор намудааст. Ин нишондиҳанда ба ҳамин давра соли гузашта, 6 маротиба зиёд арзёбӣ мегардад. Албатта ҳар як намоишҳои осорхонавӣ ба як ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ, ҷашну маросимҳои миллӣ, идҳои давлатӣ бахшида шудааст. Аз ҷумла, намоиши асарҳои рассом Бек Наимов 17-уми январи соли 2000, намоиш таҳти унвони "Ҷавонон ва замони муосир" 20-уми марти соли 2000, "Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои ҷанги Бузурги Ватанӣ солҳои 1941-1945", бахшида ба 55-солагии ҶБВ 9-уми майи соли 2000, намоиш бахшида ба рӯзи байналмилалии осорхонаҳо 18-уми майи соли 2000, "Бозёфтҳои шаҳраки Ҳулбук" 13-уми июни соли 2000, намоиши асарҳои рассомони ҷавони Тоҷикистон таҳти унвони "Суруш 2000" 27-уми июни соли 2000, намоиш аз ҷониби рассомону санъатшиносони ҷумҳурӣ 6-уми июли соли 2000, намоиш таҳти унвони "Аз таърихи аксбардории охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Олмон" 10-уми августи соли 2000, намоиши асарҳои рассомони рус ва аврупои ғарбӣ 22-уми августи соли 2000, намоиши "Тоҷикистони соҳибистиқлол" 8-уми сентябри соли 2000 ва намоиш бахшида ба соли байналмилалии фарҳангу сулҳ 24-уми ноябри соли 2000 ба ҳисоб мераванд.[1]

Дар маҷмуъ аз таърихи фаъолияти даҳсолаи экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод бахусус ташкили намоишҳои дохилии осорхона чунин хулосабарорӣ намудан лозим аст, ки мутахассисони варзидаи ин ниҳоди фарҳангӣ новобаста аз вазъи сиёсии он замон фаъолияти кории худро дар самти ташкил ва баргузории намоишҳои дохилии осорхонавӣ дар сатҳи баланди касбӣ ба роҳ мондаанд. Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқот маълум гардид, ки аз соли 1991 то соли 2000 дар осорхона 43 маротиба намоишҳои дохилии осорхонавӣ ташкил ва баргузор гардидааст.

[1] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2000. – 13 с.

Тавассути чунин намоишҳо шумораи тамошобини осорхона зиёд гардида, ҳар як тамошобини закиву ҳушманд ба худ маърифати баланди худшиносӣ, ҳисси баланди ватандӯстӣ, садоқат ба марзу буми давлатӣ, шинохти арзишҳои таърихию фарҳангии миллати тоҷикро дубора эҳсос намудааст.

Муҳимтарин бахши фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии осорхона ин ташкил ва баргузории намоишҳои дохилии осорхонавӣ маҳсуб меёбад. Аз ин ҷост, ки ҳамасола намоишҳои осорхонавӣ дар мавзуҳои гуногуни таърихиву фарҳангӣ, сиёсиву иҷтимоӣ, ороишиву бадеӣ ва дигар соҳаи илму адаб бахшида шуда, ба ин восита ҷалби бештари тамошобинон ба осорхона афзудааст.

Давраи дуюми даҳсолаи истиқлолияти давлатӣ ба солҳои 2001-2010 рост меояд, ки дар ин давра Тоҷикистони соҳибистқлоли ба ҳама соҳаҳои кишвар дастовардҳои бузургро ба даст оварда, ба ин васила тавассути ташкили намоишҳои осорхонавӣ ин дастовардҳои миллӣ ва арзишҳои таърихую фарҳангии халқи тоҷикро ба тамошобинон муаррифӣ намудааст.

Соли 2001 Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод 8 намоиши дохилии осорхонавиро ташкил ва баргузор намуааст. Ин нишондиҳанда ба ҳамин давраи соли гузашта, 3 намоиш кам мебошад. Дар ин давра низ намоишҳо дар мавзуҳои гуногун бахшида шуда, таваҷҷуҳи тамошобинони зиёдро ба осорхона ҷалб намудааст. Аз ҷумла, намоиши асарҳои рассом Анваршо Сайфиддинов бахшида ба иди “Наврӯз” 21-уми марти соли 2001, намоиш таҳти унвони “Дастовардҳои илмии ҷумҳурӣ”, аз ҷониби Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 18-уми апрели соли 2001, намоиш бахшида ба Рӯзи байналмилалии осорхонаҳо18-уми майи соли 2001, намоиш таҳти унвони “Суруш – 2001” 30-уми майи соли 2001, намоиш бахшида ба 5-солагии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон. Инчунин намоиш бахшида ба рӯзи Ваҳдати миллӣ 27-уми июни соли 2001, намоиш таҳти унвони “Дастовардҳои бузурги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зарфи

10 сол”, бахшида ба 10-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 7-уми сентябри соли 2001, намоиш бахшида ба 90 – солагии шоири халқии Тоҷикистон Мирзо Турсунзода 10-уми октябри соли 2001 ва намоиш бахшида ба 2700-солагии “Авасто” 15-уми ноябри соли 2001 намоишҳои дохилии осорхона ба шумор меравconfigurationанд.[1]

Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод дар соли 2002 - 9 намоиши дохилӣ ташкил ва баргузор намудааст, ки ба ҳамин давраи соли гузашта 1 адад зиёд мебошад. Намоишҳои баргузоргардида, фарогири мавзуҳои зерин мебошанд. Намоиш бахшида ба 545 - солагии Камолиддин Беҳзод 21-уми марти соли 2002, намоиш ҷашнӣ бахшида ба академик Бобоҷон Ғафуров 10-уми апрели соли 2002, намоиш бахшида ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ 9-уми майи соли 2002, намоиш бахшида ба Рӯзи байналмилалии осорхонаҳо 17-уми майи соли 2002, намоиши Арбоби ҳунари Тоҷикистон Зуҳур Ҳабибуллоев 28-уми майи соли 2002, намоиш бахшида ба 5-солагии Ваҳдати миллӣ 27-уми июни соли 2002, намоиш бахшида ба 2500-солагии шаҳри Истаравшан 10-уми ноябри соли 2002, намоиш бахшида ба 10-солагии Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16-уми ноябри соли 2002, намоиш таҳти унвони “Санъати қаламкашии рассомони муосири Ҷумҳурии Ҳиндустон” 20-уми декабри соли 2002.[2]

Намоишҳои баргузоргардида дар ин давра аксаран ба шахсиятҳои барӯманди таърих, ҷашнҳои давлатӣ бахшида шудаанд. Тавассути намоишҳои баргузоргаридаи дохилии осорхона, теъдоди зиёди тамошобинон ба осорхона ҷалб гардида, муаррифии таъриху фарҳанг ва арзишҳои баланди фарҳангии миллати тоҷик ба тамошобинон муаррифӣ карда шудааст.

Соли 2003 аз ҷониби мутахассисони Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод 10 намоиши дохилӣ дар толорҳои экспозитсионии осорхона ташкил ва баргузор гардидааст.

[1] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2001. – 9 с.
[2] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2002. – 12 с.

Шумораи намоишҳо ба ҳамин давраи соли гузошта 1 адад зиёд мебошад. Намоишҳои баргузоргардида, фарогири мавзуҳои муҳими таърихию фарҳангӣ, илмию маърифатӣ ва ҳунари санъати ороишиву бадеӣ бахшида шудаанд. Аз ҷумла, намоиши "Ҳомиёни Ватан" 20-уми феврали соли 2003, намоиш дар якҷоягӣ бо сафоратхонаи Хитой 26-уми феврали соли 2003, намоиш бахшида ба 70-солагии иригатори номии Тоҷикистон Абдукарим Қосимов 10-уми марти соли 2003, намоиши "Сиккаҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод" 14-уми марти соли 2003, намоиши "Иди Наврӯз" дар якҷоягӣ бо колеҷи рассомӣ 18-уми марти соли 2003, "Ҳунарҳои амалӣ-халқии мардуми Кӯлоб" бахшида ба иди Наврӯз 19-уми марти соли 2003, намоиш бахшида ба 125-солагии Садриддин Айнӣ 14-уми апрели соли 2003, намоиш бахшида ба рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ 9-уми майи соли 2003, намоиш бахшида ба 90-солагии Арбоби сиёсӣ ва давлатӣ Ҷаббор Расулов 3-уми июли соли 2003 ва намоиш таҳти унвони "Об манбаи ҳайёт" 9-уми сентябри соли 2003 ба шумор меравад.[1]

Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод дар соли 2004 - 8 намоиши дохилии осорхонавиро ташкил ва баргузор намудааст, ки ба ҳамин давраи соли гузашта 2 адад кам мебошад.

Намоишҳои баргузоргардида фарогири мавзуҳои таърихӣ ва дирӯзу имрӯзи ҳайёти сиёсии ҷумҳуриро фарогир аст. Аз ҷумла, намоиши мусавир Умаров Пулод 6-уми феврали соли 2004, намоиш бахшида ба рӯзи "Артиши миллӣ" 20-уми феврали соли 2004, намоиш бахшида ба иди Наврӯз 19-уми марти соли 2004, намоиш бахшида ба "Рӯзи Ғалаба" дар ҶБВ 9-уми майи соли 2004, намоиш бахшида ба рӯзи "Ваҳдати миллӣ" 27-уми июни соли 2004, намоиши ҳунарҳои дастии мардуми Ҳинд дар Осорхонаи миллии ба номи Камолиддин Беҳзод 1-уми сентябри соли 2004, намоиш бахшида ба ҷашни Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон 9-уми сентябри соли 2004 ва намоиш бахшида ба 80-солагии шаҳри Душанбе 10-уми ноябри соли 2004 ба шумор

[1] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2003. – 10 с.

мераванд.[1] Тавассути намоишҳои баргузоргардида, тамошобини осорхона аз экспозитсия ва намоишҳои дохилӣ боздид намуда, дар ин баробар аз таърих, фарҳанг, санъат, ҳунари мардумӣ ва дигар анъанаҳои миллати тоҷик ошноӣ пайдо намудааст.

Дар соли 2005 Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод 7 адад намоишҳои дохилии осорхонавиро рӯйи кор овардааст, ки ин нишондиҳанда ба ҳамин давраи соли гузашта 1 адад кам арзёбӣ мегардад. Намоишҳои баргузоргардида дар мавзуҳои гуногуни ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ, иҷтомоию фарҳангӣ, илмию маърифатии ҷумҳурӣ бахшида шудааст. Аз ҷумла, намоиш бахшида ба рӯзи “Артиши миллӣ” 23-уми феврали соли 2005, намоиш бахшида ба иди Наврӯз 21-уми марти соли 2005, намоиш бахшида ба “Рӯзи Ғалаба” 9-уми майи соли 2005, намоиш бахшида ба рӯзи байналмилалии осорхонаҳо 18-уми майи соли 2005, намоиши “Ваҳдат – пойдовори сулҳ” 27-уми июни соли 2005, намоиш бахшида ба ҷашни Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон 9-уми сентябри соли 2005, намоиш бахшида ба рӯзи Парчами давлатӣ 24-уми ноябри соли 2005 ва намоиши ҳунари меъмории Олмон 9-уми декабри соли 2005 доир гардидааст. Тавассути ташкили намоишҳои дохилии осорхонавӣ шумораи тамошобинон зиёд гардида, гардиши фонди ашёҳои осорхонавӣ ба маротиб афзудааст.[2]

Осорхонаи миллии Тоҷикистон соли 2006 дар баробари толорҳои экспозитсияи доимоамалкунанда, инчунин 12 адад намоишҳои дохилии осорхонаро баргузор намудааст. Ин шумора ба ҳамин давраи соли 2005 - 4 маротиба зиёд мебошад. Намоишҳо бахшида ба таҷлили ҷашнҳои таърихӣ, асарҳои рассомон ва рӯзи идҳои давлати бахшида шудааст.[3] Аз ҷумла, намоиш бахшида ба рӯзи “Артиши миллӣ” 23-уми феврали соли 2006, намоиши асарҳои рассом Анвар Сайфиддинов бахшида ба иди Наврӯз 17-уми марти соли 2006, намоиши ҳайкалтароши қазоқ Кирей Ҷумъағозин 18-уми апрели соли 2006, намоиш бахшида ба “Рӯзи Ғалаба”

[1] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2004. – 9 с.
[2] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2005. – 10 с.
[3] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2006. – 13 с.

аз асарҳои санъати тасвирӣ, 3-уми майи соли 2006, намоиш таҳти унвони “Футбол забони муоширати байналмилалӣ” 30-уми июни соли 2006, намоиш бахшида ба рӯзи кӯдакон 1-уми июни соли 2006, намоиш бахшида ба “Соли бузургдошти тамаддуни Ориёӣ” 17-уми августи соли 2006, намоиш бахшида ба 15-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон 7-уми сентябри соли 2006, намоиш бахшида ба 2700-солагии шаҳри Кӯлоб 22-уми сентябри соли 2006, намоиши “Устод ва шогирд” аз коллеҷи рассомии шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қурғонтеппа (Бохтар), Кӯлоб 9-уми ноябри соли 2006, намоиш таҳти унвони “Санъат бар зидди коррупсия” 15-уми декабри соли 2006 ва намоиш таҳти унвони “Параллелизм ва материализм” 26-уми декабри соли 2006 ба шумор мераванд.

Соли 2007 шумораи намоишҳои дохилии осорхонавӣ 13 ададро ташкил додааст, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса ба соли қаблӣ 1 адад зиёд мебошад. Намоишҳои баргузоргардида моҳияти таърихию фарҳангӣ дошта, ба маънавиёти ҷавонон хоса тамошобинони осорхона нақши муҳим дорад.[1] Фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар соли 2007 вобаста ба нақшаҳои таҳиягардида ба роҳ монда, тавассути намоишҳо расму оин ва анъанаҳои миллии мардуми тоҷик, табиати зебову нотакрори Тоҷикистони соҳибистиқлол ба тамошобинони қишрҳои гуногуни ҷомеъ муаррифӣ намудааст. Намоишҳои баргузоргардида, дар мавзуҳои гуногун аз ҷумла, намоиш бахшида ба 14-солагии таъсисёбии “Артиши миллӣ” 23-уми феврали соли 2007, намоиши асарҳои рассомони тоҷик бахшида ба иди Наврӯз 20-уми марти соли 2007, намоиш таҳти унвони “Дӯстони Русия” 27-уми марти соли 2007, намоиш таҳти унвони “Дастовардҳои Москва дар тӯли 10 сол (солҳои 1997-2007)” 6-уми апрели соли 2007, намоиши ҳунарҳои мардумӣ бахшида ба вохӯрии IV Вазирони фарҳанги Созмони Ҳамкории Шанхай 24-уми апрели соли 2007, намоиш бахшида ба “Рӯзи Ғалаба” дар ҶБВ 8-уми майи соли 2007, намоиш бахшида ба Рӯзи байналмилалии

[1] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2007. – 9 с.

осорхонаҳо 18-уми майи соли 2007, намоиш таҳти унвони “Ваҳдати миллӣ – пойдевори муваффақиятҳост” ба ифтихори 10-умин солгарди Ваҳдати миллӣ 27-уми июни соли 2007, намоиши асарҳои қаламкашии рассомони муосири Ҷумҳурии Белорус 4-уми июли соли 2007, намоиши асарҳои рассомони тоҷик бахшида ба ҷашни 16-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 7-уми сентябри соли 2007, намоиш таҳти унвони “Фазои ягона”, аз асарҳои муссавирони Тоҷикистон ва Австрия 20-уми сентябри соли 2007, намоиш таҳти унвони “Олами муҳоҷирати меҳнатӣ” 10-уми октябри соли 2007 ва намоиш таҳти унвони “Фирдавсӣ ва Шоҳнома” аз асарҳои расомии изроилӣ Давид Илёбоев 25-уми октябри соли 2007 дар бар мегиранд.

Фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод дар соли 2008 аз ҷониби мутахассисони осорхона дар сатҳи касбӣ ба роҳ монда, дар ин давра 11 адад намоишҳои дохилии осорхонавӣ омода ва пешниҳоди тамошобинон гардидааст. Шумораи намоишҳои соли 2008 нисбат ба ҳамин давраи соли 2007 – 2 адад кам мебошад.[1] Намоишҳои дохилии осорхона вобаста ба ҷашнҳои миллӣ, ки тарғибгари фарҳанги миллӣ мебошанд дар ин давра баргузор гардидаанд. Зеро дар намоиш аз фонди тиллоии осорхона, шумораи зиёди экспонатҳои таърихию фарҳангӣ ба намоиш бароварда шудааст.

Аз намоишҳои баргузоргардида 3 адад ба намоиши асарҳои рассомӣ, 4 адад ба рӯзи ид ва ҷашнҳо, 2 намоиш бахшида ба рӯзҳои фарҳангии давлатҳои хориҷӣ, 1 намоиши таърихӣ ва 1 намоиш бахшида ба рӯзи пиронсолон рост меояд. Намоишҳо таҳти унвони “Аз таърихи таъсисёбии Артиши миллӣ” 22-уми феврали соли 2008, намоиши ҳунарҳои мардумии Ҷумҳурии Қазокистон ва Озарбойҷон дар доираи рӯзҳои фарҳангии ин давлатҳо 17-уми марти соли 2008, намоиш таҳти унвони “Парвози ранг” аз ҷониби рассоми ҷавон Далер Меҳтоҷов 8-уми

[1] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2008. – 14 с.

майи соли 2008, намоиш таҳти унвони “Аз таърихи таъсисёбии осорхона” 16-уми майи соли 2008, намоиш бахшида ба ифтихори 11-умин солгарди рӯзи Ваҳдати миллӣ 27-уми июни соли 2008, намоиш таҳти унвони “Мероси то исломӣ дар фарҳанги Тоҷикистон” 3-уми сентябри соли 2008, намоиши ҷашнӣ таҳти унвони “Ёдгориҳои замони Рӯдакӣ”, бахшида ба ифтихори 1150-солагии Асосгузори адабиёти классикии форсу тоҷик Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ 10-уми сентябри соли 2008, намоиши асарҳои мусаввирони ҷавон – толибилмони литсейи Москвагии рассомӣ дар назди Академияи Рассомии Федератсияи Русия ва рассомони Ҷумҳурии Тоҷикистон 18-уми сентябри соли 2008, намоиши таҳти унвони “Пиронсолон амалро тақозо доранд” 1-уми октябри соли 2008, намоиш бахшида ба рӯзи Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон 5-уми ноябри соли 2008, намоиши бахшида ба 100-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров 20-уми декабри соли 2008 баргузор гардидааст.

Соли 2009 дар осорхона 10 ададро намоишҳои дохилии осорхонавӣ омода ва пешниҳоди тамошобинон гардонида шудааст, ки ба ҳамин давраи соли гузашта 1 адад кам мебошад. Барои муаррифии осори таърихию фарҳангии халқи тоҷик Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи К.Беҳзод маконе мебошад, ки аз он шаҳрвандони дохилӣ ва хориҷӣ боздид ба амал меоваранд. Дар баробари муаррифии экспонатҳои осорхона, ки дар толорҳои экспозитсионии доимоамалкунанадаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод ҷой дода шудааст, ҳамзамон ташкил ва баргузории намоишҳои дохилии осорхонавӣ дар якҷояги бо дигар муассисаҳои фарҳангӣ ва хосатан аз фонди тиллоии Осорхонаи миллии Тоҷикистон омода ва пешниҳоди тамошобинон гардонида шудааст.[1] Намоишҳо дар мавзуҳои мухталиф аз ҷумла, намоиш бахшида ба ифтихори ҷашни 1310-солагии Имоми Аъзам 2-уми марти соли 2009, намоиш бахшида ба ҷашни Наврӯз 20-уми марти

[1] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2009. – 17 с.

соли 2009, намоиш тахти унвони “Накшу нигор дар санъати амалӣ – ороишии тоҷикон” 3-уми апрели соли 2009, намоиш таҳти унвони “Торҳои заррини шоҳии тоҷик” 20-уми апрели соли 2009, намоиш таҳти унвони “Ёдгориҳои дар замони истиқлол ҷамъоваринамудаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон” 18-уми майи соли 2009, намоиш доир ба экспонатҳои тармимшудаи осорхона 17-уми июни соли 2009, намоиш бахшида ба 12-солагии рӯзи Вахдати миллӣ 26-уми июни соли 2009, намоиш таҳти унвони “Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ ва Сомониён дар осори фарҳангӣ” 22-уми июли соли 2009, намоиш таҳти унвони “Баҳори истиқлол” 9-уми сентябри соли 2009 ва намоиш бахшида ба рӯзи “Парчами миллӣ” 23-уми ноябри соли 2009 баргузор гардидааст.

Осорхонаи миллии Тоҷикистон соли 2010 – 14 адад намоишҳои дохилии осорхонавиро рӯйи кор овардааст, ки ба ҳамин давраи соли гузашта 4 адад зиёд мебошад. Дар ин сол намоишҳои дохилии осорхонавӣ ба осори ниёгони ҳунармандони эронӣ, ҷашнҳои миллӣ ва рӯзҳои ид, асарҳои рассомии санъати тасвирӣ, асарҳои хушнависӣ, аккосӣ ва ёдгориҳои таърихии Тоҷикистон бахшида шудааст.[1] Намоишҳои баргузоргардида таҳти чунин инвонҳо рӯйи кор омадааст. Намоиш таҳти унвони “Осори занони ҳунарманди эронӣ” 8-уми марти соли 2010, намоиш таҳти унвони “Зебоиҳои Наврӯзи хуҷастапайк” асарҳои рассом Амир Ҳусайни Пироиш 19-уми марти соли 2010, намоиши асарҳои рассмон Комил Ёдгоров 13-уми апрели соли 2010, намоиш бахшида ба 65-солагии Ҷанги Бузурги Ватанӣ 4-уми майи соли 2010, намоиши хаттот-мусавир Мирзомуҳиддин Ҳақбердиев 28-уми майи соли 2010, намоиш таҳти унвони “Тоҷикистони озоди ман” маҳсули эҷодии суртагир Шӯҳрат Ёров 4-уми июни соли 2010, намоиш бахшида ба 13-солагии рӯзи Ваҳдати миллӣ 25-уми июни соли 2010, намоиш бахшида ба ҷаласаи 37-уми Вазирони Корҳои хориҷии давлатҳои аъзои Созмони Конфронси исломӣ 21-уми июли соли 2010, намоиш таҳти

[1] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2010. – 13 с.

унвони “Симои Рӯдакӣ дар асарҳои  санъати тасвирӣ” 22-уми сентябри соли 2010, намоиш бахшида ба Рӯзи пиронсолон 1-уми октябри соли 2010, намоиш таҳти унвони “Нахустин ҷашнвораи хушнависии Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ (ЭКО)” ҳунармандони Тоҷикистон, Қирғизистон, 10-уми октябри соли 2010, намоиш таҳти унвони “Ёдгориҳои эпиграфӣ ва хушнависии Осорхонаи миллӣ» бахшида ба ёдбуди академик Аҳрор Мухторов ва шогирди ӯ Қозӣ Махдум 5-уми ноябри соли 2010, намоиш бахшида ба “Рӯзи парчами миллӣ” 24-уми ноябри соли 2010 ва намоиш таҳти унвони “Ҳафтранг” 11-уми декабри соли 2010.

Дар маҷмуъ пас аз таҳқиқу баррасӣ аз таърихи фаъолияти даҳсолаи дуюми фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод чунин хулоса намудан лозим аст, ки дар даҳсолаи дуюм, яъне аз соли 2001 то соли 2010 намоишҳои дохилии осорхонавӣ 102 адад омода ва баргузор гардидааст, ки назар ба даҳсолаи якум 2,5 маротиба ё ин ки 59 адад зиёд мебошад. Тавассути намоишҳои баргузоргардида, имконияти ҷалби бештари тамошобинон ба осорхона, баланд бардоштани сатҳи маърифати насли ҷавон, шиносоӣ аз таъриху фарҳанги халқи тоҷик ба ҳисоб меравад. Ин боиси ифтихори Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва рисолати касбии ҳар як корманди ин ниҳоди давлатӣ арзёбӣ мегардад.

Дар баробари фаъолияти фондӣ, бақайдгирӣ, тармиму таҳким инчунин фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии осорхона дар муаррифии шоистаи таъриху фарҳанги халқи тоҷик ҷойгоҳи хоса дород. Ин омил барои ҷалби бештари тамошобинон аз экспозитсияи осорхона, ғани гардонидани буҷети осорхона шароит фароҳам меорад. Дар ин баробар, ҳамасола мутахассисони осорхона тибқи нақшаи кории муассиса намоишҳои осорхонавиро дар мавзуҳои гуногуни таърихию фарҳангӣ, сиёсиву иҷтимоӣ роҳандозӣ карда, ба ин васила гардиши экспонатҳои фонди осорхонаро ба роҳ мемонанд.

Дар ин қисмати кор мо бахши сеюми даҳсолаи намоишҳои дохилии Осорхонаи миллии Тоҷикистонро аз соли 2011 то соли 2021 ҷудо

намудем. Дар ин марҳила вобаста ба истифода додани бинои нави Муассисаи давлатии “Осорхонаи миллии Тоҷикистон”-и назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2013, шароити хубу корӣ фароҳам оварда шуда, фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии осорхона боз ҳам фарохтар гардидааст. Ин давраро марҳилаи рушди Осорхонаи миллии Тоҷикистон номидан мумкин аст. Зеро имконияти баргузории намоишҳои дохилии осорхонавӣ рӯ ба афзоиш оварда, тавассути осори таърихие, ки дар фонди тиллоии осорхона ҳифз ва нигаҳдорӣ карда мешавад, ба толорҳои намоишӣ ва намоиҳои дохилии осорхонавӣ бароварда шудаанд. Зеро аксариёти экспонатҳои осорхона давоми 70 сол дар фонди осорхона танҳо ҳифз ва нигаҳдорӣ карда мешуданд.

Соли 2011 намоиши дохилии осорхонавӣ 5 адад омода ва баргузор гардидааст, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта 5 адад кам мебошад. Дар ин давра намоишҳо доир ба таҷлили ҷашнҳои давлатӣ, намоиши ҳунармандони Ҷумҳурии исломии Эрон, асарҳои рассомӣ, бузургдошти фарзандони фарзонаи миллати тоҷик ва арҷгузорӣ ба таъриху фарҳанги халқи тоҷик омода ва пешниҳоди тамошобинон гардидааст.[1]

Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод дар соли 2012 – 3 адад намоиши дохилии осорхонавиро рӯйи кор овардааст.[2] Ин нишондиҳанда нисбатан камтар аз шумораи намоишҳои дохилии осорхонавӣ дар соли қаблӣ мебошад. Зеро дар ин сол мутахассисони осорхона доир ба омода ва навиштани Нақшаи мавзӯӣ-экспозитсионии осорхона, ҷамъоварии ашёҳои таърихию фарҳангии халқи тоҷик аз дигар осорхонаҳои ҷумҳурӣ ва омода намудани экспозитсияи нави Осорхонаи миллии Тоҷикистон вазифадор шуда буданд. Дар ин замина аз ҷониби роҳбари фарҳангпарвари тоҷикон, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 7-

[1] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2011. – 9 с.
[2] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2012. – 10 с.

уми августи соли 2010 оғози расмии сохтмони бинои нави Осорхонаи миллии Тоҷикистонро хишти аввал гузошта шуда буд.[1]

Дар солҳои 2011-2012 мутахассисони Осорхонаи миллӣ вобаста ба интиқоли экспонатҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод ба бинои нави Муассисаи давлатии "Осорхонаи миллии Тоҷикистон"-и назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор шудаанд. Аз моҳи августи соли 2012 толорҳои экспозитсионии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод, як муддат барои тамошобинон то давраи ба истифода додани бинои нави Осорхонаи миллии Тоҷикистон баста шуд.

Хушбахтона санаи 20 марти соли 2013 бинои нави Осорхонаи миллии Тоҷикистон бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди ифтитоҳ қарор гирифт.[2]

Дар баробари дигар самтҳои фаъолияти илмиву оммавӣ, фондиву бақайдгирии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар соли 2013 фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии осорхона дар сатҳи лозима ба роҳ монда шуда, дар ин самт дар баробари 22 толорҳои барҳавои намоишӣ, 5 адад намоиши дохилии осорхонавӣ рӯйи кор омадааст. Дар ин давра намоишҳо дар толори барҳавои осорхона, яъне толори муваққатии намоишҳо, ки дар ошёнаи сеюми шуъбаи санъати тасвирӣ ва амалии осорхона ҷойгир аст, баргузор гардиданд. Масоҳати толори намоиши 25х25 метр, баландии девораҳои намоиши 2,1 метр, зермони атрофи деворҳои толор 70 см ва дар маҷмуъ 480 $м^2$-ро дар бар мегирад.

Дар толорҳои намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон шароити хуби кори фароҳам оварда шудааст. Ин омил барои сифатан хуб ба роҳ мондани намоишҳои дохилии осорхонавӣ мусоидат намудааст. Дар соли

[1] Фирдавси, А. Саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди осорхонаҳои Тоҷикистон [Матн] / Ф. Фирдавси // Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – №5. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – С. 5.
[2] Раҳмон, Э. Зиёиён – нерӯи раҳнамо ва ҳидоятгари ҷомеа [Манобеи электронӣ]: Суханронӣ дар маросими таҷлили чорумин ҷашни ҷаҳонии Наврӯз ва ифтитоҳи Осорхонаи миллии Тоҷикистон, 20 марти соли 2013. – Низоми дастрасӣ: http://president.tj/node/4130 (санаи муроҷиат: 21.01.22)

2013 намоишҳои дохилии осорхонавӣ дар мавзуҳои гуногун, аз ҷумла чорабинии байналмилалии “Шабе дар Осорхона”, ки ин аввалин иқдоми Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар байни осорхонаҳои қаламрави ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, ҳамзамон доир ба асарҳои рассомӣ ва аккосӣ бахшида шудааст.[1]

Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар соли 2014 – 9 адад намоишҳои дохилии осорхонавиро рӯйи кор овардааст. Тавассути намоишҳои баргузоргардида, тамошобини дохилию хориҷии осорхона аз таърих, фарҳанг, санъат ва ҳунарҳои мардумии тоҷикон аз наздик шиносои пайдо намудааст. Ин омил барои рушди соҳаи осорхона, фарҳанг, сайёҳи ва ҷалби бештари қишрҳои гуногуни ҷомеа ба осорхона мебошад. Дар ин давра намоишҳои баргузоргардида, фарогири мавзуҳои асарҳои рассомӣ, коллексия ва ашёи таърихии осорхона, туҳфаи давлатҳои хориҷи кишвар ба осорхона, ҷашнҳои миллӣ ва чорабиниҳои гуногуни осорхонавӣ рост меояд.[2]

Соли 2015 Осорхонаи миллии Тоҷикистон фаъолияти кориашро дар асоси нақшаи фаъолияти кории соли 2015 ба роҳ монда дар ин давра баргузории 9 адад намоишҳои дохилии осорхонавиро рӯйи кор овардааст.

Намоишҳои баргузор гардида, мафҳум ва мавзуҳои гуногуни таърихию фарҳангӣ, ҷашнвораҳои милливу давлатӣ ва дигар мавзуҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангию маънавии ҷомеаро инъикос намудааст.[3]

Дар соли 2016 шумораи намоишҳо ба 15 адад мерасад, ки ин нишондиҳанда ба ҳамин давраи соли гузашта 6 маротиба зиёд мебошад. Намоишҳои баргузоргардида, таҷлил аз ҷашнҳои давлатӣ, рӯзҳои ид, асарҳои рассомон, фарҳангу суннати қадимаи тоҷикон бахшида шудааст.[4]

---

[1] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2013. – 12 с.
[2] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2014. – 15 с.
[3] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. – 14 с.
[4] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – 13 с.

Дар соли 2017 Осорхонаи миллии Тоҷикистон 11 адад намоишҳои дохилии осорхонавиро омода ва баргузор намудааст, ки ин шумора ба ҳамин давраи соли гузашта 5 адад кам мебошад. Намоишҳои баргузоргардида, фарогири мавзуҳои мухталифи фарҳангиву таърихӣ, сиёсиву иҷтимоиро дар бар мегиранд.[1]

Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар соли 2018 дар баробари ба роҳ мондани чорабиниҳои фарҳангиву фароғатӣ, конфронсҳои илмӣ, инчунин 11 адад намоишҳои дохилии осорхонавиро омода ва баргузор намудааст, ки мазмун ва моҳияти намоишҳо инъикоскунандаи таъриху фарҳанги халқи тоҷик мебошад.[2]

Соли 2019 дар толорҳои намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон 13 адад намоишҳои дохилии осорхонавӣ омода ва баргузор гардидааст, ки шумораи зиёди тамошобинони дохиливу хориҷӣ аз он дидан намудаанд. Намоишҳо дар мавзуҳои гуногуни таърихиву фарҳангӣ, ҷашнҳои милливу давлатӣ ва дигар мавзуҳои гуногуни осорхонавӣ бахшида шудааст.[3]

Соли 2020 Осорхонаи миллии Тоҷикистон фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии худро тибқи нақшаи кории солонаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба роҳ монда, дар ин давра омода ва баргузории 7 адад намоишҳои дохилии осорхонавиро баргузор намудааст. Дар ин сол, ки беморӣи сироятии Covid-19 бо суръат паҳн гардидааст, шумораи намоишҳои осорхонавӣ низ як андоза кам гардидааст.[4]

Аз солҳои ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Осорхонаи миллии Тоҷикистон бори нахуст соли 2021 шумораи зиёди намоишҳои дохилии осорхонавиро ба 28 адад расонидааст, ки ин дар таърихи баргузории намоишҳои дохилии осорхона бори нахуст мебошад. Бинои наву замонай, шароити мусоид, толорҳои барҳавои намоишӣ, ашёҳои

---

[1] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – 13 с.
[2] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – 14 с.
[3] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – 15 с.
[4] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – 11 с.

экспозитсионӣ, ширмаву зермонҳои махсуси осорхонавӣ, ки тавассути он чунин намоишҳои дохилии осорхонавӣ дар сатҳи баланди касбӣ омода ва баргузор гардида, ба ин восита осорхона, таъриху фарҳанги миллати тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ намудааст.[1]

Дар умум чунин хулоса намудан лозим аст, ки дар даҳаи сеюми даҳсолаи истиқлолияти давлатӣ, ба истифода додани бинои нави Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва шароити мусоиди корӣ, ҷалби мутахассисони касбӣ 130 адад намоишҳои гуногуни дохилии осорхонаро омода ва баргузор намудаанд. Дар маҷмуъ шумораи умумии намоишҳои дохилии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар 30-соли истиқлолияти давлатӣ ба 261 адад баробар аст.

Дар идомаи ин қисмати кор мо танҳо аз омода ва баргузории 5 намоишҳои дохилии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба таври муфассал шарҳу тавҳеҳ медиҳем. Зеро имконияти ҳар як намоишро рӯйи кор овардан дар ин кор зиёд арёбӣ мегардад.

1. Бахшида ба ҷашни 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 50-солагии эҷодиёти Рассоми Халқии Тоҷикистон Сабзалӣ Муродзодаи Шариф, санаи 3-уми сентябри соли 2016 дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон намоиш таҳти унвони «Рӯзи сафед» ифтитоҳ гардад. Дар намоиш зиёда аз 20 асари тозаэҷоди рассом Сабзалӣ Муродзодаи Шариф пешниҳоди тамошобинон карда шуд. Ташкил ва баргузории намоиш аз ҷониби мутахассисони варзидаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон бо дизайни ҷолиб омода карда шудааст. Толори барҳавои Осорхонаи миллии Тоҷикистон шароит фароҳам овардааст, ки мусавварaҳои калонҳаҷми рассом, ки аз 3-4 қисм иборат аст, дар як гӯша ҷой дода, ба ҳар як асар зернавишт омода ва насб карда шуданд. Дар зернавишт номи муаллиф, соли таваллуди муаллиф, номи асар ва соли эҷоди асар нишон дода шудааст. Мусавварaҳои офаридашудаи рассом бо номҳои “Боғи анори Бобо”. Соли 1977.,

[1] Бойгонии ҷории Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – 18 с.

“Ғолибони Наврӯз”. Соли 1979., “Оинаи А. Сино”. Соли 1980., “Андешаи устод Мирзораҳмат Олимов”. Солҳои 1989-1991., “Мубориза”. Сиёҳ ва сафед. (асари панҷгона). Соли 2000., “Пешво”. Аз силсилаи Шоҳномаи А. Фирдавсӣ «Коваи оҳангар» аз фонди тиллоии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба намоиш бароварда шудааст.

Сабзалӣ Муродзодаи Шариф бо унвонҳои “Рассоми Халқии Тоҷикистон”, “Арбоби хизматнишондодаи санъати Тоҷикистон”, ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ сарфароз гардонида шудааст. Намоиши баргузоргардида фарогири мавзуҳои ватандӯстӣ, меҳанпарастӣ ва худшиносии миллиро фарогир мебошад. Тамошобини ин намоиш аз дидани чунин асарҳои таърихию фарҳангӣ ва санъати баланди рассомӣ ба худ як фикру зеҳни худ фароғати маънавию фарҳангӣ мебардорад.

2. Бахшида ба таҷлили «Рӯзи модар», санаи 3-уми марти соли 2017 дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон намоиши  мусаввараҳо таҳти унвони «Симои зан-модар дар офаридаҳои рассомони Тоҷикистон» ифтитоҳ гардид. Дар намоиш 32 адад асарҳои рассомони Тоҷикистон аз фонди тиллоии осорхона ба намоиш бароварда шуд. Офаридаҳои мусаввирони Тоҷикистон Умаров А.П. «Модар», Наимов Б. «Духтари куҳистон», Раҳимов А. «Дӯзанда», Ҳайдаров А.К. «Симои арӯс», «Симои Г. Сафаралиева», Ёдгоров К. «Гулҳои Зарафшон», Белитский А.П. «София Ниёзова», Ҳомидова Н. «Дугонаҳо», Бесперстов А.Т. «Духтари Кӯлобӣ», Шипулин М.Н. «Симои Хайрӣ Назарова», Бесперстов А.Т. «Донишҷуён», Боборикин В.М. «Симои духтар» ва дигар наққошиҳо нақши занону модарони тоҷикро дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти рӯзмарра инъикос менамояд. Намоиш дар толори намоишии муваққатии шуъбаи санъати тасвирӣ ва амалии осорхона дар фазои идона омода ва баргузор гардид.

3. Бахшида ба ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ ҳар сол дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон намоиши анъанавии “Аз Наврӯз то

Наврӯз” баргузор мегардад. Дар намоиш ёдгориҳо ва асарҳое, ки дар давоми як сол ба фонди осорхона ворид шудаанд ба намоиш гузошта мешаванд. Дар таърихи 18-уми марти соли 2017 дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон намоиши анъанавии “Аз Наврӯз то Наврӯз” баргузор гардид. Аз Наврӯзи соли 2016 то Наврӯзи соли 2017 ба фонди Осорхонаи миллии Тоҷикистон 1864 адад намунаи мероси гуногуни таърихию фарҳангӣ ворид гардидааст, ки аз ин миқдор 1329 ададӣ онҳо тавассути комиссияи алоҳида харидорӣ шуда, 375 адад экспонатҳо ба осорхона ҳадя намудаанд. Инчунин 160 адад дар рафти ҳафриётҳои бостоншиносӣ аз ҷониби мутахассисони осорхона кашф гаштаанд.

Ҳамзамон дар ин сол аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фонди Осорхона 8 адад сози миллии мусиқӣ, як гулдӯзии калон, як зарфи минокоришуда ва мусавварaи “Дар соҳили баҳр”-ро ба фонди тиллоии осорхона эҳдо намуданд. Тавассути фаъолияти кормандон худи Осорхона дар давоми соли 2017 як дафинаи бузурги сиккаҳои нуқрагии асрҳои IX-X, сиккаҳои тиллои асрҳои XV-XVI, созҳои мусиқӣ, китоби дастнависи “Қуръон”, “Девон”-и Ҳофизи Шерозӣ, китоби “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдураҳмони Ҷомӣ, китоби дастнависи “Маъориҷу-н-мубавват фи мадоризи-л-футувват”, китоби “Ақоиди насафӣ”, мусавварҳои Рассоми Халқии Тоҷикистон Сабзалӣ Муродзодаи Шариф “Бо иқдоми хуршед”, “Сукути лолазорҳо”, “Паррончакҳои Симурғ”, “Гунаҳкори бегуноҳ” (аз силсилаи қаҳрамонҳои “Шоҳнома”-и А.Фирдавсӣ), асари сегонаи Карим Наҷмиддинов “Эҳё” ва дигар осорро ҷамъоварӣ намудааст.[1]

Осори ҷамъоваришуда барои такмили толорҳои экспозитсионӣ, фонди осорхона ва пешкаши ҳамагон намудани намунаҳои неки офаридаи ниёгон ва ҳунармандони муосири миллӣ мусоидат менамояд.

[1] «Аз Наврӯз то Наврӯз» [Манбаи электронӣ]: – Низоми дастрасӣ: https://khovar.tj/2017/03/ (санаи муроҷиат: 02.06.22)

4. Дар таърихи 16-уми августи соли 2017 дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон бахшида ба Даҳсолаи нави байналмилалии амал «Об барои рушди устувор (солҳои 2018-2028)» намоиш таҳти унвони «Тасвири об дар асарҳои рассомони Тоҷикистон» ифтитоҳ гардид. Дар намоиш аз хазинаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба миқдори 30 адад асарҳо аз эҷодиёти рассомони машҳури Ҷумҳурии Тоҷикистон: Хушвахтов Х., Ҳабибулоев Ю., Боборикин В., Довудов З., Волинский И., Раҳимов Б., Сангов Ю., Ҳайдаров А., Талдигин Ю., Богдасаров Р., Мамадкулов Я., Одинаев Б. пешниҳоди тамошобинон гардонида шуд.

Дар офаридаҳои мусаввирони Тоҷикистон, ки дар солҳои гуногун эҷод шудаанд, манзараҳои зебои табиати диёр: дарёҳо, кӯлҳо, чашмасорон наққошӣ шудаанд, ки сарзамини моро ҳамчун диёри сарчашмаҳои оби муссафо муаррифӣ менамоянд. Ҳамзамон дар намоиш филми «Тоҷикистон – кишвари обҳои равонбахш» пешниҳоди тамошобинон гардидааст.

Боиси ёддошт мебошад, ки 22-уми декабри соли 2016 Маҷмаи умумии Созмони Миллали Муттаҳид пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар бораи эъломи Даҳсолаи нави байналмилалии амал «Об барои рушди устувор (барои солҳои 2018-2028)» бо ҷонибдории 177 давлати аъзои СММ қабул намуд.[1]

5. Бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарият ва кормандони Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо кормандони Мамнуъгоҳи таърихию фарҳангии "Ҳулбук" ва Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон дар толорҳои экспозитсионии Осорхонаи миллии Тоҷикистон намоиш дар мавзуи

[1] Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» оғоз шуд [Манбаи электронӣ]: – Низоми дастрасӣ: http://standard.tj/documents/files/file_147 (санаи муроҷиат: 02.06.22)

“Ҳулбук – нишонае аз таърихи тамаддуни миллати тоҷик” омода ва баргузор намуданд.[1]

Дар намоиш зиёда аз 220 адад экспонатҳо барои тамошои бинандагон гирд оварда шуд. Беҳтарин намунаҳои маҳсулоти ҳунармандони Ҳулбук ба монанди кулолгарӣ, меъморӣ, шишасозӣ, заргарӣ, гаҷкорӣ, рехтагарӣ ва дигар намудҳои санъати нафис ва амалӣ пешкаши тамошобинон гардонда шуданд. Ҳамаи ин ёдгориҳо ҳангоми ковишҳои бостоншиносӣ аз ҳудуди Қасри Ҳулбук ёфт шудаанд ва омӯзиши ҳамаҷонибаи онҳо таърихи моро бо маълумоти наву муҳим ғанӣ мегардонад. Ёдгориҳои таърихиву фарҳангии халқи тоҷик баёнгари ҳаёти моддӣ ва маънавии ниёгони мо буда, аз таърихи чандҳазорсолаи ин миллати бузург бозгӯӣ мекунанд.

Шаҳри Ҳулбук яке аз марказҳои муҳимми сиёсӣ, фарҳангӣ ва тиҷоратии замони Сомониён буда, дар таърихи миллати тоҷик мақоми хос дорад. Дар ин бора меъмориҳои бошукуҳи он ва бозёфтҳои нодири бостонӣ баръало шаҳодат медиҳанд. Аз ин ҷост, ки Ҳукумати Тоҷикистон ва махсусан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати омӯзиш, тармим ва азнавсозии ин ёдгории беназир ҳамеша ғамхорӣ зоҳир менамоянд ва дар ин ҷода корҳои зиёде ба анҷом расонда шудааст. Мамнуъгоҳи таърихию фарҳангии “Ҳулбук” дар солҳои Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, ҳамчун объекти таърихӣ-фарҳангии дараҷаи ҷаҳонӣ шинохта шуда, бо чандин ҷоизаву дипломҳои ҷумҳуриявию ҷаҳонӣ сарфароз гардонда шудааст.

Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки намоишҳое, ки дар толорҳои барҳавои экспозитсионии Осорхонаи миллии Тоҷикистон баргузор гардидаанд, муаррифгари таърихи пурғановати миллати тоҷик ва расму оин, дину фарҳанги аҷдодони моро ба тамошобинон рӯнамоӣ менамояд.

[1] Намоиш ва конфронси илмӣ таҳти унвони «Ҳулбук – нишонае аз таърихи тамаддуни миллати тоҷик» дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]: – Низоми дастрасӣ: https://www.facebook.com/search/ (санаи мурочиат: 02.06.22)

Аз ин ҷост, ки ҳар як бинандаи осорхона пас аз тамошои экспозитсия ва намоишҳои осорхонавӣ дар китоби қайди тамошобин таасуротҳои неки худро дарҷ менамояд.

Масалан, тамошобини Осорхонаи миллии Тоҷикистон Маҳмадов Абдуназар пас аз боздид аз экспозитсияи осорхона, таассуроти хешро дар китоби қайди таассуроти тамошобини Осорхона миллии Тоҷикистон чунин қайд намудааст: “Ман Маҳмадов Абдуназар аз ноҳияи Рашт. Вақте, ки дохили Осорхонаи миллии Тоҷикистон шудам, пеш аз ҳама шукри истиқлолият намудам. Ман дар Осиёи Марказӣ ва Аврупо бисёр осорхонаҳоро дида, тамошо кардаам. Гумон кардам, ки осорхонаи мо аз ҳамаи осорхонаҳо бартарӣ дорад. Ба бинокорон, лоиҳакашон ва ташкилкунандагони ин осорхона ҳазорҳо таҳсину офарин гуфтам. Ман боварии комил дорам, ки баъди як панҷсола овезаҳои боз ҳам олимартаба толорҳои осорхонаро зебу зиннат медиҳанд. Минатдории худамро ба Ҷаноби Олӣ сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён мекунам”. (28.03.2013).[1]

Инчунин Назруллои Олим чунин қайд намудааст. “Ман Назруллои Олим аз ноҳияи Айнӣ рӯзи 03.04.2013 ба ин Осорхонаи миллӣ омада, хело бо диққат тамошо кардам. Хелоҳам хурсанд шудам. Аввал ман ба Ҷаноби Олӣ барои сохтани ин бинои зебо қоил шудам. Дуюм ба ҷамъоварандагони ин чизҳои зебо раҳмат. Кормандони осорхона бо забони бисёр ширин, ахлоқи хубу нек пешвоз мегиранд, хуб ва арзон ба мизоҷон хизмат мерасонанд ва гусел мекунанд. Ҳар як шахсро мепурсанд, ки чи камбудӣ шуд? Ба ҳамаи шумоён коргарони инҷо комёбӣ, тансиҳатӣ, шодию фирӯзӣ ва барори кор хоҳонам. Ҳамеша сарбаланд бошед. Гуфтаанд, ки “Май бихӯр, масҳаб бисӯз, оташ андар Каъба зан, лек мардумозор набош”. Раҳмат ба ин коргарони осорхона,

[1] Китоби қайди таассуроти тамошобини Осорхона миллии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2013. – С. 13.

ки ҳақиқатан мардумозор нестанд. Бо рухи хушу забони хуш қабул мекунанду гусел мекунанд”. (3.04.2013).[1]

Хулоса пас аз таҳқиқи зербоби **«Муҳиммияти ташкили намоишҳои осорхонавӣ, намудҳои он ва таърихи баргузории намоишҳои дохилии Осорхонаи миллии Тоҷикистон»** маълум гардид, ки аксарияти намоишҳое, ки дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод баргузор гардидаанд, вобаста ба санъати тасвирӣ ва амалӣ бахшида шудаанд. Албатта ин кор дар навбати худ як амри табиист, зеро толорҳои экспозитсионии осорхонаи мазкур ҳаҷман хело хурд буда, имконияти ҷой додани витрина ва зермонҳои калонҳаҷм дар онҳо набуд. Аз ин лиҳоз ташкил намудани дигар навъи намоишҳо дар осорхона маҳдудияти маконӣ пайдо мекард. Дар баробари ин вобаста ба таҷлили ҷашну маросимҳои миллӣ аз фонди захиравии осорхона дар ҳамкорӣ бо дигар муассисаҳои фарҳангӣ намоишҳои акс ва ё мусаввараҳои офаридаи рассомон баргузор карда мешуданд. Ҳамзамон бо истифода аз мусавварахо ва дигар ашёву коллексияҳои фонди осорхона намоишҳои сайёри сатҳи ҷумҳуриявӣ ташкил карда мешуд. Дар баробари ин намоишҳои дар Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод баргузор гардида, аз ҳисоби ҷалби аудиторияи тамошобин хеле маҳдудиятҳои зиёде дошт. Хосатан оиди танг будани толорҳои намоишӣ, ҷойи ифтитоҳи намоиш ва дигар омилҳое, ки ба ин мансубанд.

Хушбахтона пас аз ифтитоҳи бинои нави Осорхонаи миллии Тоҷикистон (20 марти соли 2013) фаъолияти экспозитсионӣ ва намоишиии Осорхона ҷоннок гардида, мустақиман намоишҳои гуногуни сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баргузор мегардад. Ҳамзамон Осорхонаи миллии Тоҷикистон бо истифода аз ашё ва коллексияҳои фондии худ дар намоишҳои сайёри байналмилалӣ иштирок намуда,

[1] Китоби қайди таассуроти тамошобини Осорхона миллии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2013. – С. 26.

таърихи фарҳанг, расму оин ва анъанаҳои миллии халқи тоҷикро муаррифӣ намудааст.

Мавриди зикр аст, ки дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон барои дар сатҳи зарурӣ ташкил намудани намоишҳои гуногуни осорхонавӣ ҳама шароитҳои мусоид фароҳам оварда шудааст. Толорҳои экспозитсионии осорхона бо тамоми таҷҳизоти техникии замонавӣ (системаҳои гармидиҳӣ ва сардидиҳӣ дар тамоми сол, витринаҳои муосири замонавӣ, ширмаҳои идорашаванда ва ҳаракаткунанда, зермонҳо вобаста ба намуд ва сохти экспонатҳо) таъмин гардидааст.

Ҳамзамон Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар баробари ташкил ва баргузориии намоишҳои гуногуни осорхонавӣ, инчунин имконият дорад, ки ба дигар муассисаҳои давлатӣ бо истифода аз толорҳои худ ҳамагуна чорабиниҳоро баргузор намоянд.

## 2.3. Аҳамияти баргузории намоишҳои сайёр, байналмилалӣ ва маҷозии (вертуалӣ) Осорхонаи миллии Тоҷикистон

Дар баробари ба роҳ мондани ташкили намоишҳои дохилии осорхона, инчунин мутахассисони осорхона барои муаррифии таъриху фарҳанги миллати тоҷик тавассути намоишҳои сайёр берун аз осорхона саҳмгузор мебошанд.

Аввалин намоиши сайёри осорхонавӣ дар соли аввали соҳибистиқлолии кишвар соли 1991 дар Осорхонаи таъриху кишваршиносии ноҳияи Ҷиргатоли (Лахш) ноҳияи тобеи марказ рост меояд. Дар ин намоиш аз фонди тиллоии осорхона намунаи санъати ороишии мардуми тоҷик, кундал ба намоиш гузошта шудааст, ки теъдоди зиёди тамошобинон аз он дидан намудаанд.

Дар соли 1992 намоиши сайёри осорхонавӣ 2 маротиба баргузор гардидаст, ки яке дар китобхонаи ба номи Абулқосим Фирдавсии шаҳри Душанбе ва дуюмин дар хонаи афисерони (афсарон) шаҳри Душанбе мебошад. Дар ин намоиш аз фонди осорхона намунаи санъати ороишии кулолгарӣ ва кандакорӣ ба маърази тамошо гузошта шудааст. Ба ин васила гардиши экспонатҳои фонди осорхона ба роҳ монда шуда, муаррифии таъриху фарҳанг ва анъанаҳои миллии мардуми тоҷик ба тамошобинон пешниҳод гардидааст.

Дар соли 1993 4 маротиба намоиши сайёри осорхонавӣ баргузор гардидааст, ки ба ҳамин давраи соли гузашта 2 адад зиёд мебошад. Дар намоиш экспонатҳо аз фонди тиллоии осорхона, аз ҷумла санъати ороишӣ ва мусаввараҳо ба намоиш гузошта шудаанд. Тавассути мусавваpаҳои инъикоси табиати обҳои мусаффои Тоҷикистон ва ба ин васила муаррифии табиати нотакрори Тоҷикистон тавассути ба роҳ мондани намоишҳои сайёр ба тамошобинони берун аз осорхона муаррифӣ карда шудаанд.

Дар солҳои 1994-1995 мутахассисони осорхона баргузории намоиши сайёри осорхонаро роҳандозӣ накардаанд. Зеро дар ин солҳо

вазъи сиёсии ҷумҳурӣ ноустувор буда, имконияти интиқоли экспонатҳо ба дигар муассисаҳо мушкилоти худро дошт.

Дар соли 1996 бо ҷалби мутахассисони осорхона 2 намоиши сайёр омода ва баргузор гардидааст. Намоишҳои сайёр дар Колеҷи рассомӣ ва боғи фарҳангӣ фароғатии шаҳри Душанбе баргузор гардидааст. Дар ин намоиш тасвири асарҳои рассомон, ки обҳои мусаффои Тоҷикистонро инъикос намудаанд, пешниҳоди тамошобинон гардидааст.

Дар солҳои 1997-1999 ташкил ва баргузории намоишҳои сайёри осорхона баргузор нагардидааст. Зеро дар ин солҳо осорхона самти фаъолияти худро барои омода ва баргузории намоишҳои дохилии осорхонавӣ равона намудааст.

Дар соли 2000 тавассути экспонатҳои фонди осорхона 3 маротиба намоиши сайёри осорхонавӣ ташкил ва баргузор гардидааст. Дар намоиш аз фонди осорхона экспонатҳо марбут ба ҶБВ дар Колеҷи рассомӣ баргузор гардидааст. Ҳамзамон дар боғи фарҳангу фароғатии шаҳри Душанбе, бахшида ба ҷашни Наврӯз намоиши сайёри вобаста ба ҳунарҳои мардумӣ омода ва пешниҳоди тамошобинон гардидааст.

Дар умум метавон гуфт, ки тавассути намоишҳои сайёри осорхонавӣ мутахассисони осорхона тавонистаанд, ки берун аз осорхона осори ниёгони миллати тоҷикро ба тамошобинон муаррифӣ намоянд. Дар даҳаи аввали истиқлолияти давлатӣ, яъне солҳои 1991-2000 намоиши сайёри осорхонавӣ 12 маротиба баргузор гардидааст.[1] Намоишҳои баргузоргардида аслан фарогири санъати ороишӣ-бадеии мардуми тоҷик, аз ҷумла кулолггарӣ, кандакорӣ, кундал ва асарҳои офаридаи рассомони тоҷик бахшида шудааст.

Соли 2001 шумораи намоишҳои сайёри осорхонавӣ ба 1 адад баробар аст, ки ба ҳамин давраи соли гузашта 2 маротиба кам мебошад. Дар соли 2002 намоиши сайёри осорхонавӣ баргузор нагардидааст.

---

[1] Ҷалолов, Б. Феҳристи намоишҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2021 [Матн] / Б. Ҷалолов. – Душанбе, 2023. – С. 5-15.

Соли 2003 намоиши сайёр таҳти унвони “Ҳимоя Ватан вазифаи муқаддаси ҳомиёни ватан”, дар Кохи Борбад ва бахшида ба 90-солагии Арбоби сиёсӣ ва давлатӣ Ҷаббор Расулов дар иттифоқи рассомони шаҳри Душанбе намоиш омода ва баргузор гардидааст.

Дар солҳои 2004-2005 намоиши сайёри осорхонавӣ баргузор нагардидааст.

Соли 2006 дар Кохи Ваҳдат бахшида ба Рӯзи занон намоиш аз фонди осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод баргузор гардидааст, ки дар он намунаи ҳунари мардумӣ аз қабилӣ ҷуроббофӣ, сабатбофӣ, дӯзандагӣ ва ғайра ба намоиш гузошта шудааст.

Дар соли 2007 мутахассисони осорхона 4 маротиба намоиши сайёр дар осорхонаҳои шаҳри Кӯлоб, Данғара ва 2 маротиба дар Мамнуъгоҳи таърихию фарҳангии Ҳулбук намоиш баргузор намудаанд, ки ба ҳамин давраи соли гузашта 3 маротиба зиёд мебошад.

Соли 2008 аз ҷониби мутахассисони осорхона намоиши сайёри осорхонавӣ 7 маротиба омода ва баргузор гардидааст. Намоишҳо бахшида ба ҷашни Наврӯз яке дар Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон ва дуюмин дар киностудияи “Тоҷикфилм”, намоиши асарҳои санъати тасвирӣ таҳти унвони “Симои В.И. Ленин дар асарҳои санъати тасвирӣ” дар маркази фарҳангии “Бохтар”, намоиш таҳти унвони “Ҳаёти солим” дар ноҳияи Ховалинг ва ноҳияи Восеъ, намоиш ба ифтихори 1150-солагии Асосгузори адабиёти классики форсу тоҷик Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ дар филармонияи давлатии ба номи Акашариф Ҷураев ва намоиш таҳти унвони “Марворид” дар шаҳри Ваҳдат омода ва баргузор гардидаанд.

Дар соли 2009 намоишҳои сайёри осорхона ба 4 адад баробар аст, ки ба ҳамин давраи соли гузашта 3 адад кам мебошад. Намоишҳои баргузоргардида бахшида ба таҷлили ҷашни Имоми Аъзам таҳти унвони “Осори хаттии айёми Имоми Аъзам” дар Кохи Борбар, намоиш бахшида ба ҷашни Наврӯз дар боғи фарҳангии роҳи оҳани шаҳри Душанбе ва

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон инчунин намоиш аз асарҳои рассомон таҳти унвони “Симои зан дар асарҳои рассомон” дар Кохи Ваҳдат баргузор гардидааст. Намоишҳои баргузоргардида, воқеъан инъикоскунандаи таърих, фарҳанг, урфу одат, анъаназои мардумӣ ва расму оинҳои миллати тоҷикро шаҳодат медиҳад. Тавассути чунин намоишҳо дар аввал гардиши фондии экспонатҳо осорхона ба роҳ монда шуда, муаррифии шоистаи таъриху фарҳанги миллати куҳанбунёди тоҷик, ки рисолати касбии осорхона мебошад ба ҷо оварда мешавад.

Дар соли 2010 аз ҷониби мутахассисони Осорхонаи миллии Тоҷикистон зиёда аз 4 маротиба намоишҳои сайёри осорхонавӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ баргузор гардидааст, ки ба ҳамин давраи соли гузашта баробар арзёбӣ мегардад. Намоиш аввал бахшида ба осори санати ороишӣ дар нигористони ба номи Валамад Одинаеви шаҳри Душанбе баргузор гардидааст, ки дар он шумораи зиёди ҳаводорони санъати ороишӣ амалии мардуми тоҷик ҷамъ омадаанд. Инчунин намоиш дар ноҳияи Данғара, шаҳри Кӯлоб ва дар Мамнуъгоҳи таърихию фарҳангии Ҳулбук доир ба осори санъати тасвирӣ омода ва баргузор гардидааст.

Дар маҷмуъ намоишҳои сайёри Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод дар даҳаи дуюми истиқлолияти давлатӣ, яъне аз солҳои 2001-2010 ба 26 адад баробар мебошад, ба давраи даҳаи якуми истиқлолияти давлатӣ 16 адад зиёд мебошад.[1] Мутахассисони осорхона кӯшиш намудаанд, ки рисолати касбии худро тавассути омода ва баргузории намоишҳои сайёри осорхонавӣ ба роҳ монда, қишрҳои гуногуни ҷомеаро бо осори қадима шинос намоянд ва ба зеҳни ҳар як тамошобини ин осори таърихӣ ҳисси баланди ватандӯстиву худшиносии миллиро бедор намоянд.

[1] Ҷалолов, Б. Фехристи намоишҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2021 [Матн] / Б. Ҷалолов. – Душанбе, 2023. – С. 15-46.

Дар соли 2011 мутахассисони осорхона фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии худро ба намоишҳои дохилӣ равона карда, дар ин давра намоиши сайёри осорхонавӣ баргузор нагардидааст.

Дар соли 2012 аз ҷониби мутахассисони Осорхонаи миллии Тоҷикистон як маротиба намоиши сайёри осорхонавӣ баргузор гардидааст. Ин бошад бахшида ба ҷашни Наврӯзи байналмилаӣ бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сарони давлатҳои Ҷумҳурии исломии Эрон, Ҷумҳурии исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии исломии Покистон дар Кохи Сомонӣ шаҳри Душанбе буд. Дар намоиш санати ороишии мардуми тоҷик аз қабили кулолгарӣ, созҳои мусиқӣ, ҳунармандӣ ва гулдӯзӣ ба намоиш бароварда шуданд.

Солҳои 2013-2016 бинобар ба истифода додани бинои нави Осорхонаи миллии Тоҷикистон мутахассисони осорхона барои омода намудани экспозитсияи доимоамалкунанда ва ба намоишҳои дохилии осорхонавӣ рӯ оварда, аз ин ҷост, ки намоишҳои сайёри осорхонавӣ ба роҳ монда нашудааст.

Соли 2017 Осорхонаи миллии Тоҷикистон тавонистааст, ки дар баробари намоишҳои дохилии худ берун аз осорхона 2 маротиба намоиши сайёрро омода ва баргузор намояд. Намоиши аввал бахшида ба ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ дар Осорхонаи таърихию кишваршиносии шаҳри Турсунзода ва намоиши дигаре дар Осорхонаи таърихии вилояти Суғд таҳти унвони “Тасвири об дар асарҳои рассомони Тоҷикистон” бахшида шудааст. Дар ин намоишҳои сайёр аз фонди тиллоии Осорхонаи миллии Тоҷикистон зиёда аз 32 адад мусавварахои гуногун ҳаҷм ба намоиш гузошта шуданд.

Соли 2018 намоишҳои сайёри осорхонавӣ баргузор нагардидааст. Дар соли 2019 аз ҷониби мутахассисони осорхона 3 адад намошҳои сайёри осорхонавӣ омода ва баргузор гардидааст. Намоишҳои баргузоргардида ба ифтихори қабули сарони давлатҳои аъзои созмони

ҳамкориҳои Шанхай, дар Кохи Наврӯз баргузор гардидааст, дар он беҳтарин экспонатҳои осорхона ба маърази тамошо гузошта шуд.

Инчунин намоиши сайёр таҳти унвони “Тасвири об дар асарҳои рассомони Тоҷикистон” дар Осорхонаи таъриху кишваршиносии вилояти Хатлон ба номи Авасто бо истифода аз 35 адад мусаввараҳои гуногун ҳаҷм омода ва баргузор гардидааст. Намоиши дагар дар Кохи Борбад доир ба ҷамъбасти Конференсияи XXIX-и Ҳизби халқии Демократии Тоҷикистон баргузор гардидааст.

Дар соли 2020 бинобар сабабҳои маълум, яъне паҳншавии бемории сироятии COVID-19 Осорхонаи миллии Тоҷикистон намоиши сайёри осорхонавиро роҳандозӣ накардааст.

Дар соли 2021 бошад аз ҷониби мутахассисони Осорхонаи миллӣ 3 маротиба намоиши сайёри осорхонавӣ омода ва баргузор гардидааст. Намоишҳои баргузоргардида дар ин давра ба сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хосатан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба Даҳсолаи нави байналмилалии амал «Об барои рушди устувор (солҳои 2018-2028)» баргузор гардид. Дар ин замина мутахассисони осорхона тавонистаанд, ки намоишҳои сайёри осорхонавиро бо истифода аз асарҳои рассомони тоҷик, ки тасвири об дар онҳо инъикос гардидааст, дар Осорхонаи таърихию кишваршиносии 2700-солагии Кӯлоб баргузор намоянд. Намоиши дигари сайёри осорхона дар ин давра бахшида ба 110-солагии Қаҳрамони Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзо Турсунзода мебошад. Дар ин намоиш аз фонди осорхона асарҳои рассомие, ки дар он чеҳраи Мирзо Турсунзода инъикос гардидааст, дар Осорхонаи таърихи кишваршиносии шаҳри Турсунзода ба маърази тамошо гузошта шуданд. Намоиши сайёри байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Фаронса дар Осорхонаи санъати Гимеи шаҳри Париж ва дар доираи рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар бинои ЮНЕСКО дар шаҳри Париж омода ва баргузор гардид. Дар намоиш беҳтарин экспонатҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва Осорхонаи

милии бостонии Тоҷикистон ба намоиш гузошта шуданд. Аз ҷумла бозёфтҳои аз давраи асри биринҷ то давраи Сомониён ва инчунин дар намоише, ки доир ба ҳунари мардумии халқи тоҷик дар қароргоҳи ЮНЕСКО баргузор гардид дар он санъати ороишӣ, асобобҳои мусиқӣ, кандакорӣ, гулдӯзии тоҷикон ва ғайра муаррифӣ карда шуд.

Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки дар даҳсолаи сеюми истиқлолияти давлатӣ, ки солҳои 2011-2021-ро дар бар мегирад, мутахассисони Осорхонаи миллии Тоҷикистон тавонистаанд, ки 10 маротиба намоиши сайёри осорхонавиро омода ва пешниҳоди тамошобинон намоянд. Ин нишондиҳанда ба ҳамин давраи даҳсолаи дуюм 6 адад кам ва даҳсолаи якум 4 адад зиёд мебошад.

Хуллоса намоишҳои сайёри осорхонавӣ дар давоми 30-соли соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 44 маротиба дар шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он омода ва баргузор гардидааст. Тавассути чунин намоишҳо имконияти васеъи муаррифии таъриху фарҳанги миллати тоҷик ба тамошобинони дохилӣ ва хориҷии кишвар имконият фароҳам овардааст, ки аз таърихи бою пурғановати миллатӣ тоҷик аз наздик шиносоӣ пайдо намоянд.

**Намоишҳои байналмилалӣ ва маҷозӣ (вертуалӣ).** Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар фаъолияти кори худ, доир ба ташкил ва баргузории намоишҳои байналмилалии осорхонавӣ ба дастовардҳои муҳим ва натиҷабахш ноил гардидааст. Дар солҳои гуногуни истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби мутахассисони осорхона дар маҷмуъ 9 маротиба намоишҳои байналмилалӣ дар экспозитсияи осорхона ва берун аз ҳудуди кишвар омода ва баргузор намудаанд. Дар даҳаи аввали истиқлолияти давлӣ, ки солҳои 1991-2000-умро дар бар мегирад, намоишҳои байналмилалии осорхонавӣ баргузор нагардидааст. Оғоз аз соли 2005 Осорхонаи миллии Тоҷикистон фаъолияти кории бурунмарзии худро бо дигар осорхонаҳои ҷаҳон ба роҳ монда, дар ин замина намоишҳои байналмилалиро омода ва баргузор намудааст. Аз ҷумла

санаи 12-уми сентябри соли 2005 намоиши байналмилалӣ ЭКСПО - 2005 дар шаҳри Аичии давлати Ҷопон аз экспонатҳои нодири Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод омода ва баргузор гардид.

Санаи 9-уми майи соли 2015 намоиши байналмилалӣ таҳти унвони “Дар мубориза бар зидди фашизм мо ҳамроҳ будем”, дар шаҳри Москваи Федератсияи Русия бо иштироки як қатор давлатҳои собиқ Иттиҳоди давлатҳои мустиқил доир гардид. Дар намоиш аз фонди осорхона зиёда аз 32 осорҳои марбут ба ҶБВ пешниҳоди тамошобинони хориҷӣ гардид.

Санаи 11-уми ноябри соли 2016 намоиши байналмилалии рассомон барои сулҳ таҳти унвони “Дурдонаи Роҳи абрешим” - Душанбе, бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид. Дар намоиш асарҳои рассомон аз 17 кишвари ҷаҳон ба намоиш гузошта шуд. Намоиш асарҳои рассомон дар толори барҳавои Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар сатҳи баланди касбӣ омода ва пешниҳоди ҳаводорони санъати тасвирӣ карда шуд.

Санаи 22-уми ноябри соли 2018 намоиши байналмилалӣ таҳти унвони “Тоҷикистон ва Русия: бо Роҳи дӯстӣ ва созандагӣ” дар якҷоягӣ бо осорхонаҳои Федератсияи Русия ва бойгонии марказии Федератсияи Русия баргузор гардид. Дар намоиш бештар аксҳо аз ҳамкориҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва ғайра ба намоиш гузошта шуданд.

Санаи 11-уми апрели соли 2019 мутахассисони Осорхонаи миллӣ намоиши байналмилалиро таҳти унвони “Ганҷинаҳо аз осорхонаҳои Шоҳроҳи Бузурги Абрешим” дар Осорхонаи миллии Ҷумҳурии мардумии Чин баргузор намуд. Инчунин дар санаи 26-уми сентябри соли 2019 намоиши байналмилалии аксҳо аз ҷониби сафорати Ҷумҳурии мардумии Чин бахшида ба 70-соли соҳибистиқлолии Ҷумҳурии

Мардумии Чин солҳои 1949-2019 дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон омода ва баргузор гардид.

Санаи 5-уми августи соли 2021 бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президентҳои Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Туркманистон намоиши байналмилалӣ таҳти унвони "Либос ва унсурҳои миллии тоҷикӣ", дар шаҳри Туркменбошии Ҷумҳурии Туркманистон дар ҳошияи вохӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ баргузор шуд.

Санаи 13-уми октябри соли 2021 дар таърихи аврупо аввалин маротиба намоиш нигораҳои Тоҷикистон таҳти унвони «Тоҷикистон – кишвари дарёҳои тиллоӣ» дар Осорхонаи санъати Гимейи Ҷумҳурии Фаронса баргузор гардид. Дар маросими ифтитоҳи он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Фаронса Эммануэл Макрон иштирок ва аз намоиши байналмилалии Тоҷикистон дидан намуданд. Дар ин намоиши байналмилалӣ аз Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон 271 адад экспонатҳои нодир ба ҷаҳониён муаррифӣ карда шуд.[1]

Дар ин қисмати кор низ дар баробари намоишҳои байналмилалӣ инчунин намоиши маҷозӣ (вертуалӣ) мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Аз 30 ноябри соли 2020 то 28 феврали соли 2021 Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар намоиши «Мероси муштараки буддоии кишварҳои узви СҲШ», ки дар шакли маҷозӣ (онлайн/виртуалӣ) баргузор гардид, иштирок намуд. Намоиш бо истифода аз мундариҷаҳои рақамӣ, аз қабили аксҳо ва наворҳо ба шакли 3D ба тамошобинон пешниҳод карда шуд.

---

[1] Иштирок дар Намоиши нигораҳои Тоҷикистон таҳти унвони "Тоҷикистон - кишвари дарёҳои тиллоӣ" дар Осорхонаи Гимей Ҷумҳурии Фаронса [Манобеи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/26971 (санаи муроҷиат: 21.01.2022).

Намоиши «Мероси муштараки буддоии кишварҳои узви СҲШ» аввалин намоиши маҷозии мероси буддоия мебошад, ки дар он муассисаҳо ва осорхонаҳои кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай иштирок намуданд. Дар намоиши мазкур осорхонаҳои кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай, аз қабили Осорхонаи миллии Деҳлӣ ва Осорхонаи миллии Калкуттаи Ҷумҳурии Ҳиндустон, Осорхонаи миллии Қазоқистон, Академияи Дун Хуанги Ҷумҳурии мардумии Чин, Осорхонаи миллии таърихии Ҷумҳурии Қирғизистон, Осорхонаи Покистон, Осорхонаи санъати мардуми Шарқи Федератсияи Русия, Осорхонаи миллии Тоҷикистон, Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон ва Осорхонаи ёдгориҳои машҳури бостоншиносии Ӯзбекистон иштирок намудаанд.[1]

